**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**вилояти Хатлон**
**Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Муъминобод**

# ҚАРОР

**аз « 28 » сентябри соли 2015, №58 ш.Муъминобод**

Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии
ноҳияи Муъминобод барои солҳои 2016-2020

Мутобиқи моддаҳои 8,9,13 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иҷлосияи сеюми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Муъминобод, даъвати панҷум:

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Муъминобод барои солҳои 2016-2020 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Муовини якум, муовинони раиси ноҳия, роҳбари дастгоҳи раиси ноҳия, бахши иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, роҳбарони ташкилоту муассисаҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ (новобаста аз шакли моликияташон) ва раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия ҷиҳати амалӣ намудани Барномаи рушди ноҳия тадбирҳои мушаххас андешанд.

3. Роҳбари гуруҳи корӣ ва аъзоёни он оид ба таҳия ва татбиқи Барномаи рушди ноҳияи Муъминобод барои амалӣ намудани Барнома дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, Агентиҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату кумитаҳо, идораю муассисаҳои дахлдор, созмонҳои байналмилалӣ, фондҳои маблағгузор, ташкилоту муассисаҳои ғайридавлатӣ ва соҳибкорони ватанию хориҷӣ мувофиқа намуда, барои иҷроиши он мусоидат намоянд.

4. Ба мудири бахши иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия (Валиев С), сардори Раёсати молияи ноҳия (Азизов Қ), сардори нозироти андози ноҳия (Сафаров А) ва сардори шуъбаи омори ноҳия (Азизов Т), супориш дода шавад, ки ҳамасола ҳангоми таҳияи буҷети ноҳия иҷроиши самараноки Барномаи мазкурро ба инобат гиранд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Муъминобод гузошта шавад.

Раиси
Маҷлиси вакилони
халқи ноҳияи Муъминобод Т. Амиршозода

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

**МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ МУЪМИНОБОД**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ МУЪМИНОБОД

## барои солҳои 2016-2020

# МУНДАРИҶА


**Рӯйхати ихтисорот ... 5**
**Пешгуфтор ... 6**

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ МУЪМИНОБОД ... 8**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ ... 13**
2.1. Соҳаи кишоварзӣ ... 13
2.2. Соҳаи саноат ... 22
2.3. Соҳаи соҳибкории хурду миёна ... 25

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ ... 30**
3.1. Соҳаи маориф ... 30
3.2. Соҳаи тандурустӣ ... 35
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ... 41
3.4. Соҳаи фарҳанг ... 48
3.5. Соҳаи варзиш ва сайёҳӣ ... 50

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР ... 53**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ ... 53
4.2. Таъмини барқ ... 57
4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ... 58
4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ ... 60

**БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ... 61**
5.1. Ҳифзи муҳити зист ... 61
5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда, пешгирӣ ва паст намудани хатари онҳо ... 62

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ ... 68**
6.1. Неруи ташкилӣ ва зеҳнии ноҳия ... 68
6.2. Таъминоти буҷетӣ ва молиявӣ ... 68

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ ... 72**

**Замимаҳо ... 74**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БМШ | Беморхонаи марказии шаҳр |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВЭС | Вазорати энергетика ва саноат |
| ГК | Гуруҳҳои кории секторӣ |
| ГФТ | Гуруҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| КДФ «ХМК» | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» |
| КПМО | Кумитаи падару модарон ва омӯзгорон |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МНДСЭ | Муассисаи назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ |
| МДНРА | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард |
| М/Х | Маблағҳои худӣ |
| МИҲД | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СБСНМТ | «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |
| С/Д | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |

# ПЕШГУФТОР

Ноҳияи Муъминобод 0,9 фоизи ҳудуди умумии вилоятро ташкил медиҳад. Ноҳия дар тақсимоти меҳнати вилоят ҳамчун истеҳсолкунандаи маҳсулоти чорводорӣ ва растанипарварӣ ба ҳисоб меравад. Ҳиссаи он дар истеҳсоли маҳсулоти чорводории вилоят, аз ҷумла шир 21,5%, гӯшт 13,2%, пашм 12,8%, картошка 24%, сабзавот 21,6%, меваҷот 14,8% ва асал 17,1 фоизро ташкил медиҳад. Табиати зебои ноҳия барои рушди соҳаи туризм низ мувофиқ аст. Дар ноҳия 3 дарёчаи хурд мавҷуд аст, ки барои рушди минбаъдаи соҳаи гидроэнергетика замина мегузорад. Дар ноҳия канданиҳои фоиданоки табиӣ ба монанди тилло ва сурб (дар деҳаҳои Сайод, Чарги, Лиҷаки боло ҷамоати деҳоти Н. Назаров), мавҷуд аст. Дар ҳолати коркарди онҳо иқтисодиёти ноҳия рушд хоҳад ёфт. Ба иқтидорҳои зиёди мавҷудбудаи ноҳия нигоҳ накарда мушкилиҳое низ вуҷуд доранд, ки ба пешрафти ноҳия таъсири манфӣ мерасонад ва дар панҷсоли оянда бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта мақсади асосии Барнома аст.

Дар раванди тарҳрезии Барномаи мазкур талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ», “Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шудааст) ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ (Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015”, “Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015” ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ ба инобат гирифта шудааст.

Ҳадафи асосии Барнома таъмин намудани рушди устувори соҳаҳои воқеӣ дар асоси истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, беҳтар намудани хизматрасонии замонавии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии мардуми ноҳия мебошад. Барномаи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро барои давраи миёнамуҳлат муайян мекунад.

Ба Барномаи рушди ноҳия 182 лоиҳа бо маблағи 163262 ҳаз. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 60 лоиҳа бо маблағи 65757 ҳаз. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 42 лоиҳа бо маблағи 48145 ҳаз. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 67 лоиҳа бо маблағи 44142 ҳаз. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 2 лоиҳа ба маблағи 240 ҳаз. сомонӣ бахши ҳифзи муҳити зист, 8 лоиҳа бо маблағи 4908 ҳаз. сомонӣ ба бахши ҳолатҳои фавқулодда ва 3 лоиҳа бо маблағи 70 ҳаз. сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ рост меояд.

*Барои амалӣ намудани “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Муъминобод барои солҳои 2016-2020” аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ* ***163,262 ҳазор сомонӣ*** *дар назар дошта шудааст, аз он ҷумла:*

*Тақсимоти маблағҳои “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Муъминобод барои солҳои 2016-2020” аз рӯи соҳаҳо ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳаз. сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ, ҳазор сомонӣ | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 18702 | 1040 | 4240 | 3822 | 2320 | 1900 |
| Саноат | 7170 | 82 | 438 | 1350 | 2100 | 3200 |
| Соҳибкории хурду миёна | 3555 | 1231 | 956 | 956 | 406 | 6 |
| Сохтмон | 36330 | 8030 | 12880 | 7420 | 4300 | 3700 |
| Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ | 65757 | 10383 | 18514 | 13548 | 9126 | 8806 |
| Маориф | 20760 | 2100 | 5310 | 4650 | 3200 | 5500 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 12830 | 3405 | 4145 | 4040 | 1240 | 0 |
| Фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ | 14555 | 5857 | 6218 | 2480 | 0 | 0 |
| Ҳамагӣ, блоки иҷтимоӣ | 48145 | 11362 | 15673 | 11170 | 4440 | 5500 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 16141 | 1481 | 3194 | 4419 | 4495 | 2552 |
| ХМК | 8315 | 1035 | 1666 | 2099 | 2210 | 800 |

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ, ҳазор сомонӣ | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Барқтаъминкунӣ | 8365 | 1443 | 2184 | 2675 | 1428 | 635 |
| Нақлиёт ва роҳ | 10736 | 2537 | 2000 | 2570 | 1719 | 1910 |
| Алоқа ва фазои иттилоотӣ | 585 | 60 | 235 | 190 | 100 | |
| Ҳамагӣ, инфрасохтор | 44142 | 6556 | 9279 | 11953 | 9952 | 5897 |
| Ҳифзи муҳити зист | 240 | 70 | 80 | 90 | 0 | 0 |
| Пешгирии ҳолатҳои фавқулодда | 4908 | 1992 | 1402 | 1514 | 0 | 0 |
| Таъминоти захиравӣ | 70 | 0 | 50 | 20 | 0 | 0 |
| Ҳамагӣ, арзиши БРН | 163262 | 30363 | 44998 | 38295 | 23518 | 20203 |
| Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ | 81420 | 18928 | 26652 | 16410 | 11730 | 7700 |
| Буҷети вилоятӣ | 920 | 80 | 280 | 280 | 280 | |
| Буҷети маҳаллӣ | 799 | 207 | 166 | 379 | 30 | 17 |
| Маблағҳои худии соҳибкорон, аҳолӣ, х/д, ташкилоту муассисаҳо | 24883 | 5826 | 7789 | 7876 | 3086 | 306 |
| Сармоягузории хориҷӣ | 18949 | 1013 | 4249 | 5334 | 4483 | 3870 |
| Лоиҳаҳои маблағгузориаш номуаян | 36291 | 2990 | 6060 | 7140 | 4699 | 8310 |

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ
# ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ НОҲИЯИ МУЪМИНОБОД

***Маълумоти ҷугрофӣ ва сохти маъмурию ҳудудии ноҳия.*** Ноҳияи Муъминобод вобаста ба мавқеъи ҷуғрофиаш мавзеи кӯҳсор буда, дар қисмати ҷанубу ғарбии Тоҷикистон ҷойгир шудааст. Масоҳати умумии ноҳия 880,6 км$^2$ мебошад. Фосила аз маркази ноҳияи Муъминобод то пойтахти ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе 252 км, то маркази вилояти Хатлон шаҳри Қурғонтеппа 200 км ва то шаҳри Кӯлоб 42 км-ро ташкил медиҳад. Ноҳия 0,06%-и ҳудуди умумии ҷумҳуриро ишғол намуда дар баландии аз 1400 м (деҳаи Туту) то 1800 м (мавзеи Чилдухтарон) аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошад.

*Харитаи ҳудудҳои маъмурии ноҳияи Муъминобод*



Ноҳияи Муъминобод аз шимол бо ноҳияҳои Ховалинг ва Тавилдара, аз шарқ бо ноҳияи Шӯрообод, аз ҷануб бо шаҳри Кӯлоб ҳамсарҳад аст. Дар ҳудуди ноҳия ба дарозии 82 км қаторкӯҳҳои Муъминобод тӯл кашидааст. Иқлими ноҳия континенталӣ буда, тобистон то 39 дараҷа гарм ва зимистон то 15 дараҷа хунук мешавад. Аз қаламрави ноҳияи Муъминобод ду дарёи калон - Сурхак ва Ёхсу ҷорӣ ҳастанд, ки аз барфҳо ва оби борон сарчашма гирифта, ба водиҳо ҷорӣ мешавад. Як қисми дарёи Сурхак ба воситаи канали Қулулу обанбори машҳури Муъминободро бо об пур мекунад. Ғунҷоиши обанбори Муъминобод 32 млн. м3-ро ташкил медиҳад ва дар оянда барои рушди саёҳати экологӣ имконият фароҳам меоварад. Миқдори миёнаи солонаи боришот 529 мм буда, дар давоми сол нобаробар тақсим мешаванд (дар мавсими сармо миқдори боришот 427 мм ва дар мавсими гармо бошад то 102 мм).

Дар ноҳия дарахтони шафтолу, хуч, олуболу, олуча, тут, зардолу, олу, чормағз, себ, гелос, нок, муруд, ангур, ва дарахтони censoredаф кан мерӯянд.

Ноҳияи Муъминобод аз 7 ҷамоат иборат мебошад, аз ҷумла ҷамоати шаҳраки Муъминобод, ҷамоатҳои деҳоти Н.Назаров, Чилдухтарон, Деҳибаланд, Боғғаӣ, Ш. Шоҳин ва Балхобӣ иборат мебошад.

*Маълумотнома оид ба ҳудудҳои маъмурии ноҳияи Муъминобод*

| № | Номи ҷамоатҳо | Шумораи деҳаҳо | Масофа то маркази ноҳия (км) | Шумораи аҳолӣ (нафар) | Шумораи хонавода | Мактаби миёна | Мактаби асосӣ | Мактаби ибтидоӣ | Муассисаҳои томактабӣ | Китобхонаҳо | Мактаби мусиқии бачагона | Беморхонаҳо | Маркази саломатӣ /бунгоҳҳо | Нуқтаи фурӯши сузишворӣ | Ошхона | Дукон ва мағоза | Ҳаммом | Сеххои дузандагӣ | Сартарошхона | Ҷувози барқи ва обӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҷамоати шаҳраки Муъминобод | 18 к | | 13400 | 1815 | 3 | - | - | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 4 | 6 | 166 | 2 | 1 | 4 | - |
| 2 | ҷ/д Н.Назаров | 28 | 5 | 15840 | 2171 | 5 | 4 | 1 | | 2 | - | - | 7 | 1 | - | 46 | | | | 1 |
| 3 | ҷ/д Чилдухтарон | 47 | 25 | 6498 | 842 | 4 | 5 | 2 | | - | - | - | 6 | - | - | 15 | | | | |
| 4 | ҷ/д Деҳибаланд | 16 | 5 | 14362 | 1933 | 6 | - | - | | 3 | - | - | 7 | 2 | 1 | 68 | | | | |
| 5 | ҷ/д Боғгаӣ | 16 | 12 | 11931 | 1410 | 6 | 2 | 2 | | 4 | - | - | 8 | 1 | - | 25 | | 1 | | 1 |
| 6 | ҷ/д Ш.Шоҳин | 17 | 27 | 10769 | 1275 | 3 | 2 | - | | 2 | - | - | 8 | - | - | 15 | | | | 1 |
| 7 | ҷ/д Балхобӣ | 14 | 50 | 11500 | 1365 | 6 | 4 | - | | 1 | - | - | 8 | 2 | 2 | 11 | | | | |
| | Ҳамагӣ: | 138 | 124 | 84300 | 10811 | 33 | 17 | 5 | 1 | 10 | 1 | 1 | 45 | 10 | 9 | 346 | 2 | 2 | 4 | 3 |

***Маълумоти таърихӣ.*** Ноҳияи Муъминобод (дар замони собиқ ИҶШС ноҳияи Ленинград) 29 декабри соли 1973 таъсис ёфтааст. Номи бостонии ин сарзамин Чорсу будааст. Вожаи калимаи Муъминобод аз «муъмин» ва «обод», ба вуҷуд омадааст ва он ҳамчун ифодагари ҷои обод мебошад.

***Ҳолати демографии ноҳия.*** Теъдоди умумии аҳолии ноҳияи Муъминобод ба ҳолати 1 январи соли 2015 ҳамагӣ 84300 нафарро ташкил медиҳад, аз ҷумла шумораи мардон 41725 нафар ва шумораи занон 42575 нафар мебошад. Суръати миёнаи афзоиши солонаи аҳолӣ 1,73 фоизро ташкил медиҳад. Ноҳияи Муъминобод аз рӯи хусусияти иқтисодиаш аграрӣ буда, аҳолии он пурра дар деҳот зиндагӣ менамоянд. Зичии ҷойгиршавии аҳолии ноҳия дар 1 километри мураббаъ 95 нафарро ташкил медиҳад. Ҳайати миллии аҳолии ноҳияи Муъминободро 98,1% тоҷикон ва 1,9% дигар милатхо ташкил медиҳанд.

*Маълумотҳои демографии ноҳияи Муъминобод*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Шумораи умумии аҳолии ноҳияи Муъминобод | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
| 1 | Шумораи хоҷагиҳо (хонаводаҳо) | адад | 10461 | 10690 | 10831 |
| 2 | Аҳолии доимӣ | нафар | 81100 | 82600 | 84300 |
| - | Аз ин, мард | нафар | 40348 | 42125 | 41725 |
| - | Зан | нафар | 40752 | 40475 | 42575 |
| | Аз ҷумла, кӯдакони синни 3-6 сола | нафар | 8317 | 8472 | 8647 |
| - | Кӯдакони то синни 14 сола | нафар | 32384 | 32984 | 34146 |
| - | Кӯдакони то синни 17 сола (умумӣ) | нафар | 36738 | 37417 | 38187 |
| - | Гурӯҳи миёнасолон (15-62 (57 барои занон) сола) | нафар | 45101 | 46547 | 47275 |
| - | Гурӯҳи калонсолон (63 (занон-57сола) ва боло) | нафар | 3888 | 4015 | 4078 |
| - | Муҳоҷирони меҳнатӣ (маълумоти сатҳи ҷамоатҳо) | нафар | 2361 | 2193 | 2193 |
| 3 | Аҳолии қобили меҳнат | нафар | 45101 | 46547 | 47275 |
| 4 | Бекорон | нафар | 1102 | 1122 | 1233 |
| 5 | Аҳолии ба кор машғулбуда дар ташкилоту корхонаҳо | нафар | 5993 | 3785 | 3808 |
| 6 | Шумораи коргарони дар иқтисодиёт машғулбуда | нафар | 8368 | 8585 | 8772 |

Дар солҳои 2012-2014 шумораи аҳолии доимӣ ба 3,9 фоиз зиёд шуда, муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ (аз рӯи маълумотҳои ҷамоатҳо) ба 0,9 фоиз кам шуд.

*Тамоюлҳои демографии аҳолии ноҳияи Муъминобод*

| Солҳо | Шумораи таваллудшудагон | Шумораи фавт | Афзоиши табии аҳолӣ | Афзоиши табии аҳолӣ бо % | Шумораи умумии аҳолӣ, ҳазор нафар |
|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 1738 | 234 | 1504 | 1,7 | 81,1 |
| 2013 | 1781 | 211 | 1570 | 1,8 | 82,6 |
| 2014 | 1748 | 224 | 1524 | 1,7 | 84,3 |

Дар панҷ соли минбаъда, яке аз самтҳои муҳими Барномаи мазкур, беҳтар намудани шароити хизматрасонии иҷтимоии кӯдакони маъюб мебошад. Зеро дар ноҳияи Муъминобод аз шумораи умумии маъюбон 10,7 фоизи онро кӯдакони то синни 18 сола ташкил медиҳад.

***Иқтидорҳои мавҷуда ва истифодаи самараноки он.*** Дар ҳудуди ноҳияи Муъминобод захираҳои зиёди табиии тилло, сурб ва ашёи хом барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ мавҷуд мебошад, вале аксарияти он айни замон пурра мавриди таҳқиқ ва коркарду истифода қарор дода нашудаанд.

Дар оянндаи миёнамӯҳлат ин захираҳо ҷиҳати ташаккули корхонаҳои коркарди саноати кӯҳӣ мусоидат намуда, дар сурати ҷалби мақсадноки сармоя ва истифодаи самараноки он, метавонад омили рушди устувори иқтисодии Муъминобод гардад.

Дарёҳои мавҷудаи ноҳияи Муъминобод барои бунёди силсилаи НОБ-ҳои хурду миёна хеле қулай мебошанд.

Дар панҷ соли оянда дар доираи Барномаи мазкур бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ сохтмони якчанд адад НОБ-ҳои хурди дигар, (аз ҷумла НБО-ҳои хурди дар деҳаи Марғак бо иқтидори 60 кв/с, дар деҳаи Шаҳринави поён бо иқтидори 60 кв/с, дар деҳаи Боғгаӣ бо иқтидори 80 кв/с) пешбинӣ мегардад.

Ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ шароити ҷуғрофию табиии, ёдгориҳои таърихӣ ва мавқеъи ҷойгиршавии ноҳияи Муъминобод мусоид мебошанд, аммо айни ҳол имкониятҳои имрӯзаи иқтисодӣ ва инфрасохтории мавҷудаи ноҳия барои рушди соҳаи сайёҳӣ мувофиқ нест.

Дар сурати барқарор намудани пойгоҳҳо обкашӣ ва 12 чоҳҳои амудӣ ва ба гардиш даровардани 702 гектар заминҳои мавзеъҳои ҷамоатҳои деҳоти Боғгаӣ, Деҳбаланд, Н. Назаров имконияти зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли картошка то 12%, ғалла то 18%, асал то 31% ва сабзавот то 15% ва хӯроки чорво то 27%, муяссар мегардад.

Айни замон инфрасохтори ноҳияи Муъминобод дар ҳолати ғайриқаноъатбахш қарор дорад ва ин омил ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия таъсири манфӣ мерасонад. Бо назардошти солҳои тӯлонӣ таъмир нагаштани роҳҳои маҳаллӣ, айни замон барқарорсозӣ ва таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ масъалаи ҳалталаб ва мубрам ба ҳисоб меравад.

## Биниши ноҳия Муъминобод

*Ноҳияи – мавзеи мутараққии истеҳсол ва коркарди маҳсулоти саноатию кишоварзӣ ва саноати кӯҳӣ, дорои инфрасохтори муосири иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию маишӣ, бо шароити мусоиди соҳибкории хурду миёна ва муҳити тозаи экологӣ, ки дар он мардуми соҳибмаърифату солим ва саховатманд кору зиндагӣ менамоянд.*

Биниши мазкур дар асоси таҳлили тарафҳои қавӣ ва заифи рушди ноҳия, бо назардошти имкониятҳои беруна ва таҳдидҳо таҳия гаштааст.

*Таҳлили вазъи умумии ноҳия (SWOT)*

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| • Мавҷудияти захираҳои меҳнатии озод дар ноҳия.<br>• Мавҷудияти захираҳои кофии замин.<br>• Мавқеъи қулайи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва шароитҳои мусоиди табиию иқлим барои рушди кишоварзи.<br>• Мавҷудияти захираҳои бойи табиии.<br>• Мавҷудияти заминҳои шудгоршавандаи ҳосилхез.<br>• Вуҷуд доштани ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ.<br>• Халқи меҳнатдӯст.<br>• Гуногунрангии олами набототу ҳайвонот.<br>• Мавҷудияти шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ.<br>• Мавҷудияти ҳоҷагиҳои пуртаҷрибаи деҳқонӣ ва фермерии инфиродӣ.<br>• Таҷрибаи кор бо сармоягузорони хориҷӣ.<br>• Мавҷудияти рӯзномаи ноҳиявӣ.<br>• Дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ. | • Дар масофаи дур ҷойгир будани ноҳия аз роҳи оҳан ва фурудгоҳи байналмиллалӣ.<br>• Заминаи сусти моддию техникии соҳаи кишоварзӣ ва нокифоягии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ.<br>• Субвенсионӣ будани ноҳия.<br>• Фарсуда гаштани фондҳои асосии мавчуда.<br>• Дастрас набудани инфрасохтори зарурии аввалиндараҷа.<br>• Ҳаҷми нокифоягии ҷалби сармоя барои ташкили корхонаҳои коркарди захираҳои табиӣ.<br>Набудани ҷойҳои кории зарурӣ.<br>• Ҳолати ногувори роҳҳои маҳаллӣ ва фарсудагии иншоотҳои обтаъминкунии ноҳия.<br>• Мавчуд набудани нақшаи генералии ноҳия.<br>• Нокифоягии иншоотҳои таъминоти оби полезӣ.<br>• Шумораи нокифояи соҳибкорони хурду миёна дар ноҳия.<br>• Аз ҳудуди ноҳия нагузаштани ягон шоҳроҳи автомобилгард ва дар бумбасти коммуникатсионӣ қарор доштани ноҳия.<br>• Мавчуд набудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзию саноатӣ |

| | |
|---|---|
| | • Истифода ғайрисамараноки иқтидорҳои мавҷуда.<br>• Фоизи баланди қарзҳои бонкӣ ва пешниҳод нашудани қарзҳои дарозмӯҳлат ва имтиёзнок<br>• Нокифоягии ҷойҳои корӣ ва сатҳи пасти музди меҳнат<br>• Сатҳи баланди муҳоҷирати аҳолии қобили меҳнат.<br>• Мавҷуд набудани механизми баҳогузории талаботи категорияи осепазири аҳолӣ дар дурнамои буҷет |
| Имкониятҳо | Хатарҳо |
| • Рушди соҳибкории хурду миёна ва ташкили ҷойҳои кории нав.<br>• Сохтмону ба истифода супоридани корхонаҳои саноати кӯҳкорӣ.<br>• Рушди соҳаи кишоварзӣ<br>• Ҷалби мақсадноки сармояи дохилӣ ва хориҷӣ.<br>• Ташкили инфрасохтори замонавӣ.<br>• Дастрас намудани қарзҳои хурд.<br>• Бунёди НБО-и хурду миёна<br>• Таҳияи Барномаи рушди ноҳия | • Офатҳои табиӣ (обхезӣ, ҷола, сел, хушксолӣ, тарма ва ғайра).<br>• Коррупсия.<br>• Эҳтимолияти таҳдиди касалиҳои сирояткунанда. |

# БОБИ 2. БАХШИ ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Соҳаи кишоварзӣ

Соҳаи кишоварзӣ самти асосии рушди иқтисодиёти ноҳияи Муъминобод буда, дар ҳаёти иқтисодии ноҳия нақши аввалиндараҷаро мебозад. Дар соҳаи кишоварзӣ қисми асосии аҳолии қобили меҳнат (85%) фаъолият менамоянд ва барои аксарияти мардум кишоварзӣ манбаи ягонаи даромад ба шумор меравад. Самтҳои асосии соҳаи кишоварзии ноҳия, растанипарварӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ мебошанд. Дар ноҳияи Муъминобод истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ хоҷагиҳои деҳқонии ҷамоавӣ (8%), хоҷагиҳои инфиродӣ (30%), аҳолӣ (62%) мебошанд. Ҳиссаи хоҷагиҳои зикршуда дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, хусусан дар истеҳсоли картошка ва сабзавот ва хоҷагиҳои инфиродӣ бошад, дар истеҳсоли пашм, гӯшт, шир, тухм, асал, ғалладонагиҳо ва мева зиёд мебошад.

Аҳолии ноҳияи Муъминобод ба парвариши растаниҳои ғалладонагӣ (гандум, лубиё ва ҷав), сабзавот, картошка, мева, хӯроки чорво (юнучқа ва испарсет) ва чорводорӣ шуғл меварзанд. Аксарияти аҳолии деҳот даромади худро аз ҳисоби фурӯши картошка, сабзавот, мева ва маҳсулоти чорводорӣ ба даст меоранд.

Мақсади асосии кишоварзони ноҳия Муъминобод дар доираи Барномаи мазкур тайи панҷ соли минбаъда, аз худкунӣ ва обёрии заминҳои нав, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда, хушзоткунии чорвои маҳаллӣ, бо роҳи интенсивӣ бунёд намудани боғҳои нав, рушди занбури асалпарварӣ ва истифодаи оқилонаю самараноки чарогоҳҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои хурди коркарди меваю сабзавот ва пӯсту пашм мебошад.

Дар соли 2014 ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолкардаи хоҷагиҳои ноҳияи Муъминобод 5,8 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии вилоятро (аз ҷумла, ғалладонагӣ 9,1%, сабзавот 21,6%, картошка 24 %, меваҷот 14,8 %, шир 21,5 %, гӯшт 13,2 %, тухм 7,2 %, асал 17,1 % ва пашм 12,8 %) истеҳсол намудаанд.

***Шакли фаъолияти соҳаи кишоварзӣ.*** Айни замон дар ноҳияи Муъминобод 4980 хоҷагии деҳқонии инфиродӣ, 155 адад Кооперативи тиҷорати, 1 хоҷагии илмии ба номи Ш. Зариф ва хоҷагии ҷангали Муъминобод фаъолият дорад. Шумораи хонаводаҳо аз 10811 адад иборат мебошад, ки аз он 84,2 фоизро хонаводаҳое, ки аз 5-6 нафар зиёд аст, ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии хоҷагии деҳқонии инфиродӣ 1017 ададашро занҳо роҳбарӣ менамоянд. Аксарияти аҳолие, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд занҳо мебошанд, зеро қисми зиёди мардони қобили меҳнат дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд.

***Таъминоти техникии хоҷагиҳои кишоварзӣ.*** Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Муъминобод ба таври кофӣ бо техникаи нави кишоварзӣ таъминанд ва барои кишти замин аз 496 адад тракторҳои шудгоркунанда истифода мебаранд. Соли 2014 ба ноҳияи Муъминобод 53 адад трактори чархдор ворид шудааст, инчунин 12 дар тавозуни КВД “Тоҷикагролизинг”, қарор дорад. Зимнан ба ҳар як трактори воридшуда 220 гектар замини корам, 57,5 гектар майдони боғу токзорҳо ва дар маҷмӯъ ба ҳар трактор 226 гектар замин рост меояд. Таъмин будан бо техникаи муосир дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим мебозад. Аз 496 адад техникаву таҷҳизоти дар тавозуни хоҷагиҳои кишоварзӣ мавҷуд 79 фоизаш коршоям (153 адад трактор, 15 адад комбайнҳои хурд, 130 адад сипорҳои тракторӣ) ва 80 фоизаш дар ҳолати корношоям қарор дорад. Аз шумораи умумии техника ва таҷҳизот 52 фоиз трактори шудгоркунанда (153 адад), 44,2 фоиз испори тракторӣ (160 адад) мебошанд. Заминҳои масоҳати хурд дошта ва санглох бештар бо истифодаи барзагови корӣ шудгор карда мешавад. Маблағи барои таъмир ва барқарорсозии техникаю таҷҳизотҳо пешбинишуда нокифоя буда, таъмир ва барқарорсозии техникаҳо аз ҳисоби хоҷагиҳо низ ғайри имкон гаштааст.

*Ҷадвали № 1. Маълумот оид ба техникаи кишоварзӣ*

| № | Номгӯи тракторҳо | Ҳамагӣ | Омода | %-и омодагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳои шудгоркунанда | 153 | 122 | 80% |
| 2 | Автомобилҳо | 73 | 55 | 75% |
| 3 | Комбайнҳои хурд | 15 | 13 | 87% |
| 4 | Ядакҳои тракторӣ | 89 | 69 | 78% |
| 5 | Достҳои тракторӣ | - | - | - |
| 6 | Алафчамъкунакҳо | 2 | 2 | 100% |
| 7 | Тойбандакҳо | 1 | 1 | 100% |
| 8 | Тухмипошакҳо | - | - | |
| 9 | Култиваторҳо | 3 | 2 | 67% |
| 10 | Сипорҳои тракторӣ | 160 | 130 | 81% |
| | Ҷамъ: | 496 | 394 | 79% |

Душвориҳои асосие, ки ба он хоҷагиҳои кишоварзӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ин пеш аз ҳама заминаи сусти базаи моддию техникӣ, суст будани вазъи молиявии хоҷагиҳо, дастрас набудани қисмҳои эҳтиётӣ, камчинӣ ва гаронии нархҳои сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, қисман фарсуда шудани техникаю таҷҳизоти кишоварзӣ, норасогии кадрҳои баландихтисос ва ғайра маҳсуб меёбад.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки дар ноҳияи Муъминобод фаъолияти КВД "Тоҷикагролизинг" тақвият дода шуда, теъдоди техникии он иловатан ба 15 адад зиёд карда шуда, дар заминаи он нуқтаи таъмиру хизматрасонии техникӣ ва инфрасохтори ёрирасон ташкил карда шавад.

**Истифодаи заминҳо.** Аз рӯи маълумоти расмӣ ба ҳолати 1 январи соли 2015 майдони умумии заминҳои ноҳия 121 ҳазору 479 гектар ва шумораи заминистифодабарандагон 1 ҳазору 4716 нафар ба қайд гирифта шудааст. Заминҳои қобили истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ 102 ҳазору 377 гектарро (аз ин 4 ҳазору 687 га обӣ ) ташкил медиҳад. Аз майдони умумии заминҳо 67 ҳазору 555 га бевосита заминҳои кишоварзӣ, 2 ҳазору 576 га замини наздиҳавлигӣ (413 га обӣ), 1 ҳазору 189 га замини ёрирасони шахсӣ (50 га обӣ), 18 га фонди захиравӣ, 8 ҳазору 451 га ҷангалу бешазор, 14 ҳазору 19 га буттазор, 1 ҳазору 423 га замини зери об, 715 га зери роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар, 717 га замини зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо ва 24 ҳазору 834 га дигар заминҳо мебошанд.

*Диаграммаи №1. Сохтори истифодаи умумии замини кишоварзӣ (ба ҳисоби %)*



Аз майдони умумии дарахтони бисёрсола 2 ҳазору 328 га боғот (433 га обӣ), 632 га токзор (1 га обӣ) 37 га тутзор (12 га обӣ) ва 3 га ниҳолпарваришгоҳ (3 га обӣ) мебошанд. Заминҳои корами обӣ асосан барои кишти картошка, сабзавот, полезӣ, ғалладонагӣ ва зироатҳои хӯроки чорво истифода бурда мешаванд.

Дар ноҳия имконияти зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои боир (партов 126 га, аз ин 1 га обӣ) мавҷуд аст. Ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани ин заминҳо яке аз самтҳои Барнома аст.

Барои ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо меваи тару тоза соли 2014 дар ҳудуди ноҳия аз ҳисоби маблағҳои худии хоҷагиҳои кишоварзӣ 313 гектар боғҳои нави себ, зардолу, нок ва гелос дар мавзеҳои ҷамоатхои деҳоти Чилдухтарон, Деҳибаланд ва ба номи Н.Назаров бунёд шудааст. Инчунин дар соли 2014 дар деҳаҳои–Савзакпоя, Сайёд, Чилдухтарон дар майдони 86 гектар боғи себ, 15 га гелос, 10 га токзор ва дигар намудҳо аз ҳисоби маблағҳои худии хоҷагиҳои кишоварзӣ ва сармояи хориҷӣ шӯъбаи Каритас) барқарор карда шуданд.

***Маҳсулоти кишоварзӣ ва даромади он.*** Соли 2014 хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Муъминобод бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар ҳаҷми 489,9 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз он 294,6 млн. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ (60,1%) ва 195,4 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ (39,9%) рост меояд. Тибқи маълумоти омори расмӣ соли 2014 ба ҳар нафар сокини ноҳияи Муъминобод 322 кг ғалладонагӣ, 138 кг мева, 197 кг сабзавот, 249 кг картошка, 75 кг ангур, 37 кг полезиҳо, 131 литр шир, 98 кг гӯшт ва 19 дона тухм рост омадааст.

*Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳияи Муъминобод аз рӯи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар тӯли солҳои 2012-2014 (бо нархҳои муқоисавӣ) (ҳаз. сомонӣ)*




Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2014 дар қиёс ба соли 2012 ба маблағи 140,6 млн. сомонӣ ва ё 40,3 фоиз афзоиш ёфтааст. Маҳсулоти истеҳсолшуда аз намудҳои картошка, сабзавот ва мева метавонад талаботи дохилии ноҳияро қонеъ гардонад ва инчунин содирот карда шавад. Вале масоҳати заминҳои киштбоби ноҳия барои пурра таъмин намудани аҳолии ноҳия бо тамоми намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ басанда нест. Дар шароити кунунӣ дар ноҳияи Муъминобод бо назардошти иқтидорҳои мавҷуда, истифодаи заминҳои бекорхобида ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии

заминҳо тариқи таъмиру барқарорсозии шабакаҳои обёрӣ, роҳандозӣ намудани обёрии қатрагӣ, истифодаи самараноки заминҳои мавҷуда, азхудкунии заминҳои бекорхобида имконияти аз худ намудани 310 га замини нави обёришаванда мавҷуд аст.

**Растанипарварӣ** қисми асосии соҳаи кишоварзии ноҳияи Муъминободро ташкил медиҳад. Дар сохтори маҷмӯи умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳияи Муъминобод соҳаи растанипарварӣ 60,1 фоизро ташкил медиҳад. Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия ба парвариши ғалладонагӣ (гандум, ҷав, лӯбиё), картошка, сабзавот (карам, сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг, боқило ва ғ.) ва хӯроки чорво (юнучқа ва испарсет) машғуланд.

*Ҷадвали № 2. Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ноҳияи Муъминобод*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | 2014 нисбат ба 2010 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ғалладонагӣ | тонна | 27641 | 27744,7 | 28916 | 27214 | 98,5 |
| | Замини кишт | га | 12055 | 11599 | 11078 | 10442 | 86,6 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер/га | 22,9 | 23,9 | 26,1 | 26 | 113,5 |
| 2 | Сабзавот | тонна | 12261 | 13520 | 13485 | 16624 | 135,6 |
| | Замини кишт | га | 525 | 615 | 635 | 692 | 131,8 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер/га | 235 | 219 | 227 | 240 | 102,1 |
| 3 | Картошка | тонна | 18721 | 24126 | 28761 | 21004 | 112,2 |
| | Замини кишт | га | 900 | 1200 | 1350 | 965 | 107,2 |
| | Хосилнокӣ | сентнер/га | 208 | 201 | 213 | 218 | 104,8 |
| 4 | Меваҷот | тонна | 10338 | 10644 | 11249 | 11639 | 112,6 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер/га | 87 | 89 | 90 | 92 | 105,7 |
| 5 | Хӯроки чорво | тонна | 36262,8 | 36263 | 46057 | 50183 | 138,4 |
| | Замини кишт | га | 1216 | 1243 | 1459 | 1356 | 111,5 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер/га | 29,8 | 29,9 | 31,5 | 36,9 | 123,8 |

Дар ноҳия дар давоми солҳои 2011-2014 афзоиши истеҳсоли ҳама намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ, ба истиснои ғалладонагӣ ба мушоҳида мерасад, ки яке аз сабабҳои асосии он кам гардидани майдони кишти он маҳсуб меёбад. Дар навбати худ, аз ҳисоби кам кардани майдони кишти ин намуди зироат, майдони кишти дигар намудҳои зироатҳо, аз ҷумла сабзавот ба 31,8 фоиз, картошка 7,2 фоиз ва хӯроки чорво 11,5 фоиз зиёд карда шудааст.

Шароитҳои табиию иқлими ноҳияи Муъминобод барои рушди боғдорӣ мусоид буда, имконият фароҳам меорад, ки майдони боғҳо бо назардошти ташкили боғҳои интенсивӣ ва дарахтони навъҳои серҳосили себ, нок, зардолу, олу, олуча ва гелос васеъ намуда, ҳаҷми бештари содирот ва фурӯши онро таъмин намояд.

Бо назардошти шароитҳои мусоиди иқлими дар тӯли солҳои 2010-2014 дар хоҷагиҳои ноҳия зиёда аз 1100 га боғҳои нави дарахтони мевадиҳанда ва сояафкан бунёд гардидааст.

Дар доираи татбиқи Барномаи рушди ноҳия бошад дар тӯли солҳои 2016-2020 васеъ кардани майдони боғот аз ҳисоби 1000 га заминҳои кишоварзӣ (талу теппа), азхудкунию обёрии заминҳои нав дар майдони 310 га, азнав барқарор намудани 320 га боғҳои кӯҳна ва бунёди 85 га ҷангалзор дар назар дошта шудааст, ки ин барои таъсиси 3880 ҷои нави корӣ замина мегузорад.

Яке аз мушкилиҳои асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад ин дар сатҳи ночиз қарор доштани коркарди меваю сабзавот маҳсуб меёбад. Бинобар сабаби дар ноҳияи Муъминобод вуҷуд надоштани корхонаи коркарди мева миқдори зиёди меваҷот исроф гардида, он ҳамчун хӯроки чорво истифода мегардад ва сабаби зарари молияви хоҷагиҳои боғпарвар мегардад.

Дар доираи Барномаи мазкур ташкил ба роҳ мондани ташкили нуқтаи қабули меваи хушк ва сохтмони коргоҳҳои хурди коркарди меваю сабзавот дар маркази ноҳия яке аз афзалиятҳои асосии соҳа маҳсуб хоҳад ёфт.

Дар асоси комёбиҳои илмӣ ба роҳ мондани муҳофизати боғот аз касалиҳо ва ҳашароти зараррасон боиси афзоиши ҳосилнокӣ ва истеҳсоли бештари меваҷот хоҳад гардид. Аз ин лиҳоз, дарояндаи миёнамӯҳлат бо ҷалби сармоя аз тамоми сарчашмаҳои имконпазир ҷиҳати ҳифзу нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ самти дигари муҳими рушди соҳа ба ҳисоб меравад.

***Низоми обёрӣ.*** Дар ноҳия Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ, Ассосатсияи истифодабарандагони оби «Бустон» фаъолият мекунад. Дар тавозуни корхонаҳои мазкур 145 иншоот ва пойгоҳи обкашӣ мавҷуд аст.

Яке аз хусусиятҳои хоси ноҳия нисбати дигар минтақаҳои вилоят дар он аст, ки ноҳия дар постхамии қатор-кӯҳҳо ҷойгир шудааст. Аз ин ҳисоб сатҳи обҳои зеризамини хеле баланд буда, боиси бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва вазъи экологӣ гардидааст. Ин аст, ки дар соли 2015 зиёда аз 360 гектар замини кишоварзӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративӣ қарор дорад.

Воқеан, дар ноҳия майдони умумии заминҳои обии кишоварзӣ 2 ҳазору 676 гектарро ташкил дода, тибқи кадастраи ҳосилоти ОВХ-1 заминҳои ҳолати мелиоративиашон қаноатбахш 2 ҳазору 316 га ва ғайриқаноатбахш бошад 360 га мебошад.

Наҳрҳои (каналҳои) обтаъминкунии байни хоҷагӣ ҳудуди ноҳия 19 км. буда, 60 фоизи он (11,5 км) дар ҳолати ғайриқаноатбахш мебошад. Наҳрҳои дохили хоҷагӣ 27,6 км-ро ташкил медиҳад. Аз масоҳати умумии наҳрҳои мавҷуда 6 км. он дар ҳолати қаноатбахш ва 33,1 км.дигар дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад.

Дар ҳудуди ноҳия заминҳои обӣ тавассути наҳрҳо ва пойгоҳҳои обкашӣ обёрӣ карда мешаванд ва аз сабаби суст будани низоми маблағгузорӣ, кӯҳнаву фарсуда шудани техника ва таҷҳизотҳои мавҷуда аз байн рафтани пойгоҳҳои Яхчашма Қалъача (ҳолати фавқулодда) солҳои охир қариб 927 га замини обӣ аз гардиши кишоварзӣ берун мондааст.

Зиёда аз 490 га. замини кишти ноҳия тавассути пойгоҳҳои обкашӣ бо оби полезӣ таъмин карда мешавад.

*Ҷадвали № 3. Ҳолати пойгоҳҳои обкашӣ дар соҳаи кишоварзӣ*

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Ҳамагӣ | Омодаи кор | Таъмир талаб | Миқдори заминҳое, ки об медиҳад, (га) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Деҳибаланд | 5 | 2 | 4 | 390 |
| 2 | Н. Назаров | 5 | 3 | 2 | 100 |
| | Ҷамъ: | 10 | 5 | 6 | 490 |

Таи ду соли охир 95 га заминҳои кишоварзӣ обии ноҳия бо коркарди заҳбуру заҳкашҳо аз ҳолати баъди мелиоративӣ ба ҳолати қаноатбахш гузаронидааст. Хароҷоти маблағҳо дар ин самт таи ду сол аз ҳисоби буҷети маҳалли 110 ҳазор сомониро ташкил дод.

Дар чор соли охир 16,1 км заҳбуру заҳкашҳои ноҳия тозагардида, 253 га заминҳои обии кишоварзии ноҳия ба ҳолати қаноатбахши мелиоративӣ баргардонида шуданд, ки 9,5 фоизи заминҳои умумии обии кишоварзии ноҳияро ташкил медиҳад. Ҳоло, дар асоси риояи талаботҳои қоидаҳои дурусти гидротехникӣ зарурияти ба 33 фоиз расонидани ин нишондод ба миён омадааст.

Майдони умумии заминҳое, ки тавасути иншоотҳои обтаъминкунӣ дар тавазуни муассисаҳои обтаъминкунии ноҳия обёрӣ карда мешавад беш аз 1 ҳазору 595 гектарро ташкил медиҳад. Дарозии умумии наҳрҳои обёрӣ 18 км-ро ташкил дода, аз ин ба ҳолати 01.07.2015 беш аз 24 фоиз (4,3 км) тоза гардидаасту халос.

Дарозии шабакаҳои обтаъминкуние, ки дар тавазуни ҷамоатҳои ноҳия мебошад беш аз 49,9-ро ташкил дода, барои обёрӣ намудани беш аз 1 ҳазору 595 га хизмат мерасонад. Ба ҳолати 01.07.2015 беш аз 14,2 км ва ё 28,5 фоизи масоҳати шабакаҳои обтаъминкунӣ тоза гардидааст.

*Ҷадвали № 4. Иншоотҳои обтаъминкунии*
*дар тавазуни муассисаҳои обтаъминкунии ноҳия буда*

| № | Номгӯи наҳрҳо | Майдони кишт (га) | Дарозии наҳрҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | км | Аз он тозашуда (км) |
| 1 | Кулулу | 500 | 13 | 1,5 |
| 2 | Ғофилобод | 70 | 5 | 3 |
| | Ҷамъ: | 570 | 18 | 4,5 |

*Ҷадвали №5. Шабакаҳои обтаъминкуние,*
*ки дар тавазуни ҷамоатҳо қарор доранд (ба 01.01 2015)*

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Майдони кишт (га) | Дарозии шабакаҳои отъминкунӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | | | км | Аз он тозашуда (км) |
| 1 | Деҳибаланд | 599 | 21,0 | 4,6 |
| 2 | Боғгаӣ | 100 | 8,2 | 4,1 |
| 3 | Н. Назаров | 650 | 24,5 | 11,3 |
| | Ҷамъ: | 1349 | 53,71 | 20 |

Дарозии умумии шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳои ноҳия 56,3 км-ро ташкил дода, аз ин 29 км (51,5 фоиз) дар тавозуни муассисаҳои обтаъминкунӣ, 27,3 км (48,5 фоиз) дар тавозуни ҷамоатҳои деҳот мебошад.

*Ҷадвали №6. Шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳои ноҳия*

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Ҳамагӣ, заҳбуру заҳкаш, км | Аз он ҷумла | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Дар тавозуни муассисаҳои об таъминкуни ноҳия, км | Аз он ҷумла, тозашуда,км | Дар ҷамоат-ҳои деҳот,км | Аз он ҷумла | |
| | | | | | | Кушода, км | Болопӯш, км |
| 1 | Деҳибаланд | 17,4 | 10,4 | 4,3 | 7,0 | 17,4 | |
| 2 | Н. Назаров | 15,22 | 9,6 | 3,9 | 5,6 | 15,3 | |
| 3 | Боғгаӣ | 10,58 | 6,0 | 3,5 | 4,6 | 10,58 | |
| 4 | Ш.Шоҳин | 8,3 | 2,0 | 1,2 | 3,6 | 8,3 | |
| 5 | Балхобӣ | 2,5 | 1,0 | 0,5 | 1,5 | 2,5 | |
| 6 | ш.Муъминобод | 2,3 | - | - | 2,3 | 2,3 | |
| 7 | Чилдухтарон | - | - | - | - | - | |
| | Ҳамагӣ: | 56,3 | 29,0 | 13,4 | 27,3 | 56,3 | |

***Чорводорӣ.*** Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳои кишоварзӣ, яке аз бахшҳои асосӣ маҳсуб ёфта, вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия 39,9 фоизро ташкил медиҳад. Дар соли 2014 хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия дар ҳаҷми 195,4 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки нисбати соли 2012- 54,7 фоиз зиёд мебошад.

*Ҷадвали №7. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар солҳои 2011-2014*

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2011 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Гӯшт (бо вазни зинда) | тонна | 5966,4 | 6549,6 | 7105,2 | 8323 | 139,5 |
| Шир | тонна | 9144 | 9836 | 10645 | 11075 | 121,1 |
| Тухм | ҳаз. дона | 1260,4 | 1363,1 | 1456,2 | 1590 | 126,2 |
| Асал | тонна | 99,4 | 145,9 | 173 | 106,1 | 106,7 |
| Пашм | тонна | 375,3 | 379,7 | 383,1 | 394 | 105,0 |

Таи солҳои 2011-2014 дар соҳаи чорводорӣ пешравиҳои назаррас ба мушоҳида расида, афзоиши нишондиҳандаҳои он аз рӯи ҳамаи намуди маҳсулотҳо дида мешавад. Ин аст, ки дар давраи таҳлилӣ истеҳсоли намудҳои асоси маҳсулоти чорводорӣ, аз

ҷумла гӯшт (*бо вазни зинда*) 39,5 фоиз, шир 21,1 фоиз, тухм 26,2 фоиз, асал 6,7 фоиз ва пашм 5 фоиз зиёд шудааст.

Аз рӯи маълумоти расмии оморӣ дар ноҳия то 1 январи соли 2015 ҳамагӣ 34607 сар чорвои калон ва 113986 чорвои майда ба қайд гирифта шудааст, ки дар қиёс ба соли 2011 мутаносибан ба андозаи 7,3 фоиз ва 9,8 фоиз зиёд аст.

*Ҷадвали №8. Саршумори умумии ҳайвонот дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар)*

| № | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2011 бо ҳисоби % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| 1. | Чорвои калон | 32245 | 32604 | 33574 | 34607 | 107,3 |
| | Аз он модагов | 15499 | 18184 | 19372 | 19683 | 127,0 |
| 2. | Бузу гӯсфанд | 103771 | 104673 | 109573 | 113986 | 109,8 |
| 3. | Мурғ | 83898 | 84583 | 94336 | 100886 | 120,2 |
| 4. | Асп | 3084 | 3132 | 3249 | 3293 | 106,8 |

Дар ноҳия барои рушди соҳаи чорводорӣ ва ташкили базаи хӯроки он шароити хуб мавҷуд аст, зеро майдони умумии чарогоҳҳо 52713 гектарро ташкил медиҳад, ки ин ба 78 %-и майдони умумии заминҳои кишоварзӣ баробар аст.

Вазъи кунунии соҳаи чорводорӣ дар ноҳия беҳбудии ҷиддиро талаб менамояд. Барои аз ин ҳолат баровардани соҳа: зиёд ва ғанӣ гардонидани майдони кишт ва мустаҳкам намудани базаи хӯроки чорво, зиёд намудани саршумори чорвои хушзот, гузаронидани корҳои тарғиботию ташфиқоти дар байни аҳолӣ барои беҳтар намудани зотҳои чорвои шахсӣ, сари вақт гузаронидани чорабиниҳои лозима марбут ба пешгирии касалиҳои чорво ва ғайра, зарур аст.

**Паррандапарварӣ.** Рушди соҳаи паррандапарварӣ барои ноҳия хело муфид аст, зеро шароити ноҳия ба ин мақсад имкон медиҳад, боду ҳавои ноҳия мӯътадил буда барои парвариши он мусоид аст. То барҳам хӯрдани иттифоқи Шӯравӣ дар ноҳия фабрикаи паррандапарварӣ хеле равнақ ёфта буд ва на танҳо ноҳия балки ноҳияҳои ҳудуди вилоятро бо тухм ва гӯшти арзони парранда таъмин менамуд. Баъди пошхӯри иттифоқи Шӯравӣ дар ноҳия фабрикаи паррандапарвари солҳои тӯлони аз фаъолият боз монд. Баъдан, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва ноҳия аз соли 2010 ба фаъолият шурӯъ намуд. Соли 2012 фабрикаи паррандапарвари ҶСП «Якарча» 75 тонна гӯшти мурғ истеҳсол намуда, ба аҳолии кишвар пешниҳод намудааст.

Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда соли 2014 дар ноҳия ҳамаи бахшҳо 113986 сар парранда мавҷуд аст, ки ин нишондод нисбати соли 2012 ба 27533 сар зиёд мебошад. Рушди соҳаи паррандапарварӣ барои таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ, ҳифзи аҳолӣ аз паҳншавии бемориҳои сирояткунанда ва пешгирии воридоти маҳсулоти паст сифати парранда аз хориҷӣ кишвар мусоидат менамояд.

*Ҷадвали №9. Нишондиҳандаҳои асосии соҳа дар бахши хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ дар солҳои 2012– 2014*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2012 | 2013 | 2014 |
| 1 | Саршумори парранда | сар | 86453 | 109573 | 113986 |
| 2 | Истеҳсоли тухм | ҳазор дона | 1363,1 | 1456,2 | 1590 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2014 нисбати соли 2012 нишондиҳандаҳои асосии соҳа мутаносибан, саршумори парранда 31,8 %, ва истеҳсоли тухм 16,6 % зиёд мебошад. Воқеан, рушди ҳамаҷонибаи соҳа метавонад барои бартараф намудани як қатор мушкилиҳои иҷтимоӣ, аз қабили таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва ноил шудан ба рушди устувори соҳаи паррандапарварӣ ҳаллӣ масъалаҳои зерин зарур аст:

- ташкил намудани базаи хӯрока ва истифодаи оқилонаи он аз нигоҳи дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаи пешқадам бо роҳи ҷудо намудани мабалағ ва қарзҳои имтиёзнок, бо мақсади ташкил намудани корхонаи истеҳсоли хӯроки омехта барои паррандагон;
- таъсис додани фабрика зотпарварии паррандагони сертухм ва ташкил намудани корҳои селексионӣ-зотпарварӣ;
- таъсис додани корхонаҳои муштарак, барқарор намудани фаъолияти фабрикаи паррандапарварӣ бо истифодаи қарзҳои бонкӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ;
- таъмини ҳифзи бойтори паррандаҳо;
- таъмини мунтазами ташкилотҳои паррандапарварӣ бо қувваи барқ;
- бо дастгоҳҳои нави ҳозиразамон муҷҷаҳаз гардонидани фермаҳои паррандапарварӣ.

Мушкилотҳои асосии соҳа ин пеш аз ҳама норасогии маблағ, набудани шароит барои истеҳсоли хӯрокаҳои серғизои омехта (ба монанди орди моҳӣ, устухон, гӯшт, примексҳо, витаминҳо, аминокислотаҳо, ферментҳо, макро ва микроэлементҳо), набудани барқи доимӣ, набудани қарзҳои имтиёзнок ва ғайра. Дар ноҳия аз сабаби вуҷуд надоштани корхонаҳои истеҳсолкунанда ингуна мавод истеҳсол карда намешавад, барои ин хоҷагиҳоро лозим меояд, ки ин маводро алоҳида ё ҳамчун иловаҳои сафедадор витаминҳо ва ғайра аз хориҷӣ кишвар ворид намуда, ки барои онҳо маблағҳои зиёде заруранд.

***Занбӯри асалпарварӣ.*** Занбӯри асалпарварӣ ва истеҳсоли асал бахши камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Шароити иқлими ноҳия барои истеҳсоли асал ва рушди соҳаи занбӯри асалпарварӣ хело мусоид аст. Захираҳои мавҷудаи растаниҳои шаҳддиҳанда имкон медиҳад, ки шумораи оилаи занбӯри асал зиёд карда шуда, истеҳсоли он дучанд карда шавад. Бо мақсади рушди соҳаи занбӯрпарварӣ дар ноҳия Ассотсиятсияи занбурпарварон ташкил карда шуд, ки он дар ҳалли баъзе мушкилоти соҳа, аз ҷумла безарар гардонидани ангезаҳои бемории сироятӣ, таъмини маводҳои зарурӣ барои занбӯрпарварон ва дар хариду фурӯши маҳсулоти тавлидшуда мусоидат намуд.

*Ҷадвали №10. Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи занбури асалпарварӣ дар тӯли солҳои 2012-2014*

| Солҳо | Оилаи занбури асал | Истеҳсоли асал (тонна) |
|---|---|---|
| 2012 | 5200 | 67,6 |
| 2013 | 5500 | 71,5 |
| 2014 | 7531 | 106,1 |

Ба фурӯш баровардани маҳсулотҳои занбури асал (асал, мум, прополис, гарди гул, шири модазанбур, заҳри занбур ва ғайраҳо) дар дохил ва беруни ноҳия, боиси даромади зиёд, ворид гардидани маблағҳои калон ва беҳтар шудани сатҳи зиндагонии шаҳрвандони ноҳия мегардад. Дар ноҳия барои амалисозии Барномаи барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи занбурпарварӣ пурра шароиту имкониятҳо мавҷуд аст.

Пешниҳод намудани қарзҳои камфоиз ва дароз мӯҳлат барои дастгирии хоҷагиҳои асалпарвар метавонад ба рушди соҳаи мазкур дар ноҳия заминаи мусоид фароҳам оварад.

Дар доираи Барномаи рушди ноҳия зиёд намудани шумораи оилаҳои занбури асал дар соли 2020 то ба 9126 оила ва истеҳсоли он ба 154 тонна яке аз ҳадафҳои стратегии рушди соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад.

***Байторӣ.*** Рушди соҳаи чорводорӣ, асалпарварӣ ва паррандапарварӣ аз хизматрасонии сифатноки байторӣ ҷиҳати саривақт пешгири намудани касалиҳои сирояткунанда вобастагӣ дорад.

Дар ноҳия як идораи байтори 8 адад клиникаи хусуси байторӣ 3 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ, 1 адад озмоишгоҳ, 1 адад Ассотсиятсия ва 2 адад дорухонаҳои бойторӣ мавҷуд аст.

Дар байни чорвои калон ва моли майда ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои эмкар, бруселёз, сумдарди ҳайвонот, қарасон ва тоуни мурғҳои хонагӣ (касалии Нюкасла) ба мушоҳида мерасанд. Барои соҳаи байтории ноҳия аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ маводи биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда қарасон 21%, вабои сумдард 38 %, сухтанӣ 100%, тоуни чорвои майда 10%, гули чорвои майда 10%, сил – 10% ва барои пешгирии касалии бруселёз 11% ҷудо карда мешавад.

Мушкилии асосии соҳаро ба таври зайл шарҳ додан мумкин аст: набудани таҷҳизоти ташхисии байторӣ ва техникаҳои замонавӣ, норасогии мутахассисони баландихтисос, баланд будани нархи доруворӣ ва дастрасӣ надоштан ба ваксинаҳо.

Дар соли 2013 бо мақсади беҳтар намудани таъминоти клиникаҳои бойтории хусусӣ (3 адад) бо таҷҳизотҳои лозимиии замонавӣ аз ҷониби Ассотсиятсия байторони Тоҷикистон (АБТ) кӯмакҳои молиявӣ ва моддӣ расонида шуд. Мутаассифона, дигар муассисаҳои соҳа дар шароити номувофиқи корӣ фаъолият намуда, ба чунин кӯмак ва дастгириҳо эхтиёҷ доранд. Илова бар ин аз 8 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъие, ки дар сатҳи ҷамоатҳо мавҷуданд, фаъолият намекунанд. Набудани азот ва нутфа барои беҳтар намудани зоти чорвои аҳолӣ яке аз мушкилотҳои асосии соҳа маҳсуб ёфта, яке аз сабабҳои асосии фаъолият накардани нуқтаҳои мазкур ба ҳисоб меравад.

Барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонии байторӣ, роҳ надодан ба талафшавии чорво ва парранда аз ҳисоби касалиҳои гузарандаи инфексионӣ ва инвазионӣ дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст.

Маҳдуд будани маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур имконият намедиҳад, ки мушкилии ба миён омада вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ беҳтарсозии насли чорво, ташвиқу тарғиби таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи бойторӣ чораҳои саривақтӣ андешида шавад.

Ҷиҳати рушди устувори минбаъдаи соҳа зарур аст, ки дар ноҳияи Муъминобод ҷойҳои махсус барои забҳи чорво, гӯронидан ва сӯзонидани чорвои талафёфтаи шубҳанок ва ҳайвоноти дорои касалии сироятӣ ташкил карда шавад, зеро ин ба нигоҳ доштани тозагии муҳити атроф мусоидат менамояд. Ҳамзамон, дар ноҳия таъсис додани курсҳои кӯтоҳмуддати байторӣ (аз 6 моҳ то 1 сол) оиди рушди соҳаи чорводорӣ, занбӯри асалпарварӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мувофиқи мақсад мебошад. Норасогии воситаҳои молиявӣ имконият намедиҳад, ки мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа, вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, беҳтарсозии насли чорво, ташвиқу тарғиби таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи байторӣ сари вақт бартараф карда шавад. Аз ин лиҳоз, дар доираи Барномаи рушди ноҳия ташкили клиникаҳо ва дорухонаҳои хусусии байторӣ дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия, инчунин бо мутахассисон таъмин намудани онҳо, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳа дар панҷ соли оянда ба ҳисоб меравад.

***Хоҷагии ҷангал.*** Дар ноҳия оиди масъалаҳои муҳофизат, нигоҳубин ва бунёди майдони ҷангалзорҳои нав муассисаи "Қитъаи хоҷагии ҷангали ноҳияи Муъминобод" фаъолият менамояд. Дар он 4 нафар кормандони доимӣ (1 нафар нозир ва 3 нафар ҷангалбон), инчунин 12 нафар кормандони мавсимӣ фаъолият менамоянд. Дар хоҷагии ҷангали ноҳия ҳар сол то 1,5 тонна меваи хушк, 0,7 тонна чормағз, 9 тонна хӯроки чорво ва 0,9 тонна хуч истеҳсол гардида, зиёда аз 240 куб ҳезум ба фурӯш бароварда мешавад. Масоҳати умумии ҷангалу бешазорҳои ноҳияи Муъминобод 407 гектарро ташкил медиҳад. Дар ҷангалзорҳои ноҳия асосан себ, зардолу, бед, сафедор, ар-ар, хуч, чормағз,

бодом парвариш меёбанд. Мушкилии асосии соҳа, ин набудани бинои маъмурӣ, техника ва коргоҳи коркарди хуч ва мева дар хоҷагии ҷангали ноҳия мебошад.

Дар доираи барномаи рушди ноҳия то соли 2020 бунёд намудани 85 га ҷангали нав дар назар дошта шудааст.

***Мушкилиҳои соҳаи кишоварзӣ.*** Мавҷуд набудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (мева, сабзавот ва ширу гӯшт ва пашму пӯст), набудани нуқтаҳои қабули пӯсту пашм, нокифоягии маблағ барои азхудкунии заминҳои нав ва обёрии заминҳо, паст будани сатҳи хизматрасониҳо ва ҳолати бади инфрасохтор дар хоҷагии кишоварзӣ, бахусус дар мавриди таъминот бо оби полезӣ, фарсуда ва корношоям гаштани техникаҳои мавҷуда дар хоҷагиҳои кишоварзӣ, набудани базаи моддию техникӣ ва нокифоягии техникаи ҳозиразамон, сари вақт таъмин нагардидани хоҷагиҳо бо тухмии хушсифат, баланд шудани нархи сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ, захрхимикатҳо ва дигар тарифҳои хадамотӣ, маҳдуд будани дастраси хоҷагиҳои кишоварзӣ ба қарзҳои кам фоизу дарозмӯҳлат, риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ ва истифода набурдани системаи киштгардон, паст шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ (бо сабабҳои иваз нашудани тухмиҳо), зиёд шудани ҳашароти зараррасон, касалиҳои гуногун ва дастрас набудани маводи дорувории захркимиёҳо барои коркард намудани боғ ва киштзор, ба таври кофӣ таъмин набудани хоҷагиҳои чорвопарвар бо ваксинаҳо ва мушкилии хизматрасонии байторӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва нокифоягии шумораи байторҳо ва таҷҳизоти байторӣ, набудани ҷойҳои махсуси забҳи чорво ва ҷойҳои махсус барои безараргардонии чорвои фавтида, набудани нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва маълумоти кофии тахассусӣ надоштани сарварони хоҷагиҳои деҳқонӣ.

## 2.2. Соҳаи саноат

Соҳаи саноат яке аз самти афзалиятноки рушди иқтисодии ноҳия ба шумор меравад. Зеро иқтидор ва захираҳои мавҷудаи ноҳия барои рушди саноати сабук, коркарди маҳсулоти кишоварзи, саноати истеҳсоли маҳсулоти сохтмони хелохам мусоид мебошад. Рушди соҳаи саноат бояд дар заминаи инкишофи корхонаҳои хурд ва миёнаи истеҳсоли маҳсулоти саноати сурат гирад.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар нохияи Муъминобод*
*дар тӯли солҳои 2012-2014 бо нархҳои ҷории солҳои дахлдор (ҳаз. сомонӣ)*




Дар ноҳия 8 корхонаи саноатӣ[1], 90 адад осиёб ва 4 адад ҷувози равғанкаши фаъолият мекунанд, ки истеҳсоли маҳсулот дар онҳо бо ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст.

1 Корхонаи мазкур шартан корхонахои саноати хисобида мешванд. Аз чихати иктидор, истехсолот, шумораи чойхои кори, гардиши мол ва технология истехсоли, онхо асосан ба корхонахои хурди истехсоли таълук доранд.

Айни замон хиссаи соҳаи саноат дар ташакули ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти ноҳия ва дар маҷмӯ қисмати даромади буҷети ноҳия на он қадар назараст нест.

Тамоюли афзоиши ҳаҷми номиналии истеҳсоли маҳсулоти саноати дар соли 2014 назар ба солҳои 2012 ва 2013 бо нархҳои ҷорӣ ба 4,6 ва 1,4% афзудааст.

***Шарҳи корхонаҳои истеҳсолии ноҳия.*** Корхонаи хурди «Оила» дар соли 2014-ум ба миқдори 141 ҳазор қуттии шартӣ, ҶДММ «Р.Мирзоев» ба миқдори 52 ҳазор қуттии шартӣ маҳсулотҳои консервагӣ истеҳсол намуданд. Дар корхонаҳои мазкур истеҳсоли маҳсулот асосан бо таври дасти ба роҳ монда шудааст. Таҷҳизотҳои мавҷудаи корхонаҳо хеле фарсуда буда ба модернизатсия ва иншоотҳои мавҷуда ба азнавсози ва васеъкуни эҳтиёҷ доранд. Барои васеъ намудани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои зикршуда маблағҳои худи кофи нест. Фурӯши маҳсулоти корхонаҳои мазкур айни замон ба марказҳои маъмурии сатҳи минтақави ва ҷумҳурияви бароварда шуда аз ҷиҳати сифат хуб ва арзиш дастрас мебошанд. Намуди банду басти маҳсулот низ хуб ба роҳ монда шудааст, ки дар сигменти худ ба рақобат то бовари карда истодааст. Бинобар ин сабаби ҳамасола ҳаҷми талабот ба маҳсулоти ин корхонаҳо дар бозорҳои зикргардида тамоюли мусбиро ба худ касб кардааст. Тибқи таҳлилҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои мазкур дар соли 2014 назар ба солҳои 2012-2013 ба 6,5-7% афзоиш ёфтааст.

*Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба тариқи натуравӣ*
*дар корхонаҳои саноатии ноҳия*

| р/т | Номгӯи маҳсулотҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
| 1 | Нӯшобаи олуболу | х/к/ш | 11,1 | 15,0 | 19,0 | 3,5 |
| 2 | Пиёзи анзур | х/к/ш | 13,7 | 9,0 | 33,4 | 31,5 |
| 3 | Бодринг | х/к/ш | 41,2 | 75,1 | 33,5 | 57,0 |
| 4 | Ассорти | х/к/ш | 20,9 | 21,0 | 24,5 | 92,2 |
| 5 | Хишти сохтмонӣ | ҳаз/дона | 75,0 | 93,0 | 117,0 | 187,0 |
| 6 | Нон ва маҳсулоти нонӣ | тонна | 671 | 678 | 679 | 712 |
| 7 | Равғани растанӣ | тонна | 116,8 | 115,3 | 113 | 45,3 |

Аз корхонаҳои бақайдгирифташуда ҶДММ «Ёсуман» бо коркарди маҳсулоти шири, ҶДММ «Иззат Шарифи» бо истеҳсоли тирезаҳои пластики, ҶДММ «Юсуфҷон-Б» бо истеҳсоли маҳсулоти нонӣ, ҶДММ «Муъмин» бо истеҳсоли чойҳои шифобахш аз гиёҳҳои маҳаллӣ ва ҶДММ «Хайём» бо истеҳсоли меваҳои хушк машғул буда, аз сеххои хурд иборат мебошанд.

Дар ноҳия ҶДММ «Гулдаст» дорои технологияи механикакунонидашудаи истеҳсоли хишт буда дар соли 2014 177 ҳазор дона хишти хом ва 10000 дона хишти пухта истеҳсол кардаст. Илова бар ин ҶДММ «Толеъ» бо истеҳсоли обҳои нӯшоки машғул буда солҳои охир бинобар рақобатнопазирии маҳсулот ва мушкилиҳои молияви аз кор мондааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки индустриализатсиякунонии дар соҳаи иқтисоди суст ба роҳ монда шуда ба потенсиали мавҷудаи ноҳия ҷавобгӯ намебошад. Ин мақомоти маҳалиро водор месозад, ки бо назардошти захираҳои мавҷудаи ноҳия рушди соҳаи саноатиро тахлил намуда стратегияи рушди минбаъдаи онро дар як ҷояги бо вазорату идораҳои дахлдор таҳия намояд. Дар ин самт диққати хосса ба рушди саноати сабук дар самти коркарди маҳсулоти кишоварзии маҳалли, саноати хурди сохтмони, саноати кӯҳи ва коркарди тилло диққати махсус бояд дода шавад.

Дар солҳои охир аз ҷониби бонкҳои ноҳия барои рушди соҳаи саноат ягон қарзи бонки ҷудо нагардидааст. Пешниҳоди қарзҳо, махсусан қарзҳои имтиёзнок барои рушди соҳаҳои вокеии иқтисодиёт, аз ҷумла саноат қонеъкунанда буда наметавонад. Аз ин лиҳоз, зиёд намудани ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва дарозмӯҳлат барои рушди соҳаҳои вокеии иқтисодиёт яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа маҳсуб меёбад.

*Сохтори таркибии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳияи Муъминобод дар тӯли солҳои 2011-2014 бо нархҳои ҷории солҳои дахлдор (ҳаз. сомонӣ)*

| Номи корхона | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| ҶДММ «Ёсуман» | 47,0 | 84,9 | 113,3 | 167,1 |
| ҶДММ «Иззат Шарифӣ» | 0 | 84,3 | 58,3 | 25,1 |
| ҶДММ «Юсуфҷон-Б» | 0 | 0 | 17,9 | 24,1 |
| ҶДММ «Гулдаст» | 26,3 | 55,5 | 36,0 | 42,3 |
| ҶДММ «Оила» | 128,5 | 73,0 | 180,8 | 194,9 |
| ҶДММ «Р.Мирзоев» | 25,0 | 0 | 63,5 | 76,2 |
| ҶДММ «Толеъ» | 0 | 3,1 | 5,2 | 0 |
| ҶДММ «Муъмин» | 0 | 2,3 | 2,7 | 3,3 |
| ҶДММ «Хайём» | 0 | 30,0 | 8,3 | 14,6 |

Тибқи таҳлилҳои гузаронидашуда муайяан шудааст, ки мушкилоти асосии соҳаи саноат ин суст будани раванди индустриаликунонии соҳаҳои иқтисоди ва ҷалби сармоягузориҳои мустақим дар ин самт ба шумор меравад, ки сабаби асосии он пеш аз ҳама: 1) набудани инфрасохтори мусоиди муҳандисиву коммуникатсиони (ба талабот ҷавобгӯ набудани иқтидори системаи барқрасони барои таъсис ва таъмини корхонаҳои саноати, набудани системаи обу корези, бад будани инфрасохтори роҳҳо, набудани минтақаи махсуси саноати/технопарк, дур будан аз роҳи оҳан ва фурудгоҳҳо, дур будан аз марказҳои маъмурии сатҳи ҷумҳурияви ва вилояти, маҳдудияти таъминоти барқ дар мавсими зимистон), 2) Ҷори нашудани технологияҳои иноватсиони ва замонавии истеҳсоли ва саноати бинобар мавҷуд набудани ҷолибияти ноҳия аз нуқтаи назари сармоягузори дар самтҳои мухталифи истеҳсолот ва саноат (набудани биниш ва стратегияи рушди соҳаи саноат ва ҷалби сармояҳо дар ин самт, набудани заминаи таҳлили, баҳодиҳи барои таҳияи лоиҳаҳои сармоягузори, набудаи мутахассисон дар самти ҷалби сармоя ва ба талабот ҷавобгӯ набудани малакаи мутахассисони маҳалли доир ба баҳодиҳи, таҳлил ва таҳия намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ, набудани фаъолияти мустақим доир ба фароҳам овардани шароит ва муҳит дар самти ҷалби сармояҳо, суст будани фаъолият дар самти маркетинг ва брендинги соҳаи саноат, суст будани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун самт ва сарчашмаи ашёи хоми маҳалли, 3) Суст будани дастрасии соҳибкорон ва сармоягузорони маҳалли ба воситаҳои истеҳсоли ва махсусан хизматрасониҳои молиявии хушсифат (Суст будани маълумотнокии соҳибкорон доир ба потенсиали мавҷудаи сармоягузори дар самти истеҳсолот ва саноат, имкониятҳо, заминаи мавҷудаи меъёрии ҳуқуқи, набудани қарзҳои имтиёзнок, маҳдуд будани дастрасии соҳибкорон ба маълумот оиди хизматрасониҳои машварат доир ба коркарди маҳсулот, харидори намудани технологиҳои истеҳсоли ва саноати, набудани хизматрасониҳои лизинги дар ин самт, суст будани маълумотнокии онҳо доир ба технологияи соҳаи саноат, маркетинг ва бозоршиноси, идоракунии молиявии лоиҳаҳои инвестисиони, баҳодиҳи ва таҳлил ва истифодаи захираҳои энергетикии барқароршаванда ва алтернативи дар пешбурди фаъолияти истеҳсоли ва саноати мебошад.

*Ҳолати корхонаҳои саноатии ноҳияи Муъминобод (дар соли 2014)*

| № | Номгӯи корхонаҳо | Шакли фаъолият ва ё маҳсулоти истеҳсол шаванда | Иқтидори лоиҳавӣ/ солона | Ҳолати техникӣ | Истифодабарандагони маҳсулот |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶДММ «Ёсуман» | Коркарди маҳсулотҳои шири | 10 т | Дар ҳолати хуби корӣ қарор дорад | Аҳолии ноҳия |
| 2 | ҶДММ «Иззат Шарифи» | Истеҳсоли дару тирезаҳои пластики | - | Дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад | Аҳолии ноҳия |

| № | Номгӯи корхонаҳо | Шакли фаъолият ва ё маҳсулоти истеҳсол шаванда | Иқтидори лоиҳавӣ/ солона | Ҳолати техникӣ | Истифодабарандагони маҳсулот |
|---|---|---|---|---|---|
| 3 | ҶДММ «Юсуфҷон-Б» | Истеҳсоли маҳсулоти нони (хлеб) | 10 т | Дар ҳолати қаноатбахш қарор дорад | Аҳолии ноҳия |
| 4 | ҶДММ «Гулдаст» | Истехсоли хишт | 200 ҳазор адад | Бино сохта шудааст ва васлкунии таҷҳизот дар назар аст | Аҳолии ноҳия |
| 5 | ҶДММ «Оила» | Коркарди меваю сабзавот | 150 ҳазор к/ш | Дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии ноҳия ва ҷумҳури |
| 6 | ҶДММ «Тӯҳфаҳои табиат» | Коркарди меваю сабзавот | 53 ҳазор к/ш | Дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии ноҳия ва ҷумҳури |
| 7 | ҶДММ «Толеъ» | Оби нӯшоки ва салқинкунанда | 2496 ҳазор шиша | Дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии ноҳия ва минтақа |
| 8 | ҶДММ «Муъмин» | Чойи шифобахш | 2000 қути | Дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии ноҳия ва ҷумҳури |
| 9 | ҶДММ «Хайём» | Меваҳои хушк | 6 тонна | Дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии ноҳия ва ҷумҳури |

***Иқтидорҳои мавҷуда.*** Муъминобод сарзамини кӯҳсор буда, дар ҳудуди он захираҳои табиии гуногун вуҷуд дорад, аз ҷумла: захираҳои тиллои пошхӯрда, захираҳои маҳсулоти сохтмони, охаксанг, ки дар асоси он метавонад дар оянда корхонаҳои коркарди тилло ва маҳсулоти сохтмониро ба роҳ монд. Инчунин маҳсулоти истеҳсолшавандаи соҳаи растанипарварӣ, боғу ток парвари ва чорводори метавонад дар оянда ҳамчун сарчашмаи ашёи хоми маҳалли ва замина барои бунёди корхонаҳои хурди саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзи шавад. Истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва дар ин замина ба роҳ мондани бунёди корхонаҳои хурду миёна инчунин метавонад ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, некуаҳволии мардуми ноҳия, ғанӣ гаштани қисми даромади буҷети ноҳия заминаи устувор гузорад.

Истифодаи иқтидорҳои саноатӣ ва кишоварзии ноҳия минбаъд бояд бо назардошти мувозинати табиии ноҳия, ҳифзи муҳити зист ва нигоҳдории гуногунии биологӣ амалӣ карда шавад.

## 2.3. Соҳибкории хурд ва миёна (СХМ)

***Нақши соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти маҳаллӣ.*** Соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти ноҳияи Муъминобод мавқеи муҳим дорад ва бояд соҳаи асосии рушди иқтисодиёти ноҳия гардад. Бахши соҳибкори хурду миёна хусусигардонии моликияти давлатӣ нишонаи аввалиндараҷаи дигаргунсозиҳои давраи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ буда, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва ҳамдастии онҳо дар мӯътадилсозии молиявӣ, ба ҷойҳои нави корӣ таъмин намудани аҳолӣ ва афзун кардани бозори истеъмоли равона шудааст.

*Нақши СХМ дар шуғли аҳолӣ аз рӯи соҳаҳо*

| Соҳаҳои иқтисодиёт | Шумораи субъектҳои ба қайд гирифташудаи СХМ | | Шумораи ҷойҳои корӣ | Воридоти андозҳо, бо назардошти Фонди ҳифзи иҷтимоӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ (бо соҳибкорони инфиродӣ) | | ҳазор сомони | %- аз ҳаҷми умумии андозҳо ба буҷет |
| Кишоварзӣ | 166 | 3559 | 5423 | 1573173 | 11,9 |
| Саноат | 7 | | 35 | 24864 | 0,2 |
| Сохтмон | 12 | | 120 | 911802 | 6,9 |
| Нақлиёт ва алоқа | 4 | 35 | 82 | 517778 | 3,9 |
| Савдо | 62 | 197 | 388 | 252283 | 1,9 |
| Хизматрасонӣ | 10 | 19 | 54 | 9932585 | 75,2 |
| Хизмати молиявӣ | 4 | 1 | 41 | | |
| Дигар соҳаҳо | 1 | 22 | | | |
| Ҷамъ: | 266 | 3833 | 6143 | 13212485 | 100 |

Соҳаи мазкур захираи азими рушди ноҳияро ташкил медиҳад. СХМ дар чунин соҳаҳо, чун кишоварзи, савдою маҳсулот тайёркунӣ ва фаъолияти омехта, хизматрасонии маиши аҳолӣ, нақши муҳим мебозад.

Тибқи маълумотҳои расми дар ноҳияи Муъминобод дар соли 2014 ҳамагӣ 4099 соҳибкорон ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 266 адад шахсони ҳуқуқи ва 3833 адад ба шахсони воқеи таълуқ дорад.

Қисми асосии субектҳои СХМ-и ноҳия дар соҳаи кишоварзӣ (90%) ва дар соҳаи савдо (6%), дар соҳаи нақлиёт ва алоқа (1%) ва боқимонда дар дигар соҳаҳо машғул мебошанд.

*Шумораи субъектҳои соҳибкории хурду миёна*

| Соҳаҳо | 2012 | | 2013 | | 2014 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ |
| Кишоварзӣ | 185 | 1774 | 176 | 2729 | 166 | 3559 |
| Саноат | 7 | | 7 | | 7 | |
| Сохтмон | 8 | | 11 | | 12 | |
| Нақлиёт ва алоқа | 4 | 22 | 4 | 32 | 4 | 35 |
| Савдо | 55 | 125 | 54 | 185 | 62 | 197 |
| Хизматрасонӣ | 2 | 11 | 8 | 14 | 10 | 19 |
| Хизмати молиявӣ | 3 | 0 | 4 | 0 | 4 | 1 |
| Дигар сохторҳо | 0 | 12 | 1 | 18 | 1 | 22 |
| Ҷамъ: | 264 | 1944 | 255 | 2978 | 266 | 3833 |
| Дар якҷоягӣ | 2208 | | 3233 | | 4099 | |

Тибқи маълумотҳои расми солҳои охир шумораи соҳибкорон мунтазам афзуда дар таъсиси ҷойҳои кории нав ва ғани намудани бозори истеъмолии дар н. Муъминобод саҳми арзанда гузошта истодаанд. Тибқи таҳлилҳои гузаронида шуда маълум мешавад, ки асосан дар соли 2014 шумораи умумии шахсони ҳуқуқи ва воқеи нисбат ба солҳои 2012 ва 2013 мутаносибан ба ҳисоби миёна ба 31,8 ва 21,1% афзудааст, ки ин дар он афзоиши шахсони воқеи назарас мебошад.

*Воридот ба буҷети ҷумҳурияви ва маҳаллӣ аз ҳисоби СХМ аз рӯи соҳаҳо (ҳазор сомонӣ) бо назардошти андози Фонди ҳивзи ичтимоии*

| Соҳаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 2549310 | 1847336 | 1573173 |
| Саноат | 26425 | 35596 | 24864 |
| Сохтмон | 356311 | 755173 | 911802 |
| Савдо | 90641 | 149115 | 252283 |
| Нақлиёт ва алоқа | 323432 | 446934 | 517778 |
| Дигар андозсупорандагон ва хизматрасонӣ | 5874179 | 8168037 | 9932585 |
| Ҳамагӣ: | 8220298 | 11402191 | 13212485 |

Мутобиқан даромадҳое, ки аз ҷониби бахши СХМ ба буҷети ноҳия воридгардида дар соли 2014 нисбат ба солҳои 2012 - 2013 ба 37,8% ва 13,7% афзоиш ёфта дар ин замина зиёда аз 2000 ҷойҳои нави кори таъсис шудааст. Мавриди тазаккур аст, ки 12% даромадҳо ва 88 % шуғли аҳолӣ дар бахши СХМ танҳо ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд.

Рушд наёфтани бисёр намудҳои соҳибкорӣ, ки ба хизматрасонӣ ва истеҳсоли маҳсулот машғуланд, ба нокифоя будани имкониятҳои молиявии соҳибкорон, паст будани малакаи онҳо доир ба тартиб додани бизнес нақшаҳо, маркетинги маҳсулот, сатҳи ноустувори таварум, гаронии арзиши сӯзишвори ва арзиши гарони содироти маҳсулот ба бозори беруна марбут мебошад. Баланд бардоштани малакаю дониши

соҳибкорон, дастрас гардонидани иттилооти зарурӣ оиди бозорҳои фурӯши молу маҳсулот ва тағйирёбии конюктураи он, инчунин дастрас гардонидани қарзҳои имтиёзнок ба соҳибкорон, барои рушди соҳаи СХМ такони нав мебахшад.

Баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти ноҳия ва некӯаҳволии аҳолии он инчунин, ба ҳалли мушкилиҳои таъмини нуқтаҳои аҳолинишин бо нерӯи барқ, ба рушди энергетикаи хурду ғайрианъанавӣ, бунёди инфрасохтор, низоми боэътимоди нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ вобаста мебошад. Беҳтар намудани ҳолати роҳҳои мошингарди ноҳия ва роҳҳои ба ноҳияҳои ҳамсоя ва маркази вилоят пайвасткунанда, барои баровардани маҳсулоти кишоварзии дар ноҳия истеҳсолшуда ба бозорҳои беруна, аҳамияти муҳими иқтисодӣ дорад.

Дар ноҳия таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолӣ оид ба тайёр намудани доруҳои мухталиф аз гиёҳҳои шифобахш, растаниҳои худрӯй ва алафҳои гуногун, барои иқтисодиёти ноҳия хеле муфид буда, инкишофи соҳаи истеҳсоли доруворӣ имконият фароҳам меорад, ки аҳолӣ аз он даромади иловагӣ гирад.

Дар самти рушди соҳаи соҳибкории хурду миёна як қатор ташкилотҳои байналмиллали кор ва фаъолият менамоянд, аз ҷумла ТҒ "Актед", "Фонди Огохон", "ОКСФАМ", "КАРИТАС". Бояд зикр намуд, ки ташкилотҳои мазкур асосан дар самти рушди соҳаи кишоварзӣ, махсусан дар соҳаҳои боғу ток парвари, замбурпарвари, коркарди меваву сабзавот, омӯзишҳои касби соҳави, маблағҳои хурди қарзи, дастгирии муколамаи бахши давлати ва хусуси кор ва фаъолият менамоянд. Дар ин замина дар соли 2006 аз ҳисоби ТҒ "Актед" ташкилоти ҷамъиятии "Бизнес инкубатори Муъминобод" таъсис карда шуд, ки фаъолияти ин ташкилот асосан барои дастгирии рушди соҳибкорони хурду миёнаи н. Муъминобод равона карда шуд. Дар доираи фаъолияти хеш ташкилоти мазкур 5 лоиҳаҳо аз ҷумла: 1. Бунёди осиёби барқи барои коркарди маҳсулоти маҳалли, 2. Лоиҳаи банду баст намудани меваҳои хушк, 3. Лоиҳа оид ба тоза намудани нахи пахта, 4. Лоиҳаи бунёди сехи дӯзандаги бо мақсади омӯзиши касбии занона, 5. Ташкили корхонаи хурди истеҳсоли маҳсулоти нони амали намудааст. Дар натиҷаи амали гаштани лоиҳаҳои мазкур 58 ҷойҳои кори ташкил шуд.

Ташкилоти мазкур соли 2008 тибқи шартнома байни ташкилоти ҷамъиятии "Бизнес инкубатори н. Муъминобод" ва ташкилоти байналмиллалии Барномаи Ҷонибдории Инкишофи Иҷтимоии Манотиқи Кӯҳистон (Фонди хазинаи Огохон) боз 22 лоиҳаро оид ба дастгирии соҳаи СХМ амали намудааст. Аз соли 2009 номи ташкилоти ҷамъиятии "Бизнес инкубатори н. Муъминобод" иваз карда шуда ба ҷои он ташкилоти ҷамъиятии "Маркази рушди соҳибкорони н. Муъминобод" ном гирифт. То ба имрӯз аз ҷониби марказ ҳамагӣ 100 лоиҳаҳои СХМ амали шудааст. Дар оянда ин ташкилот боз дар самти омода намудани соҳибкорон фаъолият хоҳад намуд.

Бо назардошти таҳлилу гуфтаҳои боло бояд қайд кард, ки раванди васеъгардонии шумораи корхонаҳои хурд, алалхусус корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ғайри қаноатбахш мебошад. Дар ноҳия шароитҳои мӯътадил ва захираҳое мавҷуданд, ки ба афзоиши шумораи корхонаҳои хурд имконият дода, барои бо молҳои ватанӣ ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва ба ин восита паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд.

***Хизматрасониҳо дар рушди СХМ.*** Дар ноҳияи Муъминобод ҷиҳати дастгирии молиявии соҳаи соҳибкории хурду миёна филиалҳои Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк», филиали ҶСП «Тоҷиксодиротбонк», филиали ҶСК «Агроинвестбонк», Ташкилоти қарзи хурди "ОКСУС", Филиали ҶДММ "Финка", Филиали ҶСП «Фононбонк» фаъолият доранд.

Дар тӯли солҳои 2012-2014 барои рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия ва беҳбудии фазои соҳибкорӣ аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ дар маҷмӯъ беш аз 46.477.015 сомонӣ қарз дода шудааст, ки аз ин 24.827.129 сомонӣ ё 53,4% ба соҳаи кишоварзӣ, 1263388 сомонӣ ва ё 2,7% ба соҳаи сохтмон, 6260921 сомонӣ ва ё 13,5% барои рушди соҳибкорӣ, 12778583 сомонӣ ва ё 27,5% барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва 1346994 сомонӣ ва ё 2,9% ба дигар соҳаҳо рост меояд.

Гарчанде ҳаҷми умумии портфели қарзҳои бонкии ба мизоҷон пешниҳодгардида солҳои охир афзуда, тартиби пешниҳоди онҳо содда шуда бошад ҳам, вале фоизи қарзҳо хеле баланд буда, ҳамчунин мӯҳлати баргардонидани онҳо кӯтоҳ буда, барои таъмини рушди соҳаҳои истеҳсолии ноҳия имконият намедиҳад.

*Маълумот оид ба фаъолияти қарзӣ дар тӯли солҳои 2012-2014 (сомонӣ)*

| Номгӯи ташкилот | Сол | Маблағи умумии қарзҳои пешниҳодгардида | Шумораи қарз исфодабарандагон | Бахшҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Кишоварзӣ | Саноат | Сохтмон | Соҳибкорӣ | Ниёзи иҷтимоӣ | Дигар соҳаҳо |
| Филиали БДА «Амонатбонк» | 2012 | 830596 | 85 | 253000 | | - | 392000 | 102396 | 83200 |
| | 2013 | 1693900 | 147 | 654000 | | 250000 | 452000 | 230900 | 107000 |
| | 2014 | 1510300 | 274 | 758000 | | 275000 | 340000 | 105300 | 32000 |
| | Ҷамъ | 4034796 | 506 | 1665000 | | 525000 | 1184000 | 438596 | 222200 |
| Филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк” | 2012 | 447336 | 69 | 0 | 0 | 0 | 0 | 447336 | 0 |
| | 2013 | 1603859 | 120 | 0 | 0 | 0 | 777651 | 814491 | 11717 |
| | 2014 | 2610361 | 130 | 0 | 0 | 0 | 162999 | 2447362 | 0 |
| | Ҷамъ | 4661556 | 319 | 0 | 0 | 0 | 940650 | 3709189 | 11717 |
| Филиали ҶСКМ «Агроинвестбонк» | 2012 | 6627482 | 699 | 3313680 | 0 | 0 | | 3313802 | |
| | 2013 | 8565003 | 947 | 5015869 | 0 | 0 | | 3549134 | |
| | 2014 | 2856142 | 306 | 1928585 | 0 | 0 | | 927557 | |
| | Ҷамъ | 18048627 | 1952 | 10258134 | 0 | 0 | | 7790493 | |
| Ташкилоти қарзи хурди “ОКСУС” | 2012 | 2184953,8 | 293 | 288208,1 | 0 | 0 | 1807524 | 89221 | |
| | 2013 | 3966461,4 | 522 | 3552451,2 | 0 | 0 | 351375,7 | 62634,5 | |
| | 2014 | 3764260 | 488 | 3313782,6 | 0 | 0 | 224071 | 205406,5 | 21000 |
| | Ҷамъ | 9915675 | 1303 | 7154442 | 0 | 0 | 2382971 | 357262 | 21000 |
| Филиали ҶДММ “Финка" | 2012 | | | | | | | | |
| | 2013 | 3520982 | 908 | 2641597 | 0 | 7159,65 | 515422,1 | 0 | 356803 |
| | 2014 | 3713153 | 1234 | 2498399 | 0 | 0 | 957390 | 0 | 257364 |
| | Ҷамъ | 7234135 | 2142 | 5139996 | 0 | 7159,65 | 1472812 | | 614167 |
| Филиали ҶСП «Фононбонк» | 2012 | 563994 | 188 | 75294 | 0 | 85084 | 157766 | 107766 | 138084 |
| | 2013 | 772621 | 179 | 108214 | 0 | 283283 | 73938 | 142987 | 164199 |
| | 2014 | 1245610 | 222 | 426049 | 0 | 362861 | 48784 | 232289 | 175627 |
| | Ҳамагӣ | 2582225 | 589 | 609557 | 0 | 731228 | 280488 | 483042 | 477910 |
| Ҳамагӣ: | 2012 | 10654362 | 1334 | 3930182,1 | 0 | 85084 | 2357290 | 4060521 | 221284 |
| | 2013 | 20122826 | 2823 | 11972131 | 0 | 540442,7 | 2170387 | 4800147 | 639719 |
| | 2014 | 15699826 | 2654 | 8924816 | 0 | 637861 | 1733244 | 3917915 | 485991 |
| | Ҳамагӣ | 46477015 | 6811 | 24827129 | 0 | 1263388 | 6260921 | 12778583 | 1346994 |

Илова бар ин соли 2014 ба воситаи бонкҳо аз хориҷи кишвар ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба андозаи 8,54 млн. доллари ИМА ва 124,8 млн. рубли Руссия ворид гаштааст.

Ҳоло соҳибкорони ноҳия ба кӯмаки машваратии оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди бизнес (бахусус ба масъалаи баромадан ба бозори ҷаҳонӣ), дастрас намудани таҷҳизоти лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба иттилооти зарурӣ, ҳамчунин дастрасӣ ба сохторҳои кӯмакрасон (бизнес инкубатор) ниёз доранд.

Соҳибкорон дар ноҳия яке аз нерӯҳои бузург ва созанда маҳсуб меёбанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо рушди минбаъдаи иқтисодиёти ноҳия вобастагии калон дорад. Айни замон, дар ноҳия имкониятҳои зиёди ҳамкорӣ, иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва қувваи кории арзон мавҷуд мебошад, ки дар ин самт соҳибкорони ватанию хориҷӣ метавонанд фаъолияти худро самараноктар ба роҳ монанд. Илова бар ин, ҳоло аксари занон ва духтарон дар хона бе кор мебошанд, ки метавонад онҳоро тавассути ташкили корхонаҳои нав, барқарор ва ё ба кор

даровардани корхонаҳои аз кор бозмонда ва ё васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои мавҷуда ба кор ҷалб намуд.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи СХМ***. Мушкилиҳои асосие, ки ба рушди соҳибкорони хурду миёна таъсири манфӣ мерасонад, ин дастрас набудани маблағҳои грантӣ барои рушди соҳибкорӣ, сатҳи баланди фоизи қарзҳо ва мӯҳлати кӯтоҳи истифодаи он, монеаҳои маъмурӣ, набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занҳо мебошад.

# БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

## 3.1. Соҳаи маориф

Маориф яке аз соҳаҳои муҳимест, ки дар пешбурди ҷомеа ҷиҳати ноил гардидан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Таъминоти маълумоти босифат омили муҳими расидан ба рушди устувор аст. Барои расидан ба фарогирии пурраи хонандагон ба таҳсилот дар доираи Барномаи рушди ноҳия корҳои зайлро ба сомон расонидан лозим аст: а) барқарорсозии инфраструктураи мактабӣ, таъмини мактабҳо бо гармӣ ва ҳоҷатхонаҳои алоҳида барои писарон ва духтарон; б) таъмини хонандагони ҳамаи мактабҳо бо китобҳои дарсӣ; в) сохтмони мактабҳои нав; г) ҷалби ҷомеа-волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ба идоракунии мактабҳо, ташкили таълими босифат ва таъмини фаъолияти хуби онҳо; д) ташкили мактабҳои хусусӣ ва гимназияҳо.

*Сатҳи маълумотнокии аҳолӣ аз рӯи ҷинсият (нафар)*
*(аз рӯи барӯихатгирии аҳолии соли 2010)*

| Нишондодҳо | Соли 2010 | |
|---|---|---|
| Дараҷаи маълумотнокӣ | Ҳамагӣ | Аз ҷумла, занон |
| Маълумоти олӣ | 3018 | 377 |
| Олии нопурра | 676 | 154 |
| Миёнаи касбӣ | 3388 | 542 |
| Миёнаи умумӣ | 23714 | 13046 |

Дар соҳаи маорифи ноҳияи Муъминобод 62 муассисаи таълимӣ мавҷуд аст, аз ҷумла 38 мактаби таҳсилоти миёна, 13 мактаби таҳсилоти асосӣ, 2-гимназия ва 4 мактаби таҳсилоти ибтидоии умумӣ. Илова бар ин, дар ҳудуди ноҳия 1 адад интернат ятимон ва бепарасторон амал менамояд.

***Маълумоти томактабӣ.*** Дар ноҳия ягона муассисаи томактабӣ дар маркази ноҳия дар шаҳраки Муъминобод фаъолият менамояд, ки дар он 115 кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст. Инчунин, бо мақсади беҳтар намудани фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ аз ҷониби шӯъбаи маориф дар ҳудуди ноҳия 50 маркази инкишофи кӯдакон (гурӯҳҳои тайёрӣ) ташкил карда шудааст, ки дар онҳо соли 2014– нафар кӯдак ба таҳсил фаро гирифта шудааст. Ҷиҳати беҳтар намудани фарогии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ то соли 2020 ташкил намудани 2 гурӯҳи нав бо фарогирии 100 нафар кӯдак ба нақша гирифта шудааст.

*Фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ (нафар)*

| Нишондодҳо | Сол | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | | 2013 | | 2014 | |
| | Ҳамагӣ | Аз ҷумла, духтарон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла, духтарон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла, духтарон |
| Муассисаи таҳсилоти то мактабии № 1 | 60 | 38 | 60 | 38 | 115 | 34 |
| Марказҳои инкишофи кӯдакон (Гурӯҳҳои тайёрӣ) | 610 | 328 | 610 | 328 | 700 | 387 |

Дар ҳудуди ноҳия соли 2014 беш аз 1645 нафар кӯдакони сину соли томактабӣ (3-6 сола) ба қайд гирифта шудааст, ки бинобар сабаби норасогии муассисаҳои томактабӣ танҳо 7 фисади онҳо ба тарбия фаро гирифта шудаанду халос.

Таи солҳои охир на танҳо дар сатҳи ноҳия, балки дар сатҳи ҷумҳурӣ тағирёбии вазъи демографӣ ба мушоҳида мерасад, ки ин бевосита ба соҳаи маориф, махсусан ба фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ таъсири худро мерасонад. Аз ин нуқтаи назар, ташкил намудани инфрасохтори лозима ва муҳайё намудани шароити мусоид

барои беҳтар намудани ҳолати мавҷудаи фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёбад.




***Маълумоти миёна.*** Шумораи умумии хонандагон дар солҳои хониши 2013-2014 18852 нафар баробар буда, аз ин 8919 нафар ва ё 47,3 фоизашонро духтарон ташкил медиҳанд.

*Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии ноҳия (нафар)*

| Синфҳо | Соли хониши 2011-2012 | | | | Соли хониши 2012-2013 | | | | Соли хониши 2013-2014 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Писарон | Духтарон | % духтарон | Ҳамагӣ | Писарон | духтарон | % духтарон | Ҳамагӣ | писарон | Духтарон | % духтарон |
| I | 1753 | 939 | 814 | 46,4 | 1700 | 900 | 800 | 47 | 1868 | 994 | 874 | 46,8 |
| I I | 1721 | 903 | 818 | 47,5 | 1691 | 878 | 813 | 48 | 1694 | 887 | 807 | 47,6 |
| I II | 1834 | 939 | 895 | 48,8 | 1716 | 901 | 815 | 47,5 | 1673 | 872 | 801 | 47,9 |
| IV | 1791 | 928 | 863 | 48,2 | 1814 | 918 | 896 | 49,4 | 1677 | 880 | 797 | 47,5 |
| Ҳамагӣ I-IV | 7099 | 3709 | 3390 | 47,7 | 6921 | 3597 | 3324 | 48 | 6912 | 3633 | 3279 | 47,4 |
| V | 1819 | 932 | 887 | 48,7 | 1794 | 923 | 871 | 48,5 | 1741 | 899 | 842 | 48,3 |
| VI | 1926 | 1013 | 913 | 47,4 | 1813 | 943 | 870 | 48 | 1784 | 925 | 859 | 48,1 |
| VII | 1895 | 999 | 896 | 47,3 | 1910 | 1001 | 909 | 47,6 | 1753 | 918 | 835 | 47,6 |
| VIII | 1846 | 991 | 855 | 46,3 | 1921 | 1036 | 885 | 46 | 1863 | 971 | 892 | 47,9 |
| IX | 1658 | 901 | 757 | 45,6 | 1795 | 967 | 828 | 46,1 | 1878 | 999 | 879 | 46,8 |
| ҲамагӣV-IX | 9141 | 4836 | 4308 | 47,1 | 9233 | 4870 | 4363 | 47,2 | 9019 | 4712 | 4307 | 47,7 |
| X | 1365 | 786 | 579 | 42,4 | 1444 | 759 | 685 | 47,4 | 1561 | 846 | 715 | 45,8 |
| XI | 1280 | 797 | 483 | 37,7 | 1288 | 764 | 524 | 40,7 | 1360 | 742 | 618 | 45,4 |
| Ҳамагӣ X-XI | 2645 | 1583 | 1062 | 40,1 | 2732 | 1523 | 1209 | 44,2 | 2921 | 1588 | 1333 | 45,6 |
| Ҳамагӣ: | 18888 | 10128 | 8760 | 46,3 | 18886 | 9990 | 8896 | 47,1 | 18852 | 9933 | 8919 | 47,3 |

Мувофиқи маълумотҳои омории ноҳия шумораи умумии хонандагон сол то сол зиёд шуда, дар давоми соли хониши 2013-2014 ба 18852 нафар хонандагон расидааст. Аз ин шумора дар басти аввал 10177 нафар хонандагон (54 %), дар басти дуюм 8675 нафар хонандагон (46 %) буда, ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Солҳои охир коҳишёбии шумораи умумии хонандагон, аз ҷумла ҳангоми аз синфи 9-ум ба синфҳои болоӣ гузаштан, махсусан дар самти фарогирии духтарон, ба мушоҳида мерасад. Сабаби асосии коҳиш ёфтани шумораи духтарони дар синфҳои болоӣ ба он алоқаманд аст, ки гурӯҳе аз хонандагон баъди хатми таҳсилоти асосӣ,

мактабро тарк мекунанд, як қисми онҳо ба дигар муассисаҳои таълимии кишвар дохил гардида, баъзеи дигар ҳамроҳи падару модарон берун аз ҳудуди ноҳия мераванд.

Ба таҳсил фаро гирифтани қисми бештари духтарон яке аз афзалиятҳои асосӣ ва масъалаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳассос ба ҳисоб рафта, ҷиҳати бартараф намудани мушкилотҳои ҷойдошта то соли 2019 дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Муъминобод чораҳои мушаххас андешида мешавад.

Бо мақсади беҳтар намудани низоми идоракунӣ дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Муъминобод айни замон 3 адад ассотсиатсияи волидайну омӯзгорон (АВО) ва 55 кумитаи падару модарон ва омӯзгорон (КПМО) фаъолият менамояд. Ҳадафи асосии ташкили чунин сохторҳо, ин ҷалби бештари падару модарон ба ҳалли мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи маориф мебошад.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин суст будани робитаи мактабҳо бо кумитаҳо мебошад. Дар баробари мушкилиҳои ҷойдошта норасогии китобҳои дарсӣ ва маводи методии замонавӣ, мавҷуд набудани кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои таълимӣ ба сифати таълим ва дониши хонандагон таъсири манфӣ мерасонад. Барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа ва ба талаботи кунунӣ мутобиқ намудани шароити таҳсил ва сифати дониши хонандагон дар доираи Барномаи мазкур корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст.

***Таълимот дар интернат.*** Дар ноҳия 1- интернат ятимон ва бепарасторон амал намуда истодааст, ки фарогирии умумии он 137 нафарро ташкил медиҳад, аз он ҷумла 45-нафарашон духтарон мебошад.

*Шумораи тарбиятгарон дар интернати ятимон*
*ва бепарасторони ноҳияи Муъминобод*

| Нишондодҳо | Сол | | |
|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 |
| Интернати ятимон ва бепарасторон | 135 | 147 | 137 |
| Аз он ҷумла, духтарон: | 41 | 42 | 45 |

Шумораи умумии кормандон дар интернати мазкур 51 нафарро ташкил медиҳад, аз ин шумора 13 нафар дорои маълумоти олӣ (5 мураббӣ ва 1 роҳбар) ва 38 нафари дигар ҳайати хизматрасон мебошанд.

Дар воқеъ, новобаста аз оне, ки маблағгузории интернати мазкур дар соли 2014 дар қиёс ба соли 2012 ба 31,8 ҳазор сомонӣ ва ё 29,5 фоиз зиёд шуда бошад ҳам, мутаассифона ин наметавонад мушкилиҳои мавҷудаи муассисаи мазкурро ба пуррагӣ бартараф намояд. Таъмир талаб будани бинои муассисаи мазкур, норасогии маводи хӯрока, аз мушкилиҳои асосии интернати мазкур арзёбӣ мегардад.

***Шаклҳои нави идоракунӣ.*** Гузаштан ба низоми нави маблағгузории соҳа, яъне маблағгузории сарикасӣ бо мақсади таъминоти нисбатан самарабахши истифодаи маблағҳои буҷетӣ, ташкили шароит барои устувории фаъолияти муассисаҳои таълимоти умумӣ ва баланд бардоштани сифати таълим дар дабистон равона карда шудааст. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007 таҳти №350 “Дар бораи маблағгузории меъёри (сарикаси)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ” дар ноҳияи Муъминобод 38 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 2- гимназия, 13 мактаби таҳсилоти асосӣ ва 4 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузории сарикасӣ гузаронида шуд. Аз моҳи августи соли 2010 сар карда бевосита ба шӯъбаи маориф, раёсати молия ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои гузаштан ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) кӯмаку дастгирии техникӣ намуда, мутахассисон ва муҳосибони ин муассисаҳоро бо маводи корӣ (қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону дастурҳои Вазорати

маорифу молия, низомномаи баҳисобгирии муҳосибавӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва бо дигар маводҳои зарурӣ) таъмин намуд.

Аз соли 2011 дар назди муассисаҳои таълимии ноҳия ассотсиатсияҳои падару модарон, омӯзгорон ва комитети падару модарон (ташкилотҳои ҷамъиятӣ) фаъолият менамоянд, ки ин вазъи таълиму тарбияро беҳтар намуда, имкониятҳои ин муассисаҳоро васеъ мекунад. Маблағҳо аз ҳисоби ташкилотҳои байналмиллалӣ, шахсони алоҳида ва корхонаю ташкилотҳои хайрхоҳ тавассути ин ташкилотҳо ба мактаб ворид карда шуда, онҳо инчунин дуруст сарф карда шудани ин маблағҳоро мунтазам назорат менамоянд.

*Маблаггузории сарикасии муассисаҳои таълимӣ дар тӯли солҳои 2012 -2014 (ҳазор сомонӣ)*




***Таъминот бо омӯзгорон***. Ба 1 январи соли 2015 шумораи умумии омӯзгорон дар муассисаҳои таълимии ноҳия 1251 нафар омӯзгор кору фаъолият мекунад, ки аз ин 439 нафар ё 35 фоизро занҳо ташкил медиҳанд.

*Шумораи омӯзгорон дар тӯли солҳои 2012-2014 (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳои | | |
|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 |
| Шумораи умумии омӯзгорон | 1163 | 1172 | 1251 |
| - аз он ҷумла, занҳо | 366 | 379 | 439 |
| Бо маълумоти олӣ | 875 | 865 | 989 |
| - аз он ҷумла, занҳо | 229 | 227 | 298 |
| Олии нопурра | 111 | 120 | 69 |
| - аз он ҷумла, занҳо | 53 | 56 | 38 |
| Миёнаи махсус | 167 | 176 | 185 |
| - аз он ҷумла, занҳо | 79 | 90 | 99 |
| Миёнаи умумӣ | 10 | 11 | 8 |
| - аз он ҷумла, занҳо | 5 | 6 | 4 |
| Муаллимони аз кор рафта | 29 | 44 | 22 |
| - аз он ҷумла, занҳо | 6 | 8 | 4 |
| Нарасогии кадрҳо | 4 | 7 | 10 |

Набудани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ боиси аз муассисаҳои таълимӣ рафтани омӯзгорони соҳибтаҷриба мегардад, ки таи се соли охир 95 омӯзгор корро тарк намуда, ба дигар корҳои ғайриомӯзгории музднок ё муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия дар соли 2014 10 нафар омӯзгорони соҳибихтисос (махсусан аз фанҳои биология, забони англисӣ, забони форсӣ, математика, физика, химия ва таъриху ҳуқуқ) намерасад.

Дар солҳои хониши 2010-2013 зиёда аз 121 нафар кадрҳои маҳаллии ноҳияи Муъминобод мактабҳои олии кишварро хатм намудаанд, мутаассифона танҳо 40 нафар ба

маҳалли худ баргашта бо ҷои кори доимӣ таъмин шудаанд. Аз сабаби паст будани музди меҳнат ва кам будани ҳавасмандгардониҳои моддию маънавӣ, на ҳама вақт кадрҳои маҳаллӣ ба зодгоҳи худ барои давом додани фаъолияти минбаъда бар мегарданд.

***Барқарорсозии инфрасохтори мактабӣ.*** Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008 № 436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008 – 2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд» як қатор корҳо ба иҷро расонида шуд. Бо мақсади бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта дар соли 2014 дар доираи Барномаи мазкур, сохтмони биноҳои мактаби миёнаи №13 дар деҳаи Момандиён, мактаби миёнаи №15 дар Шаҳрак ва муассисаи миёнаи №31 дар деҳаи Садбаргҳо ба нақша гирифта шудааст. Таи солҳои 2015-2016 бошад сохтмони бинои мактабҳои миёнаи №3,4,7,38 ва 48 дар ҷамоатҳои деҳоти Н.Назаров, Деҳибаланд, Шамсидин Шоҳин ва Балхоби - ба нақша гирифта шудааст. Мушкилоти асосие, ки ба рушди минбаъдаи инфрасохтории соҳа монеа гардида истодааст, ин дар ҳолати садамавӣ қарор доштани бинои мактабҳои №5,7,9,37,54 ва ба таъмиру азнавсозӣ ниёз доштани бинои мактабҳои №3,7,9,37,38,48 ва №54 маҳсуб меёбад.

***Дастрасӣ ба технологияи компютерӣ.*** Дар мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Муъминобод 561 адад компютер ва 68 адад принтер мавҷуд аст. Мушкилии асосӣ дар он аст, ки қисми зиёди компютерҳои мактабҳои ноҳия ба таъмир эҳтиёҷ доранд. Новобаста аз оне, ки дар назди шӯъбаи маорифи ноҳия маркази хизматрасонии техникии муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия таъсис дода шуд, аммо бинобар сабаби нокифоягии воситаҳои молиявӣ ва қисмҳои эҳтиётии лозима, маркази мазкур наметавонад мушкилоти мавҷударо сари вақт бартараф намояд.

***Низоми таъминоти мактабҳо бо оби нӯшокӣ ва гармӣ.*** Бо сабаби солҳои дароз истифода гардидани қубурҳои обгузар дар аксарияти мактабҳои ноҳия аз кор баромадани системаи таъминоти оби нӯшокӣ ба назар мерасад. Таъминоти гармӣ дар мактабҳои ноҳияи Муъминобод аслан тавассути бухориҳои (печкаҳои) аловӣ сурат мегирад. Дар баробари ин, бо назардошти сол то сол зиёд гардидани талабот ба осоишгоҳҳо ва фароғатгоҳҳо, дар ноҳия барои хонандагон ташкил намудани лагерҳои тобистона зарур мебошад.

***Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.*** Ба ҳисоби миёна ҳар сол 345 нафар, ё худ 76 фоизи хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳияи Муъминобод барои азхуд кардани ихтисосҳои гуногуни хоҷагии халқ ба макотиби олии кишвар дохил мешаванд. Илова бар ин, дар тӯли солҳои 2012-2014 аз ҳисоби хатмкунандагони мактабҳои ноҳия 16 нафар ба муассисаҳои таълимии олии хориҷи кишвар (Федератсияи Россия, Қирғизистон ва дигар давлатҳо) дохил гардидаанд.

*Шумораи умумии хонандагон*
*аз руи квотаи Президентӣ тӯли солҳои 2011-2014 (нафар)*



Тибқи нақшаи дурнамои соли 2014 дар асоси квота қабули 19 нафар хонандагон ба мактабҳои олӣ кишвар дар назар дошта шудааст, ки аз ин 10 нафар духтар мебошанд.

***Коллеҷи тиббии ноҳияи Муъминобод (филиали коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб).*** Коллеҷи мазкур соли 1998 ҳамчун гуруҳи мақсаднок дар назди беморхонаи маркази ноҳияи Муъминобод таъсис дода шуда, дар он 12 нафар омӯзгорон кору фаъолият менамоянд, ки ҳамаашон дорои маълумоти олӣ ва категорияи олӣ мебошанд. Шумораи умумии донишҷӯён таи чор соли охир 88 нафарро ташкил дода, 89,8 фисади онҳоро духтарон ташкил медиҳанд.

*Шумораи донишҷуён дар коллечи тиббӣ дар тӯли солҳои 2010 -2013 (нафар)*




Бинобар сабаби норасогии кадрҳо ва беҳтар намудани фарогирии духтарони маҳаллӣ ба таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ таъсис додани филиалҳои муассисаҳои таҳлимии кишвар дар сатҳи ноҳия мувофиқи мақсад мебошад.

*Мушкилиҳои асосии соҳаи маорифи ноҳияи Муъминобод*

| | Номгӯи мушкилӣ | Ном, рақами муассисаҳои таълимӣ ва мавзеъи ҷойгиршавии он |
|---|---|---|
| 1 | Бад будани базаи моддиву техникии мактабҳо | |
| | Таъмирталаб будани биноя мактабҳо | №№ 3, 5, 9, 37, 54 |
| | Сохтмони мактабҳо | №№ 3, 4, 7, 38, 48 |
| | Сохтмони толорҳои варзишӣ | Мактабҳои № 20 |
| | Таъмини дастрасӣ ба шабакаи интернет | Мактабҳои №№ 1, 14, 40 ва шӯъбаи маориф |
| | Набудани ошхонаҳо | Мактабҳои №№ 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 11, 12, 13, 14, 15, 16, 17, 20, 21, 22, 23, 24, 25, 26, 27, 28, 29, 31, 32, 33, 34, 35, 36, 37, 38, 39, 40, 41, 42, 43, 44, 45, 46, 47, 48, 49, 51, 52, 53, 54, 55 |
| | Ташкил намудани истироҳатгоҳҳо дар назди мактабҳо | Мактабҳои №№ 2, 3, 6, 9, 11, 14, 16, 29, 5 |
| 2 | Шароити номусоид барои таҳсили хонандагон | |
| | Набудани таҷҳизотҳои замонавӣ (мизукурсӣ, асбобҳои аёнӣ, бозичаҳои кӯдакона, расмҳо ва ғайра) | Мактабҳои № 3, 4, 5, 6, 8, 9, 10, 11, 12, 14, 16, 40, 48 |
| | Норасидани таҷҳизоти мактабӣ, мизу курсиҳо барои хонандагон | №№ 5, 7, 22, 45, 46, 47, 8, 16, 19, 40, 20 |
| 3 | Ба талабот ҷавобгӯ набудани кӯдакистон | |
| | Сохтмони бинои кӯдакистон | Дар маркази ноҳия |

**3.2. Соҳаи тандурустӣ**

Соҳаи тандурустӣ барои ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола бахши муҳим ба ҳисоб меравад. Феълан, мақсади асосии соҳаи тандурустӣ паст намудани сатҳи фавти

модару кӯдак, кам кардани мушкилии вобаста ба бемориҳои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе сироятҳои бо ваксина идорашаванда маҳсуб меёбад.

***Солимии модар ва кӯдак.*** Саломатии аҳолӣ самти муҳими соҳаи иҷтимоии ноҳияи Муъминобод ба ҳисоб рафта, масъалаҳои ваъзи солимии аҳолӣ дастрасӣ ва пешниҳоди хизматрасонии босифати тиббӣ ба табақаи осебпазирӣ аҳолӣ, аз ҷумла занон ва кӯдаконро дар бар мегирад.

*Нишондиҳандаҳои асосии таваллуд ва фавти модарон дар ноҳияи Муъминобод*

| Нишондод | Воҳиди ченак | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои қобили таваллуд | нафар | 20472 | 21219 | 19718 | 22380 |
| Ҳамагӣ таваллуд | нафар | 2290 | 2352 | 2515 | 2819 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | нафар | 1964 | 2009 | 2168 | 2456 |
| Ба ҳисоби фоиз | % | 85,8 | 85,4 | 86,2 | 87,1 |
| Таваллуд дар хона | нафар | 326 | 343 | 347 | 363 |
| Бо ҳисоби фоиз | % | 14,2 | 14,6 | 13,7 | 12,9 |
| Фавти модарон | нафар | 0 | 2 | 1 | 0 |

Дар ноҳия, нишондиҳандаҳои таваллуд дар хона ташвишовар буда, кам кардани он яке аз афзалиятҳои асосии соҳа маҳсуб меёбад. Солҳои охир нишондиҳандаи марбута тамоюли гуногун дошта, новобаста аз оне, ки он соли 2014 дар қиёс ба соли 2011 тамоюли коҳишёбӣ дорад, аммо ҳоло ҳам ин натиҷа мутахассисони соҳаро қонеъ карда наметавонад.

Яке аз сабабҳои асосии баланд будани нишондиҳандаҳои таваллуд дар хона дар масофаи дур ҷойгир будани деҳаҳо, суст будани дастрасӣ ба нақлиёти махсуси тиббӣ барои занони деҳоти дурдаст ва дар минтақаҳои кӯҳӣ ҷойгир шудани деҳаҳои ноҳия (дар фасли зимистон баста шудани роҳҳо), дар муҳоҷират будани сарвари оила, сатҳи камбизоатии оилаҳо, норасогии мутахассисони соҳаи амрози занона ва ғайра ба ҳисоб меравад. Дар беҳдошти солимии модарон татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС, хадамоти патронаҷӣ ва тибби оилавӣ метавонад нақши калон бозад.

*Нишондиҳандаҳои камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳои ҳомила ва онҳое, ки аз ҳомилагӣ баромадаанд*

| Нишондод | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои ҳомила ва аз ҳомилагӣ баромада | 3223 | 3282 | 3247 | 3816 |
| Камхунӣ (анемия) | 506 | 215 | 504 | 594 |
| Бо ҳисоби фоиз (%), | 15,7 | 6,6 | 15,5 | 15,6 |
| Касалиҳои гирифтори ҷоғар | 224 | 106 | 84 | 92 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 7 | 3,2 | 2,6 | 2,4 |
| Мурдатаваллуд | 14 | 16 | 13 | 16 |

Сабабҳои асосии мавҷудияти омилҳои мурдатаваллудро мутахассисони соҳа дар норасогии кадрҳои баландихтисоси момодоягӣ, сари вақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, пинҳон доштани ҳомиладорӣ, риоя накардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, дастрасии нокифояи занон ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл ва сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва ғайра арзёбӣ менамоянд.

Феълан, бо мақсади кам кардани омилҳоии мурдатаваллуд аз ҷониби мутахассисони соҳа, чораҳои зарурӣ дар самти гузаронидани чорабиниҳои тарғиботию ташвиқотӣ дар байни аҳолӣ, семинар машваратҳои омӯзишӣ дар байни кормандони соҳа ва ҷомеа, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ роҷеъ ба сари вақт гузаронидани ташхис, риояи қоидаҳо ва фосилаи байни таваллуд дар байни аҳолӣ анҷом дода мешавад.

Новобаста аз оне, ки солҳои охир дар ноҳияи Муъминобод сатҳи бемории ҷоғар коҳиш ёфта истодааст, аммо нишондиҳандаҳои ноилгардида низ мутахассисони соҳаро қонеъ карда наметавонад. Аслан, сабаби асосии гирифтории занони ҳомиладор ба бемориҳои экстрагенеталӣ (аз ҷумла, бемориҳои гурда, камхунӣ ва ҷоғар), саривақт ба табибон муроҷиат накардани онҳо ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, дастрасии нокифояи занон ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл ва сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ, банақшагирии сусти оила, сари вақт пешгирӣ нашудани касалиҳо ва истеъмоли ғизои носолим, ғайриқаноатбахш будани сифати маҳсулоти хӯрокворӣ ва баланд будани сатҳи камбизоатӣ мебошад.

Дар соли 2014 дар ноҳияи Муъминобод фавти кӯдакони то як сола 47 нафар ва мурдатаваллуд 16 нафар ба қайд гирифта шудааст.

*Сатҳи фавти кӯдакон дар ноҳияи Муъминобод дар давоми солҳои 2012-2014*

| Нишондод | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Фавти кӯдакони то 5 сола (аз рӯи 1000 з/т) | 56 | 57 | 57 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 19,7 аз хисоби фавти умуми | 20,1 аз хисоби фавти умуми | 15,7 аз хисоби фавти умуми |
| Фавти кӯдакони то 1 сола (аз рӯи шумора 1000 з/т) | 40 | 37 | 47 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 14,1 аз хисоби фавти умуми | 13,1 хисоби фавти умуми | 12,9 аз хисоби фавти умуми |

Дар ноҳияи Муъминобод дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 фавти кӯдакони то яксола тақрибан 1,7 баробар зиёд ба қайд гирифта шудааст.

Сабабҳои асосии фавти кӯдакони аз 0,5 сола ва то 1 сола аз омилҳои зерин иборат мебошад:

1. Баланд будани нишондоди фавти перенаталӣ (6 рӯза) бинобар ғайриқаноатбахш будани ҳолати солимии занҳои ҳомиладор;
2. Баланд будани сатҳи бемориҳои роҳи нафас (новобаста аз оне, ки дар ин самт фаъолияти марказҳои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона ва эмкунӣ дуруст ба роҳ монда шудааст ва марказҳои мазкур аҳолиро ба доруворихо ва маводҳои эмкунанда сари вақт пурра таъмин менамоянд), бинобар сабаби паст будани маърифатнокии тиббии модарон ва шароити номусоиди иқтисодии оилаҳои хоҷагиҳои дурдасти кӯҳи, шумораи бемориҳои шадиди роҳи нафас дар байни занони ноҳия афзуда истодааст.
3. Фаъолияти номусоиди муассисаҳои КАТС аз сабаби нокифоягии маблағгузорӣ, норасогии нақлиёт, мутахассисон ва фарсудаю корношоям будани таҷҳизотҳои тиббӣ ва биноҳо.
4. Баланд будани сатҳи бемориҳои радифӣ, аз ҷумла, камғизогӣ, рахит, нуқсонҳои модарзодӣ, камхунӣ ва модарон реҷаи ғизо ва ғизонокии хӯрока кам аҳамият медиҳанд.
5. Мавҷудияти никоҳҳои хешу таборӣ ва пайдо гардидани нуқсонҳои модарзодӣ.

***Бемориҳои сироятӣ***. Мубориза ба муқобили бемориҳои сироятӣ яке аз масъалаҳои муҳими ноҳия ба ҳисоб рафта, аз сабаби коҳиш ёфтани маблағгузорӣ ва кӯҳнаю фарсуда шудани таҷҳизоти озмоишӣ ва набудаи бинои озмоишгоҳ дар беморхонаи марказӣ ва маркази саломатии ноҳиявӣ имкониятҳои пурра пешгирӣ намудани бемориҳои сироятӣ ва сари вақт муайян намудани ҳамаи бемориҳо душвор мегардад.

*Тамоюли бемориҳои сироятӣ дар ноҳияи Муъминобод*

| Намуди бемориҳои сироятӣ | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Бемории сил | 62 | 58 | 42 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 76,6 | 70,1 | 50,0 |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо | 136 | 134 | 130 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 168,1 | 161,9 | 151,5 |

| Намуди бемориҳои сироятӣ | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Исҳоли хунин (дизентерия) | 2 | 1 | - |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 2,5 | 1,2 | - |
| Сироятҳои шадиди рӯдаву меъда | 732 | 729 | 723 |
| Гелминтоз | 122 | 110 | 100 |
| Бемории ВНМО/АНМО (ВИЧ /СПИД) | 7 | 4 | 4 |
| Зардпарвин намуди А | 22 | 23 | 7 |
| Бемории шадиди роҳҳои нафас | 2260 | 2246 | 2142 |
| Лешманёз | - | 7 | 6 |
| Ҳамагӣ аҳолӣ: | 81100 | 82600 | 84300 |

Натиҷаҳои таҳлил нишон дод, ки тайи солҳои охир нишондиҳандаҳои гирифтории аҳолӣ ба бемориҳои сироятӣ дар ноҳия мунтазам кам гардида истодааст. Бемориҳои зардпарвин бинобар эмгузарониҳои мунтазам ва анҷом додани корҳои профилактикию фаҳмондадиҳӣ миёни аҳолӣ тайи солҳои охир коҳиш ёфтааст.

***Дигар намуди бемориҳои паҳншуда.*** Бемориҳои аз ҳама бештар дар байни аҳолии ноҳия паҳншуда ин фишорбаландӣ, бемориҳои дил, диабети қанд, сил, буғумдард, кирми рӯда (гелминтоз байни кӯдакон ва наврасони синни то 14 сола), дарунравии шадид дар байни кӯдакон, гестозҳо, апендитсит, санги талха, камхунӣ, газаки гурда, бемориҳои меъдаю рудаи дувоздаҳангушта, лешманёз, гепатит (зардпарвин), латхурӣ ва аворизи баъди таваллуд дар байни навзодон мебошад. Сабаби паҳн шудани чунин бемориҳо дар байни аҳолӣ, ин саривақт аз ташхис нагузаштан, сатҳи пасти иттилоотнокӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, афзоиши шумораи ҳайвоноти бемори бесоҳиби хонагӣ ва дигар омилҳо мебошанд.

***Давомнокии миёнаи умр.*** Дар ноҳияи Муъминобод нишондиҳандаҳои миёнаи дарознокии умр 65-75 сол мебошад, аз ҷумла барои мардон 60-65 сол ва барои занон 70-75 сол. Андешидани тадбирҳои иловагӣ ва диққати махсус додан ба беҳтарсозии ҳолати кунунии саломатии физиологӣ ва рӯҳии аҳолӣ яке аз афзалиятҳои асосии соҳа ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, дар ҳудуди ноҳия ташкили хонаи маъюбон барои фарогирии кӯдакони маъюб ва дигар ниёзмандон шарт ва зарур мебошад.

Сабабҳои асосии фавти аҳолии ноҳия, асосан ба гирифтори ба касалиҳои дилу рагҳо ва фишорбаландӣ, саратони узвҳои гуногун, бемориҳои рӯдаю меъда ва бемориҳои шадиди роҳҳои нафас алоқаманд аст.

***Иштироки ҷомеа дар беҳтар намудани саломатӣ***. Маълумотнокии аҳолии ноҳия вобаста ба пешбурди масъалаҳои тарзи ҳаёти солим, сол то сол беҳтар гардида истодааст. Новобаста аз ин, дар ноҳия ҳоло ҳам ҳалли масоили солимӣ, иштироки фаъоли ҷомеа дар бартарафсозии мушкилиҳои мавҷуда, дастгирии ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ қонеъкунанда нест.

***Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.*** Дар ҳудуди ноҳия 1 касалхонаи марказӣ (бо иқтидори 187 кат), 1 беморхонаи рақамӣ (ҷамоати Ш.Шоҳин (бо иқтидори 25 кат), 1 маркази саломатии ноҳиявӣ, 20 маркази саломатии деҳотӣ, 25 бунгоҳи тиббӣ, 1 шӯъбаи ёрии таъҷилӣ, 6 маркази ҳифзи саломатӣ мавҷуд мебошад, ки дар онҳо 57 нафар духтурони маълумоти олидор ва 392 нафар ҳамшираҳои шавқат ба мардум хизмат мерасонанд.

Дар ноҳия ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ 6,5 духтур рост омада, аз воҳидҳои кориии мавҷуда бошад 77,9 %-и он банд мебошанд. Феълан, муассисаҳои тиббии ноҳия ба 62 нафар мутахасисони касбӣ ниёз доранд:

Дар соли 2013 аз тарафи муассисаҳои тиббии ноҳия 80,4 ҳазор нафар ба тариқи амбулаторӣ қабул гардида, ба 7,8 ҳаз. нафари дигар бошад дар хона хизматрасонии тиббӣ расонида шуд. Маркази эмтаъминкунии ноҳия ҳамаи муассисаҳои тандурустии

ноҳияро бо маводҳои эмкунӣ пурра таъмин намуда, иҷрои нақшаи эмкунӣ бошад 98 % иҷро шудааст. Заминаи модди-техникӣ ва инфрасохтории соҳаи тандурустии ноҳия низ хеле суст буда, аксарияти таҷҳизотҳо фарсуда гардида, то кунун дар ҳудуди ноҳия бинои ташхисгоҳ вуҷуд надорад. Дар беморхонаи марказӣ бошад ошхонаи мавҷуда ба шароити муосир мутобиқат карда наметавонад.

*Талабот ба мутахассисони соҳаи тандурустӣ дар ноҳияи Муъминобод*

| № | Мутахассисон | нафар |
|---|---|---|
| 1 | Духтури рухшинос | 1 |
| 2 | Духтури асабшинос | 1 |
| 3 | Духтури ЛОР | 1 |
| 4 | Духтури шикастабанд | 1 |
| 5 | Духтури рентгенолог | 1 |
| 6 | Духтури таҳлилгар | 2 |
| 7 | Духтури уролог | 1 |
| 8 | Чарроҳи кӯдакона | 1 |
| 9 | Даҳонпизишк | 5 |
| 10 | Духтури акушер-гинеколог | 3 |
| 11 | Духтури анестезиолог-реаниматолог | 1 |
| 12 | Духтури гадудшинос | 1 |
| 13 | Духтури силшинос | 2 |
| 14 | Духтури беморихои чашм | 1 |
| 15 | Духтури физиотерапевт | 1 |
| 16 | Духтури дилшинос | 1 |
| 17 | Духтури диетолог | 1 |
| 18 | Духтури терапевт | 3 |
| 19 | Духтури кӯдакона | 2 |
| 20 | Духтури оилави | 28 |
| 21 | Духтури бемориҳои пуст | 1 |
| 22 | Духтури вогиршинос | 1 |
| 23 | Духтури гигиена | 2 |
| 24 | Паразитолог | - |
| | Ҷамъ: | 62 |
| 25 | Хамшираи тибби | 9 |
| 26 | Момодоя | 8 |
| 27 | Тахлилгари озмоишгох-хамшира | 3 |
| 28 | Хамшираи тибби оилавӣ | 26 |

Илова бар ин, Марказҳои Саломатии Деҳоти (МСД) Лангар таъмирталаб мебошад. МСД-и Дустӣ дар ҳолати садамавӣ қарор дорад. Сохтмони бинои Бунгоҳи саломати (БС) дар деҳаи Кул давом дорад.

Айни замон бунгоҳҳои саломати дар деҳаҳои Ҷавзодара, Хразмонӣ, Дегрез, Кули ҳаётбег, Балхобӣ, Ғарабдара, Дараи ҳаваш, Ғуломобод, Нуробод, Чаргии поён (10 адад) дар хонаҳо фаъолият менамоянд.

Бунгоҳҳои саломати дар деҳаҳои Чилдухтарон, Таги туто, Дошманд, Рисқидара (4 адад) дар синфхонаҳои мактаб ҷойгиранд.

Бунгоҳҳои саломати дар деҳаҳои Даҳаначиён ва Хуҷаи Нур дар вагонҳо фаъолият менамоянд.

Бо сабаби нокифоягӣ ва маҳдудияти молиявӣ, бахши тандурустии ноҳия дар бобати хариди доруворӣ, сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётии автомошинаи санитарӣ ва хариди маводҳои зидди сӯхтор, хариди таҷҳизот ва мебел, маводи доруворӣ ва хариди хӯрока барои зимистонгузаронии соҳаи тандурусти танқисӣ мекашад.

Дар ноҳия як қатор мушкилиҳои инфрасохторӣ мавҷуданд, ки барои беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ монеагӣ менамоянд, аз ҷумла: набудани автомашинаи махсуси ёрии таъҷилӣ, бад гардидани заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, набудани таҷҳизоти муосир дар муассисаҳои тиббии ноҳия: микроскоп, таҷҳизотҳои

физиотерепевтӣ, лампаҳои тиббӣ, бормашина, гастродуодиноскоп, нафасдиҳии сунъӣ ва асбобҳои ҷароҳии чашм барои хизматрасонии тиббӣ.

*Сохтори соҳаи тандурустии ноҳияи Муъминобод*

| | |
|---|---|
| Муассисаҳои тиббии ноҳия | 51-адад |
| Сохтори шабакаҳои КАТС | Ҷамъ 51 муассисаи КАТС |
| Маркази саломатӣ | 1 адад дар маркази ноҳия |
| Марказҳои саломатии деҳот | 20 адад |
| • Бунгоҳҳои тиббӣ | 25 адад |
| • Пойгоҳи ёрии таъҷилӣ | 1-адад |
| Беморхонаҳо | ҷамъ, 2 –беморхона |
| | 1 - Беморхонаи марказии ноҳия, 1-беморхонаи рақамӣ |
| Марказҳои ҳифзи саломатӣ | 1- Маркази мубориза бар зидди бемории сил |
| | 1-Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим |
| | 1-Маркази солимии репродуктивӣ |
| | 1 - Маркази имунопрофилактикӣ |
| | 1-Маркази ВНМО (СПИД) |
| | 1- Маркази назоратии давлатии санитарию-эпидемиологӣ |

Мувофиқи ислоҳоти системаи идоракунии соҳа бахши тандурустии ноҳия барҳам дода шуда, вазифаи асосии идора ва ҳамоҳангсозии умумии фаъолияти муассисаҳои тиббӣ ба зиммаи сардухтури беморхонаи марказии ноҳия гузошта шудааст.

*Сатҳи маълумотнокии кормандони КАТС*

| Муассисаҳои тиббӣ | Шумораи кормандон | Маълумоти миёнаи махсус | Маълумоти олӣ | Дигар кормандон |
|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 400 | 265 | 32 | 103 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 55,7 | 67,6 | 56,1 | 38,3 |
| Беморхонаҳо | 271 | 107 | 19 | 145 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 37,7 | 40,2 | 33,3 | 53,9 |
| Ҳифзи саломатӣ | 47 | 20 | 6 | 21 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 6,5 | 5,1 | 10,5 | 7,8 |
| Ҳамагӣ: | 718 | 392 | 57 | 269 |

Дар ноҳия низоми самараноки ҳавасмандгардонии кормандони тиб барои кор дар деҳот номукаммал буда, таъмини мутхассисони маҳаллӣ бо манзили истиқоматӣ ва ё участкаҳои наздиҳавлигӣ диққати махсусро талаб менамояд.

Дар амал табиқ намудани вазифаҳои зерин метавонад дар рушди ояндаи соҳа заминаи воқеӣ гузорад:

– беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори мавҷуда (сохтмон ва барқарорсозии бунгоҳҳои тиббӣ, бинои ташхисгоҳ, ошхона ва ҳаммом дар беморхона, бинои МЗКТ, МВНМО, маркази эмтаъминкунӣ, пойгоҳи ёрии таъҷилӣ, ҳуҷраи физиотерепевтӣ, ҳуҷраи духтури касалиҳои дарунӣ, ҳуҷраи ЭКГ);
– бо таҷҳизотҳои тиббӣ, доруворӣ ва хӯрока таъмин намудани муассисаҳои тиббии ноҳия;
– беҳтар намудани фаъолиятҳо дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зиддӣ бемориҳои сирояткунанда;
– ташкили чорабиниҳои самарабахш дар заминаи пешгирӣ ва мубориза ба ВНМО дар байни аҳолӣ, бахусус ҷавонон;
– ба роҳ мондани маъракаи мубориза бо гелминтозҳо дар байни кӯдакони то синни 14 сола;
– таъмин намудани беморхонаҳои минтиқавӣ ва КАТС бо мошини ёрии таъҷилӣ;
– таъмин намудани муассисаҳои тандурустии ноҳия бо таҷҳизоти муосир;
– таъмирталаб будани бинои ошхона, бунгоҳҳои тиббӣ, ҷубурҳои обтаъминкунӣ;

– таъмин намудани муассисаҳои тандурустии ноҳия, беморхонаи маркази ва минтақавӣ, марказҳои КАТС бо компютерҳо;
– таъмини муассисаҳои тиббии ноҳия бо мутахассисони маълумоти олидор;
– Сохтмони ҳамом, ошхона ва амборҳо дар беморхонаҳои минтақавӣ.
– Таъмини муассисаҳои КАТС бо бинои ёрирасон.

***Мушкилиҳои асосии соҳа:***
– Норасоии кадрҳо баландихтисос;
– Норасоии таҷҳизотҳо дар муассисаҳои навтаъсис;
– Набудани таҷҳизотҳои замонавӣ: дастгоҳи рентгении рақамӣ, нафасдиҳии сунъӣ, ректомоноскоп, ларингоскоп.
– Набудани таҳлилгоҳи биохимиявӣ дар беморхонаи маркази ноҳия
– Набудани таҷизотҳои тиббӣ дар шӯъбаи эҳёгарӣ
– Беморхонаи рақамии №1 ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ дорад
– Нокифоя будани ҳуҷраҳои корӣ дар маркази саломатии ноҳиявӣ

### 3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ

***Ҳолати кунунии соҳа.*** Соҳаи иҷтимоии ноҳияи Муъминобод аз Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, шӯъбаи ёрии иҷтимоӣ дар хонаҳо, бахши меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ иборат мебошад. Бояд қайд намуд, ки дар доираи ислоҳоти соҳаи идоракунии давлатӣ аз 1 январи соли 2014 масъалаҳои меҳнат, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ ба салоҳияти Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардида, масъалаҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ба салоҳияти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва масъалаҳои ҳифзи меҳнат ва ёрии иҷтимоӣ дар хонаҳо ба сохтори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон ва оила ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вогузор гардидааст.

Ба ҳолати 1 январи соли 2015 тибқи маълумоти расмӣ, теъдоди умумии аҳолии ноҳияи Муъминобод аз 84300 нафар иборат буда, аз он 47275 нафарашон аҳолии қобили меҳнат мебошанд.

***Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ.*** Ба гурӯҳи осебпазири аҳолии ноҳия нафақхӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

*Шумораи гурӯҳҳои осебпазир аз рӯи категорияҳо*
*дар тӯли солҳои 2011-2014*

| Гурӯҳҳои осебпазир | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
| Нафақахӯрон, аз рӯи синну сол | 3154 | 3275 | 3335 | 3363 |
| Маъюбон | 1978 | 1952 | 1959 | 1818 |
| аз ҷумла маъюбони модарзод | 511 | 446 | 450 | 431 |
| Аз ҷумла кӯдакони то сини 18 сола | 379 | 401 | 415 | 410 |
| Бесаробонмондагон | 1268 | 1258 | 1235 | 1199 |
| Ятими кулл | 18 | 17 | 14 | 13 |
| Оилаҳои камбизоат | 1992 | 2064 | 2318 | 2166 |

Айни замон дар ноҳияи Муъминобод бо назардошти сатҳи бекорӣ, зарурияти ташкили ҷойҳои нави корӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаб маҳсуб меёбад.

Дар ноҳияи Муъминобод тайи солҳои 2012-2014 зиёдшавии шумораи нафақахӯрон, аз рӯи синну сол ба назар мерасад. Сабаби асосии он риоя нагардидани талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба таъини нафақаи маъюбӣ. Соли 2014 дар ноҳия 1199 нафар кӯдакони аз падар ё модар маҳрумгашта ва 13 нафар ятимоне, ки волидайнашонро гум кардаанд, ба қайд гирифта шудаанд. Дар ин самт зарур аст, ки

масъулин ва мутахассисони соҳа ба ҳолати кунунии саломатии физиологӣ ва рӯҳии аҳолӣ диққати махсус диҳанд. Баҳри ҳалли масъалаи мазкур, дар ҳудуди ноҳия ташкил намудани истироҳатгоҳ барои маъюбон ва дар маркази ноҳия бунёд намудани Хонаи пиронсолон зарур мебошад. Мутаассифона, дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ бо назардошти имконниятҳои маҳдуди молиявӣ, мушкилиҳое мавҷуданд, ки ҳаллу фасли онҳо дастгирию кӯмакҳои башардӯстонаро тақозо менамоянд. Дар давоми соли 2014 ба 12 нафар маъюбони гурӯҳи 1 (аз 4 нафар маъюбони то 18 сола) воситаҳои ҳаракаткунанда (курсӣ – аробачаҳои маъюбӣ), ба эҳтиёҷмандон 4 ҷуфт асобағал ва 20 асоча таъмин карда шудаанд. Аммо миқдори дастрасшудаи курсӣ аробача, асобағал ва асочаҳо хеле кам мебошад. Мутобиқи маълумотҳои расмӣ зиёда аз 200 нафар ба аробача, 50 нафар ба асобағал ва 140 нафар ба асоча ниёз доранд. 29 нафар ба асобағал таъмин гардида, 11 нафари дигар барои курсӣ – аробачаҳои маъюбӣ эҳтиёҷ доранд. Инчунин дар ҳудуди ноҳия маъюбони бо воситаҳои ёридиҳанда (узвҳои сунъӣ (протез) ва айнакҳои махсус, асбобҳои шунавоӣ) эҳтиёҷ дошта зиёданд.

***Хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона.*** Дар ноҳияи Муъминобод ҷиҳати татбиқи самараноки чорабиниҳои иҷтимоии суроғавӣ Муассисаи давлатии маркази хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона фаъолият менамояд, ки хизматрасонии суроғавиро ба аҳолӣ ба анҷом мерасонад. Шумораи умуми кормандони муассисаи мазкур 26 нафар (аз ҷумла, 18 нафарашон зан) - ро ташкил дода, аз ин шумора 15 нафарашон ба 5 адад ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот вобаста гардидаанд. Дар соли 2011 ба 104 нафар, соли 2012 ба 109 нафар, соли 2013 ба 104 нафар ва дар соли 2014 ба 107 нафар хизматрасонии суроғавӣ дастрас гардонида мешавад. Ба онҳо асосан 56 намуди хизматрасониҳои иҷтимоӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ, маслиҳатӣ, намояндагӣ ва роҳнамоӣ расонида мешаванд.

Аз шумораи умумии ниёзмандон 1 нафар иштирокчии ҶБВ, 2 нафар Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, 38 нафар шахсони яккаву танҳо, 48 нафар нафақахурони пиронсоли ба хизматрасонӣ эҳтиёҷманд ва 18 нафар шахсони маъюб ва бесаробонмонда мебошанд. Мушкилиҳои асосии соҳаи мазкур бештар дар нарасидани доруворӣ, маводҳои сӯзишворӣ (ҳезум ва ангишт), хӯрока, вуҷуд надоштани муассисаи будубоши доимӣ, дастрас набудани гирифтани таълим дар хона (бинобар вуҷуд доштани менталитети миллӣ дар самти пинҳон доштани чунин оҷизият) ва равон нагардидани эҳтиёҷмандон ба истироҳатгоҳҳо зоҳир мегардад.

Муассисаи мазкур ба воситаҳои нақлиёт, воҳидҳои кории иловагӣ, зиёд намудани маблағгузорӣ ва бинои замонавии муҷаҳҳазгардонидашуда, таъсиси муассисаи будубоши рӯзона, аробачаҳои маъюбӣ, маблағгузориҳо дар самти ташкили корҳои хонагӣ (курпачадӯзӣ, дуредгарӣ, сабадбофӣ, оҳангарӣ, заргарӣ ва ғайра) эҳтиёҷ дорад.

***Дастгирии оилаҳои камбизоат.*** Мутобиқи муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи идома ва ҷорӣ намудани механизми таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат" аз 3 июли соли 2014 таҳти №437 ноҳияи Муъминобод аз 1 июли соли 2014 ба сифати ноҳияи таҷрибавӣ ҷиҳати татбиқи механизми кӯмаки унвонии иҷтимоӣ интихоб гардидааст. Механизми мазкур бар ивази пешниҳоди ҷубронпулиҳо барои пардохти ҳаққи хизматрасониҳои нерӯи барқу газ ва кӯмакпулӣ барои оилаҳои камбизоате, ки кӯдаконашон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд, ворид карда шудааст.

*Ҳаҷми пардохти ҷубронпулиҳо ва миёнаи нафақа дар ноҳияи Муъминобод дар тӯли солҳои 2012-2014 (сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Ҷуброни кувваи барқ (сомонӣ) | 60606 | 92896 | 90388 |
| - нафар | 474 | 484 | 512 |

Айни замон дар доираи иҷроиши қарори мазкур аз 2895 оилаҳои камбизоати ба барнома воридшуда, ки аз он 2400 оилаҳои камбизоат кӯмакпулӣ таъин гардидааст ва дар ин давра 119,7 ҳазор сомонӣ пардохт шудааст.

***Таъминоти нафақа.*** Мувофиқи маълумоти расмӣ дар ноҳияи Муъминобод ба ҳолати соли 2014 - 6685 нафар нафақахӯрон ба қайд гирифта шудаанд.

Ба ҳолати 1 январи соли 2015 дар ноҳияи Муъминобод маблағи талаботи моҳонаи нафақа 671122 сомониро ташкил медиҳад, ки он дар қиёс ба нишондиҳандаи соли 2010 ба андозаи 269277 сомонӣ ва ё 40,1 фоиз зиёд мебошад. Дар соли 2014 ҳаҷми миёнаи нафақа 261 сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 76,4 сомонӣ ва ё 141,3 фоиз зиёд мебошад.

*Талаботи моҳонаи нафақа дар нохияи Муъминобод тайи солҳои 2010 -2014 (сомонӣ)*




Яке аз омилҳои асосие, ки дар раванди афзоиши ҳаҷми пардохти нафақа таъсири мусбӣ расонидааст, ин дар заминаи рушди иқтисодиёти кишвар ва беҳтар гардидани имкониятҳои молиявӣ, интишор гардидани фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №923 аз 6 сентябри соли 2010, “Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендияҳо”, №1313 аз 13 августи соли 2012 ва №1493 аз 14 августи соли 2013 “Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои соҳаи иҷтимоӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендияҳо” мебошанд.

*Шумораи нафақахӯрон дар ноҳияи Муъминобод дар соли 2014 (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | Шумора (нафар) | Маблағ (сомонӣ) |
|---|---|---|
| Ҳамагӣ нафақахӯрон | 6685 | 671122 |
| Аз он ҷумла, нафақахӯрон аз рӯи маъюбӣ | | |
| 1. Нафақахӯрони меҳнатӣ | | |
| Маъюбони Ҷанги Бузурги Ватани | 1 | 849 |
| а) аз руи синну сол | 1342 | 317605 |
| б) аз руи маъюби умумӣ | 684 | 232377 |
| в) аз руи бесаробони | 95 | 32108 |
| г) барои хизматҳои дарозмуддат | 21 | 7761 |
| д) хизматҳои махсус дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон | 14 | - |
| 2. Нафақахӯрони иҷтимоӣ | 257 | 50076 |
| а) аз рӯи синну сол | 1303 | - |
| б) аз рӯи маъюби умумӣ | 219 | 42588 |
| в) аз рӯи бесаробони | 29 | 6646 |
| г) маъюбони аз кӯдаки аз 18 сола боло | 120 | 18720 |
| д) маъюбони аз овони кӯдаки то 18 сола | 109 | 17004 |
| 3. Талаботи моҳонаи нафақа (ба 31. 12.2013) | - | 691517 |

***Шуғли аҳолӣ.*** Дар ноҳияи Муъминобод дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва бо мақсади таъмини аҳолии ноҳия бо ҷои кор, дар давоми солҳои 2012-2014 дар якҷоягӣ бо сохторҳои дахлдор 5824 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд (аз ҷумла дар соли 2014 - 2752 ҷойи нави корӣ), ки аз ин шумора дар ҳамин давра 823 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин гардидаанд, ки 14,1 фоизи ҷойҳои кории таъсисёфтаро ташкил медиҳад. Сабаби чунин тамоюл вобаста бо ҷойҳои кории таъсисёфта фаро гирифта нашудани аҳолии қобили меҳнат бештар ба сатҳи пасти музди меҳнат алоқаманд мебошад.

*Диаграммаи таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар давоми солҳои 2012-2014 (нафар)*




*Диаграммаи сохтори шуғли аҳолӣ дар буриши соҳаҳо дар соли 2014 (нафар)*




Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар бозори меҳнат, дар давраи то соли 2020 ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина, баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат, ба ҳисоб меравад.

Бинобар ташаккул ёфтани муносибатҳои нави иқтисодӣ ва рушд ёфтани бахшҳои мухталифи хизматрасонӣ, дар тамоми соҳаҳо афзоиши шумораи соҳибкорон, корхонаҳо ва кормандон ба мушоҳида мерасад.

Дар доираи барномаи мазкур, дар давоми солҳои 2012-2014 беш аз 970 нафар курсҳои кӯтоҳмудати касбомӯзиро дар марказҳои таълимӣ хатм намудаанд. Дар ҳамкорӣ бо Филиали муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» дар ноҳияи Муъминобод ба курсҳои омӯзишӣ аз рӯи касбҳои сохтмончӣ (хиштчин,

рангмол, андовачӣ), дуредгарӣ, дӯзандагӣ, устои баркчӣ, кафшергари баркӣ, қаннодӣ, ошпаз, ронандагӣ, муҳосиб, занбуриасалпарвар, шарбат тайёркунӣ, компютер ва омӯзиши забони хориҷӣ фаро гирифта шудаанд, аз ҷумла 523 нафари онҳоро (ё ки 53,7%) занон ташкил медиҳанд. Бо назардошти тақвияти заминаи моддию техникии муассисаи мазкур аз ҷониби Кумитаи имдоди Имом Ҳумайнии Ҷумҳурии Исломии Эрон соли 2009 ба он 5 адад мошини дӯзандагӣ тақдим карда шуд.

*Раванди татбиқи "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Муъминобод барои солҳои 2012-2014"*

| Номгӯи чорабиниҳо | Солҳо | | | | | | соли 2014/ соли 2012 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | | 2013 | | 2014 | | |
| | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | |
| Таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 1232 | 1232 | 1322 | 1840 | 1550 | 2752 | 2,2 мар. |
| Таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ | 276 | 215 | 275 | 288 | 305 | 320 | 48,8 |
| Касбомӯзӣ: | 180 | 204 | 220 | 440 | 200 | 330 | 61,7 |
| аз ҷумла занон | | 120 | | 210 | | 193 | 60,8 |
| Корҳои ҷамъиятии музднок | 32 | 32 | 33 | 33 | 37 | 87 | 2,7 мар. |

***Маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ.*** Ҳаҷми хароҷоти буҷети ноҳияи Муъминобод барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ) ҳамасола меафзояд. Маблағгузории буҷетии ин соҳаҳо бештар дар асоси ҳисобу китоби сметавӣ (харҷномавӣ) сурат мегирад.

*Диаграммаи ҳаҷми маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ (млн.сомонӣ)*




Соли 2014 ба соҳаҳои маориф 62,5 фоиз, тандурустӣ 21,7 фоиз ва соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 1,5 фоиз маблағҳо масраф гардидааст. Маблағи барои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ пешбинишуда барои ҳавасмандсозии иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, собиқадорони меҳнат ва маъюбони модарзод ба муносибати иду ҷашнҳо, расонидани кӯмаки якваққта барои иштирокчиёни садамаи Чернобил ва пардохти ҷубронпулӣ ба хонандагони аз оилаҳои камбизоат масраф мегардад.

***Музди меҳнат.*** Дар ноҳияи Муъминобод тайи солҳои 2012-2014 андозаи даромадҳои пулии аҳолӣ аз ҳисоби музди меҳнат мунтазам дар доираи имкониятҳои буҷети маҳаллӣ бо назардошти ҳаҷми субвенсияҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ мунтазам зиёд гаштааст. Бо вуҷуди ин ҳоло ҳам сатҳи пасти музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ,

саноат ва сохтмон боқӣ мондааст. Музди миёнаи меҳнати кормандони соҳаи маориф ва тандурустӣ пайваста меафзояд, ки ин тамоюл ба сатҳи хизматрасонии сифатноки ин соҳаҳо таъсири мусбӣ мерасонад.

*Музди миёнаи меҳнат дар ноҳияи Муъминобод аз рӯи соҳаҳо*
*дар тӯли солҳои 2011-2014*

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | Соли 2014 / соли 2011 (бо%) |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Кишоварзӣ | 296 | 268 | 305 | 335 | 13,1 |
| Саноат | 216 | 270 | 270 | 276 | 28 |
| Сохтмон | 380 | 395 | 460 | 487 | 28,2 |
| Молия ва қарз, бонкҳо | 650 | 681 | 710 | 799 | 23 |
| Фарҳанг | 288 | 310 | 384 | 473 | 64,2 |
| Тандурустӣ | 356 | 396 | 482 | 680 | 91 |
| Маориф | 540 | 550 | 600 | 615 | 13,8 |
| Дигар сохторҳои соҳаи буҷавӣ | 410 | 470 | 570 | 590 | 44 |
| Ҳамагӣ дар ноҳия (ба ҳисоби миёна) | 392 | 418 | 473 | 532 | 35,7 |

***Сатҳи бекорӣ.*** Ҳаллу фасли масъалаи мазкур яке аз ҳадафҳои асосии Барномаи рушди ноҳия маҳсуб ёфта, дар давоми 5 соли минбаъда барои бо ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва дар ин замина, коҳиш додани сатҳи бекорӣ нигаронида шудааст. Барои расидан ба ин ҳадаф, дар доираи Барномаи мазкур, дар ноҳия ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар назар дошта шудааст.

Шумораи умумии аҳолии қобили меҳнати ноҳияи Муъминобод ба ҳолати 31.12.2014 ба миқдори 47 ҳазор нафар расидааст. Шумораи умумии бекороне, ки расман ба қайд гирифта шудаанд 943 нафарро, ё ки 2,3 фоизи захираҳои меҳнатиро ташкил медиҳад. Аммо мутобиқи ақидаи коршиносони маҳаллӣ сатҳи бекорӣ дар ноҳия тақрибан 30-35 фоизро ташкил медиҳад. Шумораи зиёди бекорон асосан аз ҳисоби занон мебошанд, ки онҳо хонашинанд.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти минбаъда ва дастгирии молиявии бекорон, аз ҷониби шӯъбаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати ноҳия, аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба бекорон ҳамасола қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок пешниҳод карда мешавад. Дар тӯли солҳои 2012-2014 шумораи умумии бекороне, ки дар ҳудуди ноҳия аз қарзҳои бефоиз истифода намудаанд, 129 нафарро ташкил додааст ва ҳаҷми умумии маблағи пешниҳодшуда ба 530 ҳазор сомонӣ баробар гардидааст.

Сабаби кам будани шумораи истифодабарандагони қарзҳои бефоиз, ин надоштани иттилооти кофӣ ва маҳдуд будани ҳаҷми маблағҳои пешниҳодгардида мебошад. Ҳамасола дар ноҳия ба ҳисоби миёна ба 74 нафар ба маблағи 7,1 ҳазор сомонӣ қарзҳои бефоиз дода мешавад, ки ин хеле кам буда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ басанда нест.

*Маблағҳои қарзии имтиёзноки ба бекорони ноҳияи Муъминобод*
*дар солҳои 2012-2014 барои шуғл пешниҳодгардида*

| Солҳо | Шумораи умумии бекорон дар ноҳия, нафар | Бекороне, ки ба онҳо маблағи қарзи имтиёзнок пешниҳод гардидааст, нафар | Маблағи қарзии пешниҳод гардида, ҳазор сомонӣ | Маблағи кӯмакпулӣ барои бекорон, ҳазор сомонӣ | Шумораи бекорони ба курсҳои касбомӯзӣ фарогирифташуда, нафар | Маблағи ба муҳоҷирони экологи додашуда, ҳазор сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 746 | 40 | 114,8 | 35 | 204 | 32350 (6 хоҷагӣ) |
| 2013 | 607 | 38 | 91,4 | 44,5 | 440 | 33800 (10 хоҷагӣ) |
| 2014 | 943 | 51 | 197 | 83 | 330 | 33300 (10 хоҷагӣ) |

Яке аз самтҳои асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия то соли 2020 ҷалб ва мусоидат намудан ба фаъолияти муассисаҳои дахлдор, барои ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина, мусоидат намудан ба рушди бозори меҳнат мебошад. Аз ин лиҳоз, дар ноҳия то соли 2020 ташкил намудани 4000 ҷойҳои нави корӣ пешбинӣ гардидааст.

***Муҳоҷирати меҳнатӣ.*** Аз соли 2014 сар карда оиди масъалаҳои шуғл ва муҳоҷирати меҳнатӣ, экологӣ ва дохилӣ дар ноҳия шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳияи Муъминобод машғул мебошад. Муҳоҷирати меҳнатӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷои кор нақши калон бозида, яке аз сарчашмаҳои асосии даромади аҳолии ноҳияи Муъминобод мебошад. Аз рӯи ҳисоботи расмии оморӣ дар соли 2014 шумораи умумии муҳоҷирон 1401 нафарро ташкил додааст. Дар ноҳия сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ ба назар расида, сатҳи тахассусӣ ва касбии муҳоҷирони меҳнатии ноҳия, хусусан ҷавонон, дар бозори меҳнат рақобатпазир нест. Соли 2014 аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ба ноҳия тавассути бонкҳои ноҳия 1,87 млн. доллари ИМА ва 21,3 млн. рубли Руссия ворид гаштааст.

Яке аз масъалаҳои мубрами соҳа, ба роҳ мондани муҳоҷирати экологии дохилӣ (ихтиёрӣ), тавассути аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ мебошад. Вобаста ба ҳалли ин мушкилот қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №474 аз 2 ноябри соли 2013 “Дар бораи тасдиқи нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2014-2016” ба тасвиб расидааст, ки дар доираи он, аз ноҳияи Муъминобод кӯчонидани 51 оила пешбинӣ гардидааст.

Солҳои 2012-2014 дар ноҳия 30 хоҷагӣ (173 нафар) муҳоҷирони экологӣ ба қайд гирифта шуданд, ки аз мавзеъҳои хафноки деҳаҳои Дегрез, Боғидилкушои ҷамоати деҳоти Чилдухтарон деҳаҳои Ғеш, Мағак, Кулчашма, Марғакиубараи ҷамоати деҳоти ба номи Н. Назаров, деҳаи Тутуи ҷ\д Ш.Шоҳин ва деҳаҳои Туто ва Боғи Хабиби ҷамоати Балғоби ба мавзеъҳои бехавфи ноҳия кӯчонида шудаанд.

Зарур аст, ки ҷиҳати мусоидат ба танзими ҷараёни муҳоҷирати муташаккилонаи бурунмарзии меҳнатӣ дар доираи Барнома тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд: ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба касбомӯзӣ ва омӯзишии забони давлатҳои қабулкунандаи қувваи корӣ ва ҳуқуқи муҳоҷир, тавассути курсҳои кӯтоҳмуддат барои шаҳрвандоне, ки хоҳиши ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтан доранд, ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо сохторҳои дахлдори ҷумҳурӣ, ҷиҳати интиқоли нерӯҳои кории маҳаллӣ ба хориҷи кишвар, ташкил ва татбиқ намудани механизми бо шаҳодатнома таъмин намудани нафарони малакаи касбии хешро дар курсҳои бозомӯзӣ беҳтар намуда, фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ ба суғуртаи ихтиёрӣ ва ҷамъшаванда, пурра аз муоинаи тиббӣ гузаронидани муҳоҷирони аз муҳоҷират баргашта, ворид ва амалӣ намудани шакли нави қарз - «Қарзи роҳкиро» барои шаҳрвандоне, ки ҳамчун бекор дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар қайд буда, хоҳиши ба муҳоҷиратӣ меҳнатӣ рафтан доранд, самаранок ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолии кишварҳо ва корфармоёни хориҷӣ.

***Мушкилиҳои асосии соҳаҳои иҷтимоӣ:*** норасогии воситаҳои техникӣ, курсӣ-аробачаҳо барои маъюбон, номутобиқатии ташкили корҳо оиди раванди таъминоти маъюбон, пиронсолон, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд ва ҷавобгӯй набудани он ба стандартҳои умумӣ қабулгардида, рақобатнопазир будани бозори расмии меҳнатӣ бо бозори ғайрирасмии меҳнат, сатҳи пасти тахассусӣ ва тайёрии касбӣ дар байни ҷавонон, набудани техника ва технологияҳои замонавӣ дар муассисаҳои сохтории ҳифзи иҷтимоӣ, саривақт ба кор таъмин нагардидани шаҳрвандоне, ки курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро хатм менамоянд, набудани муассисаи давлатии «Маркази хизматрасонии иҷтимоии рӯзона барои кӯдакони имкониятҳои маҳдуд», мавҷуд набудани хонаи маъюбон, барои кӯдакони маъюб, зарурияти таъсис додани «Литсейи касбомӯзӣ» барои маъюбони синни аз 15 то 30 сола ва дар ноҳия мавҷуд набудани «Хонаи кӯҳансолон».

***Ҳифзи иҷтимоии кӯдакон.*** Ташкил намудани низоми муосири ҳифзи иҷтимоии кӯдакони бепарастор, кӯдакони маъюб ва кӯдаконе, ки ҳуқуқвайронкунӣ содир кардаанд ва ё таҳти хавфи ҳуқуқвайронкунӣ қарор доранд дар якҷоягӣ бо мақомоти салоҳиятдор яке аз афзалиятҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии он дар сатҳи оила ва ҷомеа тарбия намудани кӯдакон ва сафарбар намудани кӯдакони осебпазир ба муассисаҳои будубоши доимӣ мебошад.

Дар ноҳияи Муъминобод барои беҳтар намудани рӯҳияи кӯдакони маъюб ягон муассиса ё ташкилот фаъолият наменамояд. Ҳар сол рӯзи 1 июн рӯзи кӯдакон ва 3 декабр рӯзи маъюбон, бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва ташаббуси Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар маркази ноҳия бо иштироки кӯдакони имконияташон маҳдуд озмунҳои мухталифи расмкашӣ, шеърхонӣ, сурудхонӣ, намоиши саҳначаҳои ҳаҷвӣ гузаронида мешавад. Дар озмунҳои номбаршуда кӯдакону наврасони маъюб ҳамчунин маҳсули меҳнаташонро ба намоиш мегузоранд, ҳамзамон ба эҳтиёҷмандон аробачаҳои маъюбӣ ва ба кӯдакони имконияташон маҳдуд тӯҳфаҳо гуногун тақдим карда мешавад.

***Адлияи ноболигон.*** Дар ноҳияи Муъминобод аз ҷониби ноболиғон соли 2014 ду ҳолати ҷиноят ба қайд гирифта шудааст. Барои пешгирӣ намудани қонунвайронкунӣ аз ҷониби ноболоғон дар давоми соли 2014 аз ҷониби Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак дар якҷоягӣ бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳо ва муассисаҳои дахлдор зиёда аз 14 маротиба амалиёти мақсаднок гузаронида шуд.

Дар заминаи «Барномаи кор бо ноболиғон барои солҳои 2010-2015» дар мактабҳои №40,10,3,4,1,2,29 корҳои профилактикӣ ва машваратҳо гузаронида шуда, дар он хонандагону мураббиёни мактабҳо ва волидайни кӯдакони маъюб иштирок намуданд. Амалиётҳои фаврӣ ва дигар тадбирҳо оиди пешгирии ҳамагуна ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон, таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ноболиғон, эмин нигоҳ доштани онҳо аз зӯроварии калонсолон ва ба таълиму тарбия ҷалб намудани онҳо тадбирҳои лозимӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар ин самт, Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак бо маркази таҳсилоти иловагӣ ҳамкории зич дошта, дар асоси қарори Комиссияи ҳуқуқи кӯдак ҳамасола ноболиғон барои пешгирӣ аз корҳои номатлуб, ба таҳсили иловагӣ фаро гирифта мешаванд. Дар давоми солҳои 2012-2014 тақрибан 371 нафар, аз ҷумла 3 нафар кӯдакони маъюб, ба маҳфилҳои омӯзишии марказ фаро гирифта шуданд. Ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои оворагардию қонуншиканӣ толибилмон мувофиқи хоҳишашон барои беҳтар намудани сатҳи дониш ба маҳфилҳои Маркази таҳсилоти иловагӣ ҷалб мегарданд.

Ҷиҳати беҳтар намудани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии кӯдакон ва наврасон ҳар сол озмуни хонандаи беҳтарин ва барномаҳои радиоию телевизионӣ ташкил мегарданд. Инчунин, ҳамасола бо ҳамкорӣ бо шӯъбаи Вазорати корҳои дохилии ноҳия ва шӯъбаи маорифи ноҳия бо хонандагони мактабҳо сӯҳбату вохӯриҳо дар мавзӯи "Қонун ва ҷазо" ва ғайра гузаронида мешаванд. Ҳамзамон, ҷиҳати пайдо намудани маълумот оид ба раванди ислоҳоти соҳа, татбиқи барномаҳои соҳавӣ, ҷалби аҳли ҷомеа дар бартарафсозии мушкилотҳои аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ ва психологӣ доштаи марбут ба адлияи ноболиғон мувофиқи мақсад мебошад.

### 3.4. Соҳаи фарҳанг

Дар ноҳияи Муъминобод 36-адад муассисаҳои фарҳангӣ дар хизмати сокинони ноҳия қарор доранд. Аз ҷумла: 4-адад клуб, 3-хонаи фарҳанг, 2-адад клуби Сайёр, 23-адад китобхонаҳои оммавӣ, 1-театри халқӣ, 1-мактаби бачагонаи мусиқӣ, 1-Китобхонаи шахсии Ганҷинаи нақди адабии ба номи С.Табаров, 1-ансамбли Фолклорӣ этнографии ба номи Чилдухтарон ва рӯзномаи ноҳиявии «Субҳи меҳнат» ба сокинони ноҳия хизмати фарҳангӣ расонида истодаанд.

Шумораи умуми кормандон дар муассисаҳои фарҳангӣ 118 нафарро ташкил дода, аз ин 29-нафар дорои маълумоти олӣ, 61–нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 28-нафар дорои маълумоти миёна, ки аз ин 27 нафарашон кормандони техники мебошанд.

Дар ноҳия ягон осорхона ва боғи фарҳангу фароғати вуҷуд надорад.

Айни ҳол дар маркази шаҳраки ноҳия сохтмони Қалъаи Муъминобод рафта истодааст, ки то ба имрӯз қисман корҳо ба иҷро расидааст ва то имрӯз ба миқдори зиёда аз 300 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмони ба анҷом расидааст.

Мувофиқи нақша таъмири оромгоҳи Шоҳи-Хомуш, ки дар ҷамоати деҳоти Боғгаи ҷойгир мебошад ба маблағи 1-миллиону 800 ҳазор сомонӣ пешбини гардида, дар асоси мактуби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.07.2013 бо №2-11\1417 барои таъмири ин муассисаи фарҳангӣ 800 ҳазор сомонӣ ҷудо шудааст.

Мактаби мусиқии ноҳия бинои алоҳида надорад, ва дар айни ҳол дар бинои собиқ беморхонаи марказии ноҳия фаъолият дорад. Дар мактаби мусиқии ноҳия синфхонаҳо намерасанд ва аз сабаби нарасидани синфхонаҳо омӯзгори фанни ғиҷҷак, хор ва рубоб дар бинои мактаби таҳсилоти умумии №2, 50 ва мактаб–интернати ятимон ва бепарасторон машғулиятҳояшонро мегузаронанд.

Дар мактаб асосан аз рӯи ихтисосҳои аккордеон, асбобҳои халқӣ, рақси миллӣ, драммавӣ, дарсҳои назарявӣ ва дарсҳои омӯзиши компютер гузаронида мешавад.

Шумораи умумии хонандагон дар соли хониши 2014-2015 137- нафарро дарбар мегирад. Дар таълимгоҳ 14-нафар омӯзгор аз он 6-нафар бо маълумоти олӣ, 8-нафар бо маълумоти миёнаи махсус фаъолият мекунанд.

*Маълумот оиди муассисаҳои фарҳанги ноҳияи Муъминобод*

| Номгӯи муассисаҳо | Шумораи кормандон | Шумораи хонандагон | Мушкилот |
|---|---|---|---|
| Мактаби мусиқи бачагона | 14 | 137 | Набудани бинои алоҳида нарасидани омӯзгорон нарасидани асбобҳои мусиқӣ, 2-адад рубоби қашқари, 2-адад ғичак, 3-адад доира, 2-аккордиён |
| 1 Хонаи фарҳанги ноҳия,<br>2 хонаи фарҳанги деҳоти,<br>4 клуби деҳоти,<br>2 клуби сайёр. | 32 | | Нарасидани таҷҳизоти замонавӣ 16-адад асбоби баландкунандаи овоз 8-адад рубоб, 16-адад доира,16-адад таблак, 8-адад сетор, 8-адад акордиён, 8-адад ғиччак, мизу курсиҳо барои 400 чои нишаст. Набудани бино дар Ҷамоати деҳоти Ш.Шоҳин, дар деҳаи Шаҳрак Ҷамоати деҳоти Ҷилдухтарон, дар деҳоти Боғгаи Ҷамоати деҳоти Боғгаи. |
| 1-Китобхонаи марказӣ, китобхонаи бачагона. | 39 | 4177 | Надоштани бинои алоҳидаи китобхонаи маркази ва бачагона.<br>Ба талабот чавобгӯ набудани шароити китобхонаи деҳоти Боғгаи Ҷамоати деҳоти Боғгаи, деҳаи Садбаргоҳ Ҷамоати деҳоти Н.Назаров, деҳаи Сангдара Ҷамоати деҳоти Ш-Шоҳин, деҳаи Ҷилдухтарон Ҷамоати деҳоти Ҷилдухтарон.<br>Дар китобхонаҳои деҳоти аз нарасидани рафъои китобмони 20-маҷму, чевонҳо 23-адад, компиютер 10-адад мизу курсиҳои кори 30-адад намерасанд |

Мушкилиҳои асосии соҳаи фарҳанг:

- ✓ Норасоии асбобҳои мусиқии миллӣ ва барқӣ
- ✓ Набудани осорхонаи таърихӣ – кишваршиносӣ дар ноҳия
- ✓ Набудани боғи фарҳангу фароғати дар ноҳия
- ✓ Мавҷуд набудани студияи сабти овоз ва банаворгирӣ
- ✓ Норасоии таҷҳизоти компютерӣ ва дигар лавозимоти идоравӣ
- ✓ Ба таъмири асосӣ ниёз доштани клубҳо ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ
- ✓ Дар биноҳои дастгоҳҳои ҷамоат ва дигар муассисаҳо ҷойгир будани китобхонаҳо
- ✓ Норасоии мизу курсии кори ва ҷойҳои нишаст дар ҳамаи клубҳои ҷамоатҳои ноҳия

### 3.5. Соҳаи варзиш ва сайёҳӣ

Дар ноҳияи Муъминобод дар самти пешбурди сиёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ дар ин замина гузаронидани чорабиниҳои тарғиботию ташвиқотӣ “Бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ” фаъолият менамояд.

***Варзиш.*** Дар маркази ноҳия 1- мактаби варзишии кӯдакон ва наврасон фаъолият дорад, ки дар он 15- нафар мураббӣ, ба 32-гурӯҳ варзишгарон аз рӯи 10- намуди варзиш, аз ҷумла варзиши сабук, волейбол, тенниси рӯи миз, дзю-до, таэквон-до (втф), чавгонбози, шашка, бокс ва футбол ба 283 нафар наврасон тамрин ва таълим медиҳанд, ки аз ин шумора 34-нафарашонро духтарон ташкил медиҳад.

*Иштироки варзишгарони ноҳияи Муъминобод дар мусобиқаҳо дар солҳои 2012-2014*

| №. | Солҳо | Мусобиқаҳои ноҳияви | Мусобиқаҳои вилояти | Мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ | Мусобиқаҳои байналмилалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2012 | 12 | 10 | 8 | 0 | 35 |
| 2 | 2013 | 18 | 10 | 9 | 0 | 37 |
| 3 | 2014 | 27 | 9 | 8 | 1 | 45 |

Дар доираи «Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ноҳия нақша-чорабинӣ тартиб дода шудааст, ки дар доираи он пайваста чорабиниҳои варзишӣ гузаронида мешавад.

*Дастовардҳои варзишгарони ноҳияи Муъминобод дар мусобиқаҳои солҳои 2012-2014*

| № | Солҳо | Медали тилло | Медали нуқра | Медали биринҷи | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2012 | 5 | 27 | 15 | 47 |
| 2 | 2013 | 12 | 28 | 37 | 77 |
| 3 | 2014 | 30 | 12 | 37 | 79 |

Инчунин дар ноҳияи Муъминобод 8-толори варзишӣ ва 1-клуби варзиш, 1-варзишгоҳ ва 62-майдончаҳои варзишӣ мавҷуд буда, варзишгарон аз онҳо самаранок истифода бурда истодаанд. Сол аз сол иншоотҳо, толорҳои варзишӣ бо сабку услуби замонавӣ сохташуда, бо ҳамин васила варзиш дар ноҳияи Муъминобод рушд намуда истодааст. Бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ноҳияи Муъминобод бо пайдошудани шароит барои тамрини ҷавонон аз рӯи ҳама намуди варзиш дар деҳаҳои қаламрави ноҳия сексияҳои варзиширо тасмим дорад.

***Сайёҳӣ.*** Барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти ноҳияи Муъминобод соҳаи сайёҳӣ нақши муҳим дошта, он яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва муҳим ба ҳисоб меравад.

Ноҳияи Мӯъминобод дорои мероси бойи таърихию фарҳангӣ ва захираҳои табиию рекреатсионие (маҳалаҳои кӯҳӣ, мавзеҳои экологӣ ва мамнӯъгоҳҳо) мебошад, ки барои рушди ҳам туризми дохилӣ ва ҳам қабули сайёҳони хориҷи мусоидат менамоянд. Инчунин ноҳияи Муъминободро бо табиати зебо талу теппаҳо ва ду дарёи асоси Ёхсу, Сурхак, обанбори Мӯъминобод ва мамнӯъгоҳи табиии Чилдухтарон мешиносанд. Ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар ноҳия метавонанд, инчунин мавҷудияти ҷойҳои истироҳати ва таърихӣ аз қабили Қалъаи Мир, маркази сайёҳии кӯҳистони Чилдухтарон, зиёратгоҳи мақбараи Шоҳи Хомӯш, мақбараи Мир Саид Ҷалолиддини Гулдаста, мақбараи Хоҷаи Нур, хонамузейи Соҳиб Табаров ва дигар ёдгориҳои таърихи мусоидат намоянд.

**Қалъаи Мир** - ёдгории асрҳои 3-4 буда солҳои асри гузашта аз ҷониби бостоншиносон Эркиной Ғуломова ва Музаффар Азизов дар ин ёдгории беназир корҳои кофтукови шурӯъ шуда буданд, вале бо сабабҳои номаълум ин корҳо то ба охир ба анҷом расонида нашудаанд. Дар ҳолати давом додани корҳои кофтукоби ба қадри имкон аст ки нигораҳои таърихи ёфт шавад ва бозёфтҳои нави ин мавзеъ метавонад, диққати сайёҳони дохилию хориҷиро бештар ҷалб созад.

**Мамнӯъгоҳи табиии Чилдухтарон.** Яке аз ёдгориҳои беназири табиат дар шимолу шарқии ноҳия ҷойгир буда, дар масофаи тақрибан 28 км дуртар аз маркази ноҳия ҷойгир мебошад.



Бо мақсади боз ҳамривоҷу равнақ додани соҳаи туризм дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2009, №299 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014» қарори раиси ноҳия аз 8 июли соли 2009, №255 қабул гардидааст. Дар доираи барномаи мазкур вазифаҳои гузошташудаи аввалиндараҷа аз инҳо иборат мебошад:

- таъсиси механизми самараноки танзими давлатӣ ва дастгирии туризм;
- ташаккули стратегияи маркетингӣ оид ба таҳия ва пешрафти минбаъдаи маҳсулоти туристии миллӣ дар бозори дохилӣ ва берунӣ;
- рушди ҳамкори байналмилалӣ.

Захираҳои табиию фароғатии ноҳия, мавҷудияти ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, фарқиятҳои этникӣ, расму оини хоссаи меҳмоннавозии мардуми ноҳия, чашмаҳои шифобахш, қуллаҳои аз 3000 метр боло, дарёҳои кӯҳӣ ва гиёҳҳои нодиру шифобахш, мавқеи хоси ҷуғрофӣ имконият медиҳад, ки дар ояндаи наздик дар ҳудуди ноҳия навъҳои зерини саёҳӣ ривоҷ дода шаванд:

- куҳнавардӣ, туризми пиёдагардии кӯҳию варзишӣ;
- туризми автомобилӣ;
- туризми экологӣ;
- туризми таърихию маърифатӣ ва этникӣ;
- шикори байналмилалӣ ва ғайра.

Дар айни замон дар ноҳия омилҳои зиёде мавҷуданд, ки ба рушди устувори соҳаи туристӣ монеа пеш меоваранд. Инҳо пеш аз ҳама менеҷменти заиф дар худи саноати туристӣ ва ҳам дар соҳаи ба он омехта, фарсудашавии фондҳои асосии дар иншооти инфраструктураи туристӣ мавҷуда, ба таври самаранок ба роҳ намондани корҳои рекламавӣ, набудани сайти алоҳида дар Интернет оид ба ҷалби туристон, набудани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ва кӯҳгардӣ (гидҳо, роҳбаландҳо) тарҷумонҳои забонҳои хориҷӣ, набудан ё кам будани маълумотномаҳои мухталиф аз қабили китобчаҳо, расмҳо, буклетҳо оиди мавзеҳои ҷолиби диққат ва шароитҳои мавҷудаи самти сайёҳӣ дар бораи ноҳия ва ғайра ба ҳисоб меравад. Илова бар ин яке аз муҳимтарин мушкилотҳои рушди соҳаи туристӣ ин масъалаи норасогии маблағ мебошад.

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ

***Таъминот бо оби нӯшокӣ***. Дар ҳудуди ноҳия барои таъмини оби нӯшокӣ ва нигоҳубини иншооти обтаъминкунию танзими меъёри об Корхонаи Фаръии Давлатии Обтаъминкунӣ ва инчунин шабакаҳои оби нӯшокие, ки аз тарафи ташкилотҳои байналмилалӣ сохта шудаанд, фаъолият менамоянд. Корхонаи Фаръии Давлатии Обтаъминкунии ноҳия Муъминобод соли 1980 ташкил шуда, дар он 16 нафар коргар кор ва фаъолият мекунанд, ки аз ин 2 нафар дорои маълумоти олӣ, 2 нафар дорои маълумоти касбӣ техникӣ ва коргарони боқимонда дорои маълумоти миёна мебошанд.

Дар тавозуни корхонаи мазкур 2 насоси оббарорӣ, 5 чоҳи амудӣ, ҳавзи обҷамъкунӣ бо ҳаҷми умумии 1500 м3 ва 16,5 км хатҳои обтаъминкунӣ қарор дорад.

Корхонаи мазкур фаъолияташро дар асоси шартнома ба роҳ монда, дар соли 2014 ҳамагӣ 752 шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонида, дар заминаи он ба 730 хонавода, 4 ташкилотҳои худмаблағгузор ва 18 ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ хизмат мерасонад.

*Таъминоти аҳолии ҷамоатҳои ноҳияи Муъминобод бо оби тозаи нӯшокӣ*

| Ҷамоатҳо | шахра-ки Муъми нобод | деҳоти Н.Наза ров | деҳоти Деҳиба ланд | деҳоти Боғғай | деҳоти Ш. Шоҳин | деҳоти Балхо-бӣ | деҳоти Чилдух тарон | Ҳамагӣ дар ноҳия |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аҳолӣ (нафар) | 13400 | 15840 | 14362 | 11931 | 10769 | 11500 | 6498 | 84300 |
| Бо оби нӯшокӣ таъмингардида | 8087 | 6292 | 6150 | 7496 | 4195 | 6730 | 2160 | 41110 |
| Бо фоиз | 60,3 | 39,7 | 42,8 | 62,8 | 39 | 58,5 | 33,2 | 48,7% |
| Бо оби нӯшокӣ таъмин нест | 5313 | 9548 | 8212 | 4435 | 6574 | 4770 | 4338 | 43190 |
| Бо фоиз | 39,7 | 60,3 | 57,2 | 37,2 | 61 | 41,5 | 66,8 | 51,3% |

Аз ҷадвали мазкур бармеояд, ки аз ҳама мушкилоти вазнин вобаста ба таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар ҷамоати деҳоти Чилдухтарон ба назар мерасад ва он 66,8 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамзамон ин нишондод дар ҷамоатҳои деҳоти Ш. Шоҳин (61%) ва Н. Назаров (60,3%) низ таваҷҷӯҳи махсусро талаб мекунад. Маълумоти расмии оморӣ нишон медиҳад, ки дар ноҳияи Муъминобод ба сифати сарчашмаҳои таъмини оби нӯшокӣ обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ истифода бурда мешаванд. Сарчашмаҳои асосии таъминоти оби нӯшокии аҳолии ноҳияи Муъминобод хати оби марказӣ, хатҳои оби берун аз хона ва наздиҳавлигӣ (41,4%), оби кашонидашуда (5,8%), оби дарёҳо, кулҳо, ҳавзҳо, чуйҳо ва наҳрҳо (6%), чашмаҳо (35,4 %), боришоти табиӣ (3 %), чоҳҳои амудӣ (8,1%) ва дигар сарчашмаҳо (0,2%) мебошад. Мутаассифона, на ҳамаи ин сарчашамаҳои оби нӯшокӣ ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ҷавобгӯй мебошад, ки ин яке аз мушкилотҳои асосии соҳа ба шумор меравад.

Дар ноҳия 41110 нафар ё 48,7 фоизи аҳолӣ бо оби нӯшокӣ таъмин буда ва 51,3 фоизи аҳолӣ бо оби тозаи ошомидании марказонидашуда дастрасӣ надоранд ва аз сарчашмаҳои табиии оби нӯшокӣ, аз оби чашма ва дарёҳои Сурхак ва Ёхсу истифода мебаранд. Барои қисми зиёди аҳолии ноҳия таъминоти оби нӯшокӣ бо усули табиӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ҳудуди ноҳия танҳо 1 хатти оби нӯшокии қубурии қутраш 216 мм бо дарозии 7,8 км ва 8,5 км хати оби нӯшокии қутраш 80 мм мавҷуд буда, 40,8%-и аҳолии маркази ноҳия аз он истифода мебарад.

Корхонаи номбурда танҳо ба аҳолии маркази ноҳия, яъне ба шаҳраки Муъминобод хизмат мерасонад. Хати оби нӯшокии маркази ноҳияи Муъминобод талаботи аҳолиро пурра қонеъ карда наметавонад. Дар натиҷаи солҳои тӯлонӣ истифодаи бурдан ва зиёд шудани шумораи муштариён қубурҳои обгузар кӯҳнаю фарсуда гардидаанд.

Аз натиҷаи таҳлили ҷадвали мазкур бар меояд, ки аҳолӣ аз ҳама бештар вобаста ба норасогии об дар моҳҳои май, сентябр ва октябр танқисӣ мекашанд. Дастраси умумии аҳолӣ ба хатҳои оби нӯшокӣ 60,3%-ро ташкил дода, 39,7 %-и дигари аҳолӣ аз норасогии

об танқисӣ мекашанд. Илова бар ин, маълум гардид, ки 22 %-и муштариён барои ҳаққи истифодаи об маблағ пардохт намекунанд, ки ин корро дар ин самт боз ҳам мушкилтар мегардонад. Оби нӯшокие, ки аҳолӣ тавассути хатҳои марказӣ истифода мебаранд бе коркард ва бехлор мебошад. Хонаводаҳо бисёртар оби нӯшокиро аз нуқтаи марказӣ ва чашмаҳо истифода мебаранд. Нововаста аз оне, ки баҳри аз байн бардоштани мушкилотҳои мавҷуда Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод кӯшиш ба харҷ медиҳад, мутаассифона баъзе мушкилотҳо то ҳол ҳалли худро наёфтаанд.

*Норасогии об дар хоҷагиҳои хонаводагӣ вобаста ба давраҳои сол*

| Моҳҳои сол | Шумораи хонаводаҳо | (% аз N-530) |
|---|---|---|
| Январ | 203 | 38,3 |
| Феврал | 197 | 37,17 |
| Март | 190 | 35,85 |
| Апрел | 119 | 22,45 |
| Май | 68 | 12,83 |
| Июн | 99 | 18,68 |
| Июл | 102 | 19,25 |
| Август | 91 | 17,17 |
| Сентябр | 59 | 11,13 |
| Октябр | 60 | 11,32 |
| Ноябр | 73 | 13,77 |
| Декабр | 120 | 22,64 |

Аксарияти манбаъҳои об панҷараи муҳофизати санитарӣ, ҳавзҳои такшинкунӣ ва ҳавзи бо маҳлули хлор тозакунии обро надоранд. Сарбанди хатҳои обгузар посбонӣ карда намешаванд ва онҳо ба меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯ нестанд.

Таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар доираи Барномаи рушди ноҳия дар қатори дигар ҳадафҳо ба сифати самти афзалиятнок пешбинӣ шуда, таъмин дастрасии аз чор ду ҳиссаи аҳолӣ ба обу санитария то соли 2020, таҳкими самаранокии истифодаи об, хусусан дар соҳаи кишоварзӣ, коҳиш додани талафот аз офатҳои табиии марбут ба об, ҳамчун вазифаҳои аввалиндараҷаи соҳа ба ҳисоб меравад.

*Нишондиҳандаҳои асосии хизматрасонии Корхонаи Фаръии Давлатии Обтаъминкунии ноҳияи Муъминобод дар тӯли солҳои 2012-2014*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2012 | 2013 | 2014 |
| 1 | Шумораи умумии муштариён (танҳо дар маркази ноҳия-шаҳраки Муъминобод), аз ҷумла | нафар | 4981 | 5062 | 5117 |
| | Аҳолӣ | нафар | 12693 | 12979 | 13447 |
| | - ташкилотҳои буҷавӣ | адад | 18 | 18 | 18 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | адад | 4 | 4 | 4 |
| 2 | Пардохти ҳаққи истифодаи об, аз ҷумла, | | | | |
| | - аҳолӣ | сомонӣ | 62118 | 65471 | 67000 |
| | - ташкилотҳои буҷавӣ | сомонӣ | 48000 | 48000 | 48121 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 23761 | 24377 | 25489 |
| 3 | Қарзи муштариҳо дар назди корхона, | | | | |
| | - аҳолӣ | сомонӣ | 69391 | 72452 | 75004 |
| | - ташкилотҳои буҷавӣ | сомонӣ | 16329 | 15000 | 12000 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | - | - | - |
| 4 | Нархи об (1 $м^3$) | | | | |
| | - аҳолӣ | дирам | 0,7 | 0,7 | 0,7 |
| | - ташкилотҳои буҷавӣ | дирам | 1,0 | 1,0 | 1,0 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | дирам | 2,0 | 2,0 | 2,0 |
| 5 | Истеҳсоли шабонарӯзии об | $м^3$ | 930 | 950 | 950 |
| 6 | Талафоти умумӣ | % | 49% | 33% | 30% |

Аз соли 2013 инҷониб дар ҳудуди ноҳия аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалии “Каритас”, “Оксфам” дар 19 деҳаҳои ноҳия ба дарозии 16,2 км ба маблағи 1,8 млн. сомонӣ хатҳои оби нӯшокӣ кашида шудааст.

Дар доираи Барномаи мазкур дар назар аст, ки дар солҳои 2016-2020 аз ҳисоби маблағҳои 2,47 миллион сомонӣ сармояи хориҷии ташкилоти “Оксфам” барои 1417 нафар аҳолии 14 маҳалла бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин гардида, инчунин чорабиниҳои пешгирии ҳолатҳои фавқулодда ва беҳтар намудани ҳолати санитарии мавзеъҳои манбаи оби нӯшокӣ амалӣ карда мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки Корхонаи Фаръии Давлатии Обтаъминкунии ноҳия дар давоми солҳои 2007-2012 аз ҳисоби буҷаи ҷумҳуриявӣ, инвеститсияи хориҷӣ ва буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ карда нашудааст.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №514 аз 2 феврали соли 2006 “Дар бораи тасдиқи Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020” бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии маркази ноҳияи Муъминобод дар ҳаҷми 1,39 миллион сомонӣ маблағҳои буҷетӣ ва сармояи хориҷӣ дар давоми солҳои 2016-2020 пешбинӣ гардидааст.

***Хоҷагии манзилию коммуналӣ.*** Корхонаи давлатии фаръии “Хоҷагии манзилӣ-коммуналии ноҳияи Муъминобод” соли 1975 ташкил карда шуда, ба корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб мебошад. Дар корхона ҳамагӣ 50 нафар коргарон фаъолият менамоянд, ки онҳо асосан ба кабудизоркунӣ, ободонии маркази ноҳия, чароғонкунӣ, тозагии санитарӣ ва хизматрасонии фонди манзили машғул мебошанд.

Дар тавозуни муассиса 15 хонаи дуошёнаи коммуналӣ мавҷуд аст, ки масоҳати умумии онҳо 5100 м2 мебошад. Муассиса ба 180 нафар истиқоматкунандагони хонаҳо хизмат мерасонад. Хизматрасонии коммуналӣ ва нигоҳдории фонди манзил аз таъмири бомҳои хонаҳо, таъмири дару тирезаҳо, таъмири даромадгоҳҳо ва равшаникунонии даромадгоҳҳо иборат мебошанд.

Хизматрасониҳои аз ҷониби КДФ-и “Хоҷагии манзилӣ-коммуналии ноҳияи Муъминобод” расонидашаванда ва фарогирии истеъмолкунандагон:

- баровардани партовҳои сохти маишӣ 25%;
- баровардани партовҳои моеъ 15%;
- нигоҳдорӣ ва истифодаи фонди манзил, дар биноҳои ду ошёна 8%;
- ободкунӣ, кабудизоркунӣ ва равшанкунонии ҳудуди марказ аз ҳисоби буҷети маҳалӣ 100%.

Корхонаи мазкур ба ҳисоби миёна ба 21600 муштариён барои баровардани партовҳои сахти маишӣ (ПСМ) хизмат мерасонад.

КДФ-и “Хоҷагии манзилӣ-коммуналии” ба 23 корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва сохторҳои тиҷоратӣ, инчунин ба аҳолӣ оид ба баровардани ПСМ шартнома дорад ва 75 фоизи корхонаву ташкилотҳоро сохторҳои тиҷоратӣ ташкил менамояд.

Барои ҷамъоварии ПСМ дар корхонаи мазкур 3 адад автомашинаи тамғаи ГАЗ-53, 1 адад трактори Т-40 кор мекунад, ки хеле фарсуда шуда, қариб аз фаъолият боз мондааст. Шумораи автомашинаҳо барои бо пуррагӣ хизмат расонидан ба аҳолии марказ нокифоя мебошад. Бинобар нокифоягии шумораи автомашинаҳои партовбардор, норасогии сӯзишворӣ ва дур будани масофаи роҳ то маҳалҳои деҳот, корхона барои баровардани партовҳои сатҳи ҷамоатҳо имконият надорад. Партовгоҳи марказӣ бо масоҳати 25000 м2 дар масофаи 3,5 км аз маркази ноҳия дур ҷойгир аст ва ба талаботи санитарию-экологӣ пурра ҷавобгӯ нест.

Мушкилоти асосии корхонаи номбурда нокифоягии техникаҳои нави коммуналӣ (партовкашонӣ, асенизатсионӣ) мебошад. Барои солҳои 2016-2020 ба корхона 2 автомашинаи партовбардории КАМАЗ, 2 автомашинаи асенизатсионии тамғаи ГАЗ-53 ва автомашинаи обпошии ЗИЛ-130 дастрас намудан зарур аст.

Барои таъмири болопӯши хонаҳои коммуналӣ (хонаҳое дар тавозуни корхонаи мазкур қарор доранд) дар солҳои 2016-2020 тақрибан 115000 сомонӣ маблағ зарур аст. Умуман барои ҳалли мушкилиҳои ҷойдоштаи КДФ «Хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ»-и ноҳия дар солҳои 2016-2020 зиёда аз 532 ҳазор сомонӣ маблағ зарур мебошад.

Дар тавозуни муассисаи КДФ-и «Хоҷагии манзилию коммунали»-и ноҳияи Муъминобод инчунин 10 нуқтаи партовҷамъкунӣ мавҷуд аст, ки барои ПСМ хонаҳои коммуналӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар маркази ноҳия ва ё ҳудуде, ки бо хизматрасонии коммуналӣ фаро гирифта шудааст зиёда аз 13447 нафар аҳолӣ истиқомат менамояд.

*Ҳаҷми умумии партовҳои сахти маишӣ дар ноҳияи Муъминобод дар солҳои 2012-2014. (м3)*




Ҳаҷми миёнаи солонаи партовҳои сахти маишии (ПСМ) воқеан баровардашаванда аз ҳисоби аҳолӣ 1209 $м^3$ ва аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои 302 $м^3$ -ро ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ дар як шабонарӯз 7,5 $м^3$ партовҳо кашонида мешаванд.

Мутобиқи меъёрҳои муайяншуда, ҳаҷми ПСМ-и баровардашуда дар ноҳия ба ҳисоби миёна ҳар сол 2737 $м^3$-ро ташкил медиҳад.

Дар ноҳия ҳаҷми зиёди партовҳоро партовҳои сахти маишӣ ташкил менамоянд. Дар ҷамоатҳо ҷамъ карда баровардан ва безарар намудани партовҳои сахти маишӣ ба роҳ монда нашудааст. Муассисаи коммуналии ноҳия, ки бевосита ба ин корҳо мутасаддӣ мебошад, айни ҳол иқтидори дар сатҳи ҷамоатҳо ҳал намудани ин мушкилиро надорад. Дар доираи Барномаи рушди ноҳия барои ҳалли масъалаи зикргардида ҷудо намудани қитъаҳои алоҳидаи замин ҷиҳати ташкил намудани партовгоҳ пешбинӣ мегардад.

Дар ноҳия шабакаи канализатсия ва иншооти тозакунанда умуман вуҷуд надорад ва ин ҳолат ба ҷамъшавии ҳаҷми зиёди партовҳо ва ифлос шудани муҳити зист оварда мерасонад. Ба набудани хатти канализатсионӣ нигоҳ накарда дар маркази ноҳияи Муъминобод сохтмони биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ ва маъмурию маишӣ идома дорад. Шароити географии ҷойгиршавии ноҳия барои ташкил намудани истироҳатгоҳҳо, иншоотҳои сайёҳӣ ва осоишгоҳҳо мусоид мебошад, вале набудани хизматрасони рифоҳӣ ба ин раванд таъсири манфӣ мерасонад.

Дар доираи Барномаи мазкур барои ҳаллу фасли ин масъала сохтмони 2,5 км хатти ташноб дар ҳудуди шаҳраки Муъминобод ба маблағи 1077 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шудааст. Инчунин, барои беҳтар намудани сифати хизатрасонии рифоҳӣ дар давраи солҳои 2016-2020 ташкил намудани муассисаи коммуналӣ дар маркази ҷамоатҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

***Мушкилоти асосии соҳа:*** иқтидори паст ва эҳтиёҷ доштани КДФ “Хоҷагии манзилию коммуналӣ”-и ноҳия ба техникаҳои партовкашонӣ, обпошдиҳанда, эксқватор, асенизатор ва техникаи боркунанда, мавҷуд набудани хати оби нӯшокӣ дар аксарияти деҳаҳои ноҳия, дар тавозуни ҷамоатҳо қарор надоштани хатҳои обгузар ва масъалаҳои вобаста ба таъмири онҳо, минтақаи муҳофизати санитарӣ надоштани ҳавзҳо ва хатҳои оби нӯшокии мавҷуда, ҳавзҳои такшинкунии хок ва ҳавзи тозакунӣ бо хлор маҳлул карда намешаванд, сарбанди хатҳои обгузар посбонӣ карда намешаванд ва ба меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯ нестанд, талафот аз офатҳои табиӣ марбут ба об.

Инчунин, мавҷуд набудани оби нӯшокӣ дар баъзе деҳаҳои ноҳия, кӯҳна будани шабакаҳои обрасонӣ, корношоям будани обмилакҳо ва надоштани ҷумакҳо, ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ҷавобгуй набудани сарчашмаҳои обгирӣ, зиёд будани талафоти шабонарӯзии об, нокифоя будани маблағгузорӣ, нарасидани таҷҳизотҳо ва корношоям гаштани воситаҳои техникӣ, коркард нагардидани партовҳо ва дар ҳолати ғайриқаноатбахш вуҷуд доштани онҳо, пурра ба қайд гирифта нашудани истифодабарандагони хизматрасонӣ, таъмирталаб шудани болопӯши корхонаҳои коммуналӣ.

## 4.2. Таъмини барқ

Дар ноҳия ба таъминоти барқ муассисаи «Шабакаҳои барқии ноҳияи Муъминобод» машғул буда, ҳоло он зертобеи ҶСК «Шабакаҳои барқи Кӯлоб» мебошад. Теъдоди кормандони он 54 нафар буда, аз ин шумора 10 нафарашон кормандони муҳандисӣ-техникӣ мебошанд. Шабакаи барқии мазкур ба 169 ташкилоту муассисаҳои буҷетию ғайрибуҷетӣ ва 8501 нафар муштариёни (хоҷагиҳои оилавӣ) ноҳияи Муъминобод хизмат мерасонад. Аҳолии ноҳия бо нерӯи барқ, ба ғайр аз моҳҳои октябр-феврал, шабонарӯзӣ таъмин мебошанд.

Дар тавозуни муассисаи номбурда 198 зеристгоҳи барқии шиддаташ 10/0,4 кВт, (бо назардошти ЗИБ-35/10 кВ «Муъминобод» ва ЗИБ-35/10/6 кВ «Насосҳо» бо иқтидори умумии 10,5 ҳазор кВа) бо иқтидори умумии 167 ҳазор кВт қарор дорад.

Дар ноҳия дарозии умумии хатҳои барқии шиддатнокиашон 10 кВт – 378 км ва дарозии хатҳои барқии шиддатнокиашон 0,4 кВт –596 км буда, ҷиҳати бо нерӯи барқ пурра таъмин намудани аҳолии ноҳия имконият медиҳад. Мутаасифона то ҳол дар ноҳия аҳолии 23 деҳа (аҳолии деҳаҳои Хонбегӣ, Шуғноншаҳр, Ғарабдараи чаппа, Оби наврӯша, Деғламон, Шаҳбача ва ғайраҳо) аз барқ маҳрум мебошанд. Бо ёрии Сафорати Ҷопон 3 деҳаҳои ҷамоати деҳоти Чилдухтарон бо хатти барқ таъмин карда шуданд. Дар доираи татбики Барномаи рушди ноҳия пешбинӣ мешавад, ки ин деҳаҳои зикргардида бо сарфи маблағи тақрибан 2 миллион сомонӣ бо нерӯи барқ таъмин карда хоханд шуд.

*Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи барқрасонӣ дар тӯли солҳои 2013-2014*

| Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 2013 | 2014 | Соли 2014 дар қиёс бо соли 2013 бо % |
| Маблағи умумии аз фурӯши қувваи барқ | сомони | 1718877 | 1575560 | 92 |
| Ҳаҷми умумии истифодаи қувваи барқи | кВт/с | 29790991 | 28105420 | 94,3 |
| Аз он ҷумла аҳолӣ | сомони | 1174441,5 | 1215589 | 104 |
| Ҳаҷми умумӣ | кВт/с | 15205062 | 17057116 | 112,2 |
| -ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | сомони | 606737,6 | 509416,0 | 84 |
| Ҳаҷми умумӣ | кВт/с | 9913640 | 11048304 | 111,4 |
| Арзиш 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна): | дирам | | | |
| - аҳолӣ | дирам | 11 | 12,6 | 114,5 |
| - ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | дирам | 9,2 | 9,5 | |
| Қарзи умумии муштариён, аз он ҷумла: | сомони | 4656712,7 | 5517340,7 | 18,4 |
| - аҳолӣ | сомони | 3855689 | 4657022 | 20,7 |
| - ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | кВт/с | 605132,5 | 769218,4 | 27,1 |
| -талафоти умумӣ | % | 16,1 | 18 | 11,8 |

Аз сабаби мавҷуд набудани гази табиӣ аҳолии ноҳияи Муъминобод аз қувваи барқ аз меъёр зиёд истифода мебаранд ва дар натиҷа ин ҳолат ба корношоям гардидани 9 трансформатор, хатҳои барқӣ ва шабакаҳои тақсимотӣ оварда мерасонад. Ин вазъият аксар фасли тирамоҳу зимистон ба мушоҳида мерасад. Бинобар баланд будани нархи ангиштсанг аҳолӣ дарахтон ва дигар бутаҳоро ҳамчун сӯзишворӣ истифода мебаранд, ки ба раванди муқаррарии мувозинати табиат ва муҳити зист зарари зиёди барқарорнашаванда мерасонанд. Бинобар ин, дар ноҳия бунёд намудани силсилаи НОБ-ҳои хурду миёнаи барқӣ обӣ зарур аст.

Мушкилиҳои асосии соҳаи барқтаъминкунии ноҳияи Муъминобод, ин ҷамъоварии нокифояи маблағи пардохти истифодаи нерӯи барқ мебошад. Талаботи умумии ноҳия ба нерӯи барқ дар фасли зимистон то 12 МВт ва дар фасли тобистон 8 МВт мебошад. Дар дохили ноҳияи Муъминобод барои қонеъ намудани талаботи муштариёни ноҳия нерӯи барқ истеҳсол намешавад.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 феврали соли 2009 №73 «Дар бораи барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ дар давраи солҳои 2009-2020» сохтмони нерӯгоҳҳои оби барқии хурд бо иқтидори 200 кВт/с дар деҳаҳои Марғак, Шаҳринави поён ва Боғгаӣ бо ҷалби сармояи хориҷиву дохилӣ пешбинӣ шудааст.

***Мушкилиҳои соҳаи барқрасонӣ***: нокифоягии шумораи мавҷудаи трансформаторҳо, зарурияти иваз намудани трансформаторҳои тавоноияшон паст ба баландтар, фарсудаю корношоям ва таъмирталаб гаштани 60% ХИБ ва симчӯбҳои барқӣ, сарбории зиёди истгоҳҳои трансформаторӣ, мавҷуд набудани нерӯи барқ дар деҳаҳои Хонбегӣ, Шуғноншаҳр, Ғарабдараи чаппа, Оби наврӯша, Деғламон, Шаҳбача, Хоҷа Ҳақиқ, маҳаллаҳои навбунёди Чорсотиқа, Ҳанатарош ва ғайраҳо, норасогии техникаи хозиразамон барои корхонаи Шабакаҳои барқи Муъминобод, аз ҷумла, автокран, автомашинаи одамкаш барои интиқоли бригадаи садамавиии барқчиён, автомашинаи боркаш, автокран.

### 4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ

Алоқаҳои дохилӣ ва берунии нақлиётию иқтисодӣ ба воситаи нақлиёти автомобилӣ амалӣ гардонида мешаванд. Барои ноҳияи Муъминобод рушди робита бо шаҳри Душанбе ба воситаи роҳҳои автомобилгарди Муъминобод-Кӯлоб-Душанбе ва ба маркази вилоят бо роҳҳои Муъминобод-Қурғонтеппа, ки барои баровардани маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ ва иҷрои нақшаҳои истеҳсолию коркарди маҳсулот имконият медиҳад, муҳим мебошад. Дар хизматрасонии нақлиётии ноҳия нақши муҳимро шабакаи роҳҳои маҳаллӣ мебозанд, ки талаботро дар кашонидани борҳои корхонаҳо ва хоҷагиҳои алоҳида қонеъ менамоянд ва инчунин роҳҳои пайвастшаванда ба шабакаи ассосии роҳҳо ба шумор мераванд.

Дар ноҳия Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард амал мекунад. Муассисаи мазкур тобеи Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда дар он 33 коргарон фаъолият менамоянд. Корхона дорои 12 адад техникаҳои роҳсозӣ, нақлиёт ва таҷҳизотҳо мебошад. Аз шумораи умумии техникаҳо 2 адад коршоям ва 10 техникаи боқимонда бо сабаби набудани қисмҳои эҳтиётӣ корношоям мебошад. Дар мувозинаи муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Муъминобод ҳамагӣ 169,2 км роҳҳои автомобилгард мавҷуд буда, аз ин 17,7 км мумфарш карда шудааст. Роҳҳои истифодаи аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта 26 км ва роҳҳои аҳамияти маҳалли дошта (дар тавозуни МДНРА) 143,2 километрро ташкил медиҳанд. Солҳои охир бинобар набудани маблағи зарури дар аксарияти роҳҳо солҳои дароз (зиёда аз 25 сол) таъмири ҷорӣ ва асосӣ гузаронида нашудааст. Ҳолати воқеии роҳҳо ва пулҳои ноҳия бинобар солҳои тӯлонӣ аз сабаби норасогии маблағгузорӣ таъмир нагаштан, хело фарсуда шуда, ба сохтмон ва азнавбарқарорсозӣ эҳтиёҷ доранд. Дар аксарияти маҳалҳои аҳолинишин ва заминҳои корами обӣ дар канори роҳҳо қубурҳои обгузар шинонида нашудааст ва об ба сатҳи роҳ баромада, сабаби пеш аз

мӯҳлат вайроншавии роҳҳо мегарданд. Зиёда аз 15 км роҳи аҳамияти ҷумҳуриявӣ доштаи ҷамоатҳои деҳоти Деҳибаланд ва маркази ноҳия, 85 км роҳҳои маҳаллӣ аз ҷумла роҳҳои Кулчашма, Ғеш, Момандиён, Марғак, Деҳлоло ва роҳҳои ҷамоати деҳоти Чилдухтарон ба таъмири асосӣ ва ҷорӣ ниёз доранд, ки ҳамаи ин ба бехатарии ҳаракат дар роҳу нақлиёт мушкилоти ҷиддиро пеш меоварад.

Барои пурра бартараф намудани мушкилотҳои ҷойдошта дар давоми солҳои 2016-2020 тақрибан 9123 ҳазор сомонӣ маблағ зарур аст.

Инчунин дар ҳудуди ноҳия 19 адад кӯпрук ва 26 адад қубурҳои обгузар мавҷуд мебошанд. Аз 19 кӯпрукҳо 9 ададашон таъмирталаб ва 5-тои дигар бошад ба азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд. Илова бар ин аз 7 кӯпруке, ки дар натиҷаи сар задании офати табиии харобгаштаанд, аз сабаби набудани маблағи зарурӣ то ҳол барқарор карда нашудаанд. Ин мушкилотро дар ҷамоати Ш. Шоҳин дар деҳаҳои Кулдамон, Фурӯзоба, Шаймирӣ, Кулчашма, Ғеш, Момандиён ва дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Чилдухтарон мушоҳида намудан мумкин аст.

Ҳолати техникии роҳҳои мавҷудаи ноҳия ба меъёрҳои роҳсозӣ ва ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯ нестанд ва дар 25 соли охир ягон маротиба таъмири асосиро надидаанд (бахусус роҳҳои маҳаллӣ). Бинобар ин, бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №165 аз 1 апрели соли 2011 "Дар бораи тасдиқи Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025" дар ҳудуди ноҳияи Муъминобод таҷдиди роҳи автомобилгарди ба дарозии 52 км ба маблағи умумии 0,62 миллион доллари ИМА, таҷдиди роҳи автомобилгарди ба дарозии 12,5 км ба маблағи 0,11 миллион доллари ИМА, ва азнавсозии роҳи автомобилгарди бо дарозии 4,8 км ба маблағи 0,026 млн доллари ИМА аз ҳисоби сармояи хориҷӣ ва буҷети давлатӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар доираи Барномаи рушди ноҳия таъмир ва барқарорсозии роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявию маҳалли дошта ва харидорию навсозии техникаи нигоҳубинии роҳҳо дар назар аст ва барои нигоҳдорӣ ва таъмири роҳҳои мошингарди ноҳияи Муъминобод барои солҳои 2016-2020 тақрибан 59,5 млн. сомонӣ маблағ зарур мебошад.

Айни ҳол соҳаи нақлиёти истифодаи умум ва боркашонии ноҳия пурра аз ҷониби соҳибкорон амалӣ мешавад. Дар соҳаи нақлиёти автомобилии ноҳия зиёда аз 49 нафар соҳибкорони инфиродӣ фаъолият доранд, ки аз ин 17 нафар ба боркашонӣ, 9 нафар ба воситаи микроавтобусҳо ва 24 нафар бо нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат мекунанд, ки талаботи ноҳияро дар ин самт пурра таъмин карда наметавонанд.

Тибқи маълумоти оморӣ соли 2014 дар ноҳия 1710 адад воситаи нақлиётҳои автомобили давлатӣ ва шахсӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбати соли 2012 ба 173 адад зиёд мебошад. Аз шумораи умумии нақлиётҳои дар ноҳияи Муъминобод мавҷуд буда 1609 ададро мошинҳои сабукрав, 165 ададро автомашинаҳои боркаш ва 15 ададро автобусҳо ташкил менамоянд.

Дар ноҳия терминали мусофиркашонии ҷамъияти саҳомии «Сафар-Музаффар» фаъолият менамояд, ки дар он 11 нафар кору фаъолият менамояд. Мақсади асосии ташкили ин терминал таъмини пешниҳоди хизматрасонии хушсифат дар самти мусофиркашонӣ, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба ин намуди хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад. Дар соли 2014 ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ дар қиёс ба соли 2012 мутаносибан 14,7 ва 22,1 фоиз афзоиш ёфтааст.

Тибқи нақшаи дурнамо афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ то соли 2018 (дар муқоиса бо иҷроиши соли 2014) мутаносибан 5,2 ва 17,1 фоиз дар назар дошта шудааст.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи нақлиёт ва роҳ:*** дар ҳолати ногувор қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ ва пулҳо, аз офатҳои табиӣ хароб гаштани кӯпрукҳо, норасогии техникаҳои ҳозиразамон барои корҳои таҷдид ва азнавсозии роҳҳо, норасогии воситаҳои молиявӣ барои гузаронидани таъмири асосӣ ва ҷории роҳҳо махсусан роҳҳои маҳаллӣ, таъмирталаб будани техникаи мавҷуда, аз офати табиӣ хароб гаштани қисми

кӯпрукҳо ва таъмирталаб будани онҳо, фарсуда гаштани фарши қисми асосии аксарияти роҳҳои ноҳия, таъмирталаб будани роҳҳои маҳаллӣ, корношоям шудани воситаҳои техники ва набудани техникаи ҳозирзамон дар МДНРА «Муъминобод».

**Таъмини газ.** Дар самти таъминоти газ дар ноҳияи Муъминобод як нуқтаи гази моеъ аз соли 2012 фаъолият карда истодааст. Бо сабаби пурра таъмин нагаштани аҳолии ноҳия бо гази моеъ, онҳо гази моеъро инчунин аз шаҳрҳои Кӯлоб ва Душанбе дастрас менамоянд. Тамоми аҳолии ноҳия ҳамчун алтернатива барои гарм кардани хонаҳо аз ангишт, хокаи ангишт, ҳезум ва нерӯи барқ истифода мебаранд. Ҳезум асосан аз ҳисоби буридани дарахтони бисёрсолаи талу теппа ва дигар буттаҳои саҳроӣ захира карда мешавад, ки ин ба муҳити зист таъсири манфӣ расонида, дар бисёр мавридҳо боиси рух додани офатҳои табиӣ мегардад.

Дар доираи Барномаи мазкур дар ноҳия аз ҷониби соҳибкорон сохтмони 2 нуқтаҳои нави таъминоти гази моеъ ва дигар намудҳои сӯзишворӣ пешбинӣ мегардад.

### 4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ

Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии алоқа дар ноҳия филиали ҶСК "Тоҷиктелеком"-и минтақаи 4 фаъолият менамояд, ки дар заминаи он 1 адад дастгоҳи рақамии дорои 2000 рақамаи гуфтугӯи байнишаҳрӣ васл карда шудааст (дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ 45 км ва шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ 730 адад).

Аҳолии ноҳияи Муъминобод аз хизматрасонии шабакаҳои мобилии «Tcell», «Мегафон», «Билайн» ва «Вавилон» истифода мебаранд. Илова бар ин, дар доираи Барномаи мазкур, барои беҳтар намудани сифати хизматрасонии соҳаи алоқа пайваст кардани хати алоқаи нурии ҷамоатҳо бо маркази ноҳия ва вилоят ба маблағи умумии 198 ҳазор сомонӣ пешбинӣ мегардад.

Дар ҳудуди ноҳия 4 барномаҳои симо ва садои ҷумҳурӣ пахш мешаванд (фарогирии барномаҳои телевизионии "Шабакаи аввал" 99,7 фоиз, «Сафина» 81 фоиз, "Баҳористон" 52 фоиз, "Ҷаҳоннамо" 79 фоиз ва фарогирии мавҷи барномаи радиои ҷумҳуриявӣ 37 фоиз).

Дар ноҳия дар як моҳ як маротиба рӯзномаи «Субҳи меҳнат» бо теъдоди 600 нусха нашр карда мешавад.

Дастгоҳи чопии матбааи ноҳия кӯҳна ва фарсуда буда ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ нест, зеро аз соли 1960 инҷониб хизмат карда истодааст. Аз ин рӯ сифати маводҳои чопӣ хуб набуда, толабот ба ин маводҳо рӯз то рӯз кам гашта итодааст ва ин омил барои баланд бардоштани маърифатӣ фарҳангии шаҳравандон таъсири манфӣ мерасонад. Дар доираи Барномаи мазкур дар тӯли солҳои 2016-2020 таъмири бинои матбаа ва таҷҳизонидани он бо таҷҳизотҳои муосир пешбинӣ мегардад.

***Мушкилоти асосии соҳа:*** норасогии кадрҳои соҳаи алоқа, набудани маблағ ва техникаи зарурии хизматӣ барои сари вакт барқарор намудани алоқаи байнишаҳрӣ ва дохилӣ, сатҳи пасти талабот ба воситаҳои алоқаи статсионарӣ ва сари вақт пардохт нашудани ҳаққи хизматрасонӣ, набудани таҷҳизоти мавҷқабулкуние, ки то деҳаҳои дурдаст пахши барномаҳоро таъмин намояд, сифати пасти хизматрасонии соҳа, корношоям будани таҷҳизоти матбааи ноҳияи Муъминобод.

# БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

## 5.1. Ҳифзи муҳити зист

Вазъи муҳити зист дар ҳамаи бахшҳои Барномаи мазкур таҳлил гардида, чораҳои нигоҳ доштани устувории он баён шудаанд. Мушкилиҳои асосии соҳа хеле зиёданд, аз ҷумла, бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо, дарахтзорҳо ва ҷангалзорҳо, зиёд шудани теъдоди ҳодисаҳои буридани дарахтон ва кӯрукшиканӣ, ифлосшавии мавзеъҳои кӯҳсор бо партовҳои сахти маишӣ, хавфи ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулодда (сел, ярч), азхудкунии заминҳои наздикӯҳӣ бе назардошти релефи он, бад шудани ҳолати чарогоҳҳо, азхудкунии ғайриқонунии канданиҳои фоиданоки табиӣ, аз ҷумла хок, қуму санг, шағал ва ғайраҳо.

Ноҳияи Муъминобод яке аз ноҳияҳои кӯҳистонии кишвар буда, ноҳияи кишоварзӣ ҳисобида мешавад ва аз ин лиҳоз проблемаҳои экологии минтақа дар алоқамандии зич бо фаъолияти кишоварзӣ вобаста мебошад. Ҷойгиршавии географӣ, иқлими мӯътадил ва релефи кӯҳӣ дар минтақа бахри инкишофи ҷангалзор ва нашъунамои он мусоидат менамояд. Қисми зиёди масоҳати ноҳияро кӯҳҳо иҳота намуда, замини обии ноҳия ҳамагӣ 2085,7 гектарро ташкил медиҳад.

Таъсири иқтидори саноатии ноҳия ба муҳити зист он қадар зиёд нест. Дар ноҳияи Муъминобод ҳамагӣ як корхонаи хурди дӯзандагӣ, як корхонаи истеҳсоли сангу шағал, ду коргоҳи коркарди чӯбу тахта, 21 адад осиёби обӣ фаъолият мекунанд ва ба ҳолати экологии ноҳия таъсири антропогении воқеъӣ намерасонанд. Ҳавои атмосфера дар ҳудуди ноҳияи Муъминобод асосан аз ихроҷоти нақлиёти автомобилӣ, ки миқдораш 1710 адад мебошад, ифлос мешавад.

Кишоварзони ноҳия аслан ба растанипарварӣ, боғдорӣ ва чорвопарварӣ машғул мебошанд. Зиёда аз 72 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагонӣ дошта, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Мушкилиҳои асосии экологии ноҳия, ки аз онҳо сатҳи некуаҳволӣ (камбизоатӣ)-и аҳолӣ вобаста аст, ба самтҳои зерин дахл дорад:

- норасоии оби обёрӣ ва вазъи мелиоративии заминҳои обӣ,
- ҳолати чарогоҳҳо,
- ҳифз ва истифодаи самараноки мавзеъҳои ҷангал.

Дар ноҳияи Муъминобод тавассути канали Қулулу (бо дарозии 5 км), ки 100 гектар замин тавассути он обёрӣ мешавад, канали деҳаи Ғофулобод бо дарозии 3 км, 24 гектар боғро обёрӣ менамояд бо ғунҷоишии 4м/сония мавҷуд аст, ки солҳои 70-80-уми асри гузашта ба истифода дода шуда буданд ва ҳамагӣ 10 иншооти гидротехникӣ дошта, зиёда аз 32 га замину дарахтзорро бо об таъмин мекунад. Ин каналҳо дар натиҷаи солҳои тӯлони истифода шудан ғунҷоишашон кам шуда, ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо яке аз мушкилиҳои соҳаи кишоварзии ноҳияи Муъминобод мебошад.

Майдони чарогоҳҳои ноҳия бошад 53194 га буда, шумораи умумии чорво (соли 2014) 34607 сар чорвои шохдори калон ва 113986 сар бузу гӯсфанд ба қайд гирифта шудааст. Дар ноҳия 94 фоизи саршумори чорво ба сектори аҳолӣ ва 6 фоиз ба сектори хоҷагии деҳқонӣ рост меояд. Дар ноҳия ҳамагӣ 143147 сар чорвои калону майда ба қайд гирифта шудааст, ки ҳамаи он ба секторҳои ҷамъияти, аҳолӣ ва хоҷагии деҳқони инфиродӣ тааллуқ доранд.

Дар доираи “Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015” масъалаҳои ҳалталаби соҳаи ҷангал ва самтҳои асосии он бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт ва беҳбуд бахшидан ба ҳолати муҳити зист пешбинӣ шудааст. Тибқи Барномаи мазкур дар ҳудуди ноҳияи Муъминобод тӯли солҳои 2013-2015 зиёд намудани шумораи дарахтони сояафкан ва то 14 гектар зиёд намудани майдони ҷангалзор пешбинӣ шудааст.

Яке аз масъалаҳои муҳими экологии ноҳияи Муъминобод ин сари вақт ҷамоварӣ нагаштани партовҳо мебошад. Партовгоҳи марказӣ дар масофаи 3,5 км дур ҷойгир

шуда, аз се як ҳиссаи роҳи он таъмири асосиро талаб менамояд. Илова бар ин, нуқтаҳои ахлотпартоии мавҷуда талаботи имрӯзаро қонеъ гардонида наметавонад ва айни замон зарурати сохтмони нуқтаҳои нав ба миён омадааст. Бар замми ин, бинобар боришоти зиёди пай дар пай каналу ҷӯйҳои обпарто ба таъмиру азнавсозӣ ниёз доранд.

Мавҷуд набудани хадамоти коммуналӣ дар ҷамоатҳо боиси пайдо шудани партовгоҳҳои сершумори ғайрирасмӣ, ифлос шудани замин, соҳилҳои иншооти об ва афзудани хатари сар задании касалиҳои сироятӣ мегардад.

Манбаъи дигар ташаккули партовҳои хатарноки муассисаҳои тиббии ноҳия ва хадамоти байтории ноҳия мебошанд. Муассисаҳои тиббӣ бояд бо печҳо барои сӯзонидани партовҳои хатарнок, барои чорвои аз касалиҳо фавтида ташкили чоҳҳои Беккер зарур аст. Дар айни замон дар ноҳия чунин таҷҳизоти ба ҳифзи табиат мусоидаткунанда мавҷуд нестанд. Ҳамаи ин ба зиёд шудани касалиҳо миёни аҳолӣ, афзудани хароҷоти онҳо барои табобат, коҳиши сатҳи дарозумрӣ ва баланд шудани сатҳи камбизоатӣ меоварад.

Барои ҳалли ин масъалаҳо лозим аст, ки дар ҳудуди ҷамоатҳои ноҳияи Муъминобод барои ташкил намудани партовгоҳ қитъаҳои алоҳидаи замин ҷудо карда шуда, ҷиҳати ташкил намудани муассисаҳои коммуналии хусусӣ ё давлатӣ ва дар соҳаи мазкур ба хизматрасонӣ машғул гардидани онҳо, мусоидат намудан зарур аст.

Муаммои дигар ин нокифоягии дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокӣ мебошад. Дастрасии аҳолии ноҳияи Муъминобод ба оби нӯшокӣ бошад, ба таври умумӣ 48,7 фоизро ташкил дода, 51,3 фоизи аҳолӣ аз норасоии об танқисӣ мекашанд. Дар маркази ноҳия ҳамагӣ 12,34 км хати оби нӯшокӣ гузаронида шудааст. Аҳолии боқимондаи ноҳия ба сифати оби нӯшокӣ аз сарчашмаҳои обтаъминкунии обҳои рӯизаминиву зеризаминӣ ва чашмаю ҳавзҳо истифода мебаранд.

Дар ноҳияи Муъминобод хатти ташноб (канализатсия) вуҷуд надорад, ки ин ба сохтмон ва ба истифода додани хонаҳои бисёрошёна дар ноҳия монеъ мегардад. Мавҷуд набудани хатти ташноб (ба хусус дар нуқтаҳои аҳолинишин) метавонад боиси ифлосшавии обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ гардад. Айни замон корҳои сохтмонӣ ҷиҳати гузаронидани хатти ташноби ноҳия оғоз гардид, ки барои беҳ гаштани муҳити экологии атроф таъсири мусбӣ мерасонад.

Барои баланд бартоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ нохия зарур аст, ки як қатор чорабиниҳо амалӣ карда шаванд, аз ҷумла: ташкил ва гузаронидани аксияҳо ва ҳаргуна чорабиниҳои кабудизоркунии ноҳия, ки ба барқарорсозии ҷангалзор равона карда шудааст, ташкили маҷмӯи намоишҳои экологӣ дар телевизиони вилоят, ташкили маҷаллаҳо дар рӯзномаи ноҳия, ташкил намудани низоми таблиғи умумии донишҳои экологӣ ва шароит барои ташаккул ва баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ, ташкили «Патрулҳои сабз», ҳаракати экологии ҷавонони Тоҷикистон дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ.

Мушкилии дигари соҳаи экологии ноҳия, ки бештар ба пайдоиши хатари ба вуқӯъ пайвастани офатҳои табиӣ дахл дорад, пеш аз ҳама дар вуҷуд надоштани селпартоҳо дар ҷамоатҳои деҳоти Боғгай, Ш.Шоҳин, Балхобӣ ва Н.Назаров марбут мебошад. Дар ҳамин хусус зарур аст, ки дар деҳаи Кулчашма, Чашмаи ҷӯшон, Пули Лангар, Кулдамон, Туту, Боғабиб селпартовҳо сохта шаванд ва маҷрои дарёчаҳое, ки аз байни ин деҳаҳо убур менамоянд, корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ анҷом дода шаванд.

## 5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда, пешгирӣ ва паст кардани хатари пайдоиши онҳо

Ҷамоатҳои деҳоти ноҳияи Муъминобод асосан мувоҷеҳи селҳо, ярчҳо ва сангчарххо ҳастанд. Ба ғайр аз ин, шароити иқлимии ноҳия сербарфу борон буда, хунукиҳои сахт дар тамоми ҳудуди он ҳукмронанд.

Ноҳия дорои 6 ҷамоати деҳот буда, 17 сойи хурду калон азҳудуди ноҳия мегузарад баъзе деҳаҳо дар минтақаҳои хатарнок ҷойгиранд. Аз 138 деҳа ва 18 кӯча мавҷуда 43 деҳа 4 кӯча мувоҷеҳи офатҳои табиӣ мебошанд, ки ин 30,3% нуқтаи аҳолинишинро ташкил медиҳад. Шумораи умумии хоҷагиҳои дар ҳудуди ноҳия 10831 аз инҳо 2794 хоҷаги дар минтақаҳои хавфнок зиндаги мекунанд, 25,8% хоҷагиҳо, дар минтақаи

хатарнок ҷойгиранд. Ҳамагӣ дар минтақаҳои хатарнок 13138 нафар ё 15,4% аҳолӣ зиндагонӣ мекунанд.

*Таносуби шумораи деҳоти дар минтақаҳои*
*хатарнок ҷойгирифтаи ноҳияи Муъминобод*

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи деҳаҳо дар ҷамоат | Шумораи деҳаҳо дар минтақаҳои хатарнок |
|---|---|---|---|
| 1 | Балхобӣ | 14 | 7 |
| 2 | Ш.Шоҳин | 17 | 6 |
| 3 | Боғгаӣ | 16 | 7 |
| 4 | Деҳбаланд | 16 | 5 |
| 5 | Н.Назаров | 28 | 9 |
| 6 | Чилдухтарон | 47 | 3 |
| | Ҳамагӣ: | 138 | 41 |
| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи хоҷагиҳо дар ҷамоат, ҳамагӣ | Шумораи хоҷагиҳо дар минтақаҳои хатарнок |
| 1 | Балхобӣ | 1365 | 538 |
| 2 | Ш.Шоҳин | 1275 | 1223 |
| 3 | Боғгаӣ | 1410 | 104 |
| 4 | Деҳбаланд | 1933 | 230 |
| 5 | ш.Муъминобод | 1835 | 401 |
| 6 | Н.Назаров | 2171 | 214 |
| 7 | Чилдухтарон | 847 | 84 |
| | Ҳамагӣ: | 10831 | 2794 |
| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи аҳолӣ ҳамагӣ | Шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои хатарнок |
| 1 | Балхобӣ | 11500 | 2977 |
| 2 | Ш.Шоҳин | 10869 | 4748 |
| 3 | Боғгаӣ | 11934 | 593 |
| 4 | Деҳбаланд | 14362 | 770 |
| 5 | ш.Муъминобод | 13447 | 2610 |
| 6 | Н.Назаров | 16900 | 1093 |
| 7 | Чилдухтарон | 6498 | 347 |
| | Ҳамагӣ: | 85510 | 13138 |

Тамоми ҳудуди ноҳия бо офатҳои табиӣ, монанди боронҳо, барф вазидани шамол сахт ва фаромадани ярчу тармаҳо мувоҷеҳ ҳастанд.

Ҳамзамон, барои ноҳия ҳолати аз ҳамахафнок, ин эҳтимолияти омадани сел мебошад. Дар ҳолати омадани сел ва Ярч ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия зарари калон мебинад, ки зиёда аз 2794 хоҷаги ва 13138 аҳоли зери хатар мемонад.

*Номгӯи офатҳои табиие, ки деҳотро таҳдид мекунанд*

| Ҷамоатҳои деҳот | Деҳа | Намуди ҷараёни таҳдидкунанда |
|---|---|---|
| Ҷамоати шаҳраки Муъминобод | кучаи С.Назаров | Сел, |
| | кучаи Ҷ.Руми | Сел |
| | кучаи А.Фирдавси | Сел, |
| | кучаи А.Раҳимов | Сел |
| | | |
| Ҷамоати деҳоти Н.Назаров | д.Ғеш | Сел, ярч |
| | д.Садбарго | Сел, |
| | д.Марғаки убара | Сел, ярч |
| | д.Личаки боло | Сел |
| | д.Тихоро | Сел, ярч |
| | д.Кулчашма | Сел, |
| | д. Момандиён | Сел |
| | д. Деҳлоло | Сел, обзеркунӣ |

| | | |
|---|---|---|
| | д.Гулистон | Сел, |
| Ҷамоати деҳоти Чилдухтарон | д.Ҷавзодара | Сел |
| | д.Дегрез | Сел, ярч |
| | д.Сафедбанд | Ярч |
| Ҷамоати деҳоти Боғгай | д. Хуҷаи Нур | Ярч |
| | д.Шаймири | Сел |
| | д.Сарсиблоқ | Ярч |
| | д.Яккачинор | Сел |
| | д.Чорводор | Сел |
| | д.Сангдараи убара | Сел |
| | д.Чуқурак | Ярч |
| Ҷамоати деҳоти Ш.Шоҳин | д.Ободон | Сел |
| | д.А.Рудаки | Сел |
| | д.Туту | Сел |
| | д.Чашмаи Ҷушон | Сел |
| | д.Сангдараи боло | Сел |
| | д.Сангдараи поён | Сел |
| Ҷамоати деҳоти Балхоби | д.Балхоби | Сел |
| | д.Момирак | Сел |
| | д.Туто | Сел |
| | д.Боғи Ҳабиб | Сел |
| | д.Тебалай | Сел |
| | д.Ғарабдара | Сел, Ярч |
| | д.Шулулу | Сел, Ярч |
| Ҷамоати деҳоти Деҳбаланд | д.Файзобод | Сел |
| | д.Ҳанатарош | Сел |
| | д.Сармайдон | Сел |
| | д.Шулдуқ | Сел |
| | д.Деҳбаланд | Сел |

Ҳисоб кардани шумораи офатҳои табиӣ дар давраи солҳои 2012-2014 ба вуҷуд омада имконнопазир аст, зеро дар санадҳо хисороти умумие, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ тайи ин солҳо ба вуқӯъ омадааст, нишондода шудаанд ва шумораю намудҳои офатҳои табиӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки маблағи умумии ин хисорот 10165511 сомониро ташкил медихад. Инҳо асосан боронҳои шадиду давомнок, селҳо, бориши барфи зиёд, фаромадани ярч мебошанд.

Дар натиҷаи офатҳои табиӣ дар тӯли се соли охир ба иқтисодиёти ноҳияи Муъминобод дар ҳаҷми умумии 10 миллиону 183 ҳазору 750 сомонӣ зарар расонида шудааст. Зарари аз ҳама зиёд ба соли 2012 рост омадааст. Сабабгори асосии он боронҳои шадид буданд, ки боиси омадани сел ва обхезиҳо гаштанд.

Хисороти бештар аз боришоти барфу борон ва селҳо ба соҳаҳои инфрасохтор, кишоварзӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ ворид шудааст.

*Зараре, ки ҲФ ба инфрасохтори ноҳияи Муъминобод расонидааст*

| Иншоотҳои зарардида | Маблағи зарар, сомонӣ | | |
|---|---|---|---|
| | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
| Хонаҳои истиқоматӣ | 478600 | - | 312483 |
| Мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ | 19000 | - | 950000 |
| Муолиҷахона ва беморхонаҳо | - | - | 16000 |
| Иншоотҳои маданию маишӣ | - | - | - |
| Роҳҳо | 1056687 | - | 1064400 |
| Пулҳо | 1817000 | - | 613900 |
| НИБ (ЛЭП) | 11000 | - | - |
| Хатҳои обгузар ва канализатсионӣ | 145000 | - | 179683 |
| Кишоварзӣ | 1056797 | - | 63100 |
| Иншоотҳои дигар Соҳилҳо | 848000 | - | 1551000 |
| Ба кӯчонидан ниёз доранд | 500 | - | 600 |
| Ҳамагӣ: | 5432584 | | 4751166 |

Дар давраи нишондодашуда хисороти зиёдтар дар қиёси фоизӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва инфрасохтор расидааст. Ин хисороти ба кишоварзӣ ва инфрасохтор расида дар ҳамин давра беш аз 0,002 маротиба аз қисми хароҷоти буҷети ноҳия, ки ба ин соҳа равона шудааст.

*Дар сурати ва эътиноии ноҳияи Муъминобод чунин пешбинӣ шудааст: ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулодда сохтори омодабошӣ*

**Сохтори омодабошӣ ва эътино ба ҲФ дар ноҳияи Муъминобод чунин мебошад**




Айни замон, дар ноҳияи Муъминобод 10 хадамот вуҷуд дорад, ки бевосита ба эътинои офатҳои табиӣ ҷалб гардидаанд. Дар зер рӯйхати хадамоти мазкур бо нишон додани нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷоти онҳо оварда шудааст:

| Хадамоти алоқа ва хабардоркунӣ (ҶСШК «Тоҷиктелеком») | | |
|---|---|---|
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Шумораи кормандон 7 нафар<br>Маркази огоҳкунанда ва алоқа 1-адад<br>Дизел 44 кВт - 1 адад<br>Автомашинаи ВАЗ 2121 1-адад<br>Симчубхо 10-адад<br>Зерсутуни бетони 10-адад | Кабели «Нахи Нури» 4000м<br>Кабели ПТВҶ 38000м<br>Кабели П-274 3000м<br>Чангак(крюк) 16-дона<br>Каскаи муҳофизати 16-дона | Маркази алоқа ва огоҳкунӣ-<br>3-адад<br>Ноқил -10,5 км.<br>Маводи сӯхтор ва молиданӣ- 4,5 тонна. |
| Хадамоти тартиботи ҷамъияти (ШКД) | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Нақлиёти автомобилӣ-3адад | Вуҷуд надорад | Нақлиёти автомобилӣ – 3 адад<br>Мотосикл - 10 адад |
| Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ 15 нафар<br>Автомашинаи сӯхторхомушкунӣ 1- адад | Рудаи оташнишони диаметри 125 4-дона 16 м<br>Рудаи оташнишонии диаметри 77 200м | Дастпӯшаки сӯхторхомӯшкунии диаметраш 77 мм – 600 м<br>Зинаи секабата 1-дона<br>Асбоби фишурдаи ҳаводиҳи АСБ-2 2-дона |

| | | |
|---|---|---|
| | Рудаи оташнишонии<br>диаметри 66 200м | Ниқоби муқобили газы<br>КИП – 8 13дона. |
| Хадамоти нақлиёт ва роҳсозӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ-33 нафар<br>Техникаҳои роҳсозӣ-12 адад | Сӯзишвории дизели 600 л | Сӯзишвории дизели 4000 л<br>Сӯзишвории бензин 1000 л<br>Равғанҳои молидани 1000 л<br>Погрузчик (боркунак) 1-адад |
| Хадамоти коммуналӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Шумораи кормандон 29 нафар<br>техникаи автомобилӣ:<br>ГАЗ – 53 – АСМ – 1 адад<br>Автомашинаи Форлан 2-адад<br>Булдозер Д21А 1-адад<br>Экскаватор RS 1-адад | Сӯзишвории дизелӣ 500 л<br>Намак 400 кг<br>Маводи зидди лағҷиш 2м3 | МСМ (ГСМ) – 1тонна<br>Автомашинаи АСМ – 1 адад<br>Автомашинаи обпошӣ 1-адад |
| Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемиологӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ – 13 нафар<br>Автомашинаи сабукрав - 1адад<br>Озмоишгоҳи паразитология ва бактерология – 1 адад<br>Яхдон - 1 дона | Сӯзанакҳои 0,5 млгр – 100 дона<br>Пахта – 2 кг<br>Докаҳо – 20 дона.<br>Гипохлорид – 50 кг | Гиперхлориди калси – 200 кг.<br>Дез. камераи сайёр – 1-дона .<br>Термостатор 1-адад<br>Дистиллятор – 1 адад<br>Пироҳани муқобили вабо – 10 дона<br>Лампаи бактериосидӣ 2дона<br>Ҷевони хушккунӣ 1-адад<br>Яхдон 2-адад |
| Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва наботот | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Шумораи кормандон бо ассотсиатсияҳои деҳқонӣ 21 нафар<br>Автомашинаи ГАЗ-52 2-адад<br>Трактор МТЗ-80 6-адад | Гандум 394 т<br>Картошка 239т<br>Ҷав 31 т | Ядак (присеп) 6-дона<br>Плуг 2-дона<br>Комбайн 1-дона |
| Хадамоти энергетикӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ – 14 нафар<br>Автомашинаи ГАЗ-53 1- адад<br>Автомашинаи Форлан 1адад<br>Зеристгоҳи 35/10кв - 6 адад<br>Зеристгоҳи 35/0,4 кв-5 адад<br>Хати интиқоли барқ:<br>35 кВ – 87 км<br>10 кВ – 92 км<br>0,4 кВ – 299,1-15 км<br>Камарбанди эҳтиётӣ, панҷаҳо – 8 ҷуфт<br>Равғани техникӣ – 500 литр | Сими алюминии намуди:<br>А-50-250 кг<br>А – 35 – 70 кг<br>А – 70 – 40 кг<br>Изолятори ШФ -10кв -50 адад<br>Изолятори ТФ-20<br>50 адад<br>Изолятори ИПТ-160-0,4.<br>4адад<br>Муҳофизаткунандаи<br>ПН - 400А-30 дона<br>Изолятори ИП – 10 кв 20 дона | Симчӯбҳо – 300 дона<br>Сӯзишворӣ – 6 тонна<br>Равғани техникӣ – 1000 л<br>Дастгоҳи тақсимкунандаи РЛНД-10 – 20 воҳид<br>Миёнбанди эҳтиётӣ, панҷаҳо (когти) – 30 ҷуфт<br>Ноқили барқии А – 50 – 2 т<br>Трансформаторҳо -160кв -2адад<br>Трансформаторҳо-250кв – 2 адад.<br>Ноқили АПВ-35-50-70 1000 м .<br>Фулузоти варақагӣ (катанка) 50 кг<br>Гӯшаи оҳанӣ (уголок) -63-63 700 кг<br>Электрод -80 кг |
| Хадамоти тиббӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Шумораи кормандон 104 нафар<br>Автомашинаи ёрии таъҷилӣ<br>2-адад<br>Кати ҷои хоб 100 –адад<br>Дизел 1-адад<br>Автомашинаи ВАЗ 2107 1-адад | 20% аз эҳтиёҷоти маводҳои доруворӣ тиббӣ | МСМ (ГСМ) – 1 тонна<br>Маводҳои зарурияти аввалиядоштаи тиббӣ ҳангоми рух додани ҲФ<br>Автомашинаи ёрии таъчили<br>1-адад |
| Хадамоти савдо ва озуқа | | |
| Шумораи кормандон 13-нафар<br>Бозор 1-адад<br>Мағоза 4-адад | Орд 300 кг<br>Намак 400 кг<br>Равған 20 кг<br>Биринч 50 кг<br>Гӯгирд 1000 дона | Автомашинаи боркаш тамғаи «Форлан» |

***Мушкилиҳои асосӣ оид ба паст кардани сатҳи офатҳои табиӣ дар ноҳия:*** набудани маблағҳои пулӣ дар буҷет барои низоми огоҳсозӣ/эътинои офатҳои табиӣ, барои таъсиси низоми огоҳкунии пешакӣ, барои гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ дар мавзеи осебпазиртари ноҳия ва самаранок набудани фаъолияти хадамотҳои ноҳиявӣ оид ба мудофиаи гражданӣ.

# БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

## 6.1. Нерӯи ташкилӣ ва зеҳнии ноҳия

Идоракунии давлатии ноҳия аз ҷониби мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал амалӣ мегардад.

Мақомоти намояндагии маҳаллӣ – Маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз 35 нафар (7 нафар зан) иборат мебошад. Илова бар ин, 2 нафари дигар аъзои Маҷлиси вакилони халқи Хатлон аз ҳудуди ноҳия ба ҳисоб мераванд, ки аз ин 1 нафараш зан мебошад. Ҷаласаҳои Маҷлис ҳар 3 моҳ гузаронида мешаванд ва дар ҳолатҳои зарурӣ метавонад ҷаласаҳои ғайринавбатӣ баргузор гардад. Дар ин ҷаласаҳо намояндагон буҷетҳои маҳаллиро тасдиқ намуда, дар бораи иҷроиши онҳо ҳисоботро мешунаванд, меъёрҳои андоз ва боҷи маҳаллиро муайян, барномаҳои рушдро тасдиқ менамоянд ва ҳисоботи мақомоти иҷроияи ҳокимиятро барраси мекунанд.

Аз ҷониби Маҷлис 5 комиссияи доимӣ дар зеромада ташкил шудаву фаъолият мебаранд:

- комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Муъминобод оид ба нақша, иқтисодиёт ва буҷет;
- оид ба қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва одоби вакилӣ;
- оид ба кишоварзӣ;
- оид ба маориф, тандурустӣ, фарҳанг, муносибатҳои миллӣ ва кор бо ҷавонон;
- оид ба сохтмон, хоҷагии коммуналӣ, саноат, савдо ва хизматрасонӣ.

Мутобиқи лимити муқараркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизматчиёни давлатии ноҳияи Муъминобод 109 воҳидҳои корӣ ҷудо гардидааст. Айни замон, дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия 43 нафар, (аз ҷумла 9 нафарашон занҳо) фаъолият мекунанд. Ба ҳолати 1 январи соли 2015 ҳамагӣ 2 ҷои кори холӣ мавҷуд мебошад. Дар дастгоҳи раиси ноҳия бошад 15 нафар, ки 3 нафарашон зан аст, кор мекунанд

Иқтидори техникии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва идораву муассисаҳои давлатии ноҳия 47 компютер, 38 принтер, 2 адад нуқтаи ба интернет пайвастшуда ва 7 факс буда, норасогии техникӣ 22 компютер, 22 принтер ва 14 факс (бо назардошти ҷамоатҳои деҳот) - ро ташкил медиҳад.

## 6.2. Таъминоти буҷетиву молиявӣ

Маблағгузории «Барномаи рушди ноҳияи Муъминобод барои солҳои 2016-2020» аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, сармояҳои дохилӣ (соҳибкорони ватанӣ) ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

- *Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома;*
- *Қарзҳои бонкӣ;*
- *Маблаги фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;*
- *Сармояи инвесторҳои хориҷӣ, ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;*
- *Сармояи муҳоҷирони меҳнатии берунмарзе, ки дар таъмини Барнома ҳавасманданд.*

Солҳои охир барои рушди ноҳия тавассути буҷети маҳаллӣ маблағ кам ҷудо карда мешавад.

Сарчашмаҳои асосии ташаккули буҷет - ин андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андози ягона, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, андоз аз амволи ғайриманқул ва ғайра маҳсуб меёбад. Таи солҳои 2012–2014 даромадҳои худии ноҳия ба ҳисоби миёна 26,9%-и қисми хароҷоти буҷетро мепӯшонанд, ки дар ин робита барои пӯшонидани касри буҷет субвенсия ҷудо мегардад.

*Нақшаи даромад ва хароҷоти буҷети ноҳияи Муъминобод дар давоми солҳои 2012-2014 (сомонӣ)*




Дар сохтори қисмати даромадии буҷети ноҳия андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз бо услуби соддакардашуда, андози ягона, ва андоз аз арзиши иловашуда дорои аҳамияти бештаранд.

*Таҳлили қисми иҷроиши даромади буҷети ноҳияи Муъминобод аз рӯи солҳо (ҳаз.сомонӣ)*

| | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Андози даромад аз шахсони воқеӣ | 2061,1 | 2819,1 | 3511 |
| Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ | 108,7 | 419,7 | 468,9 |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 545,9 | 882,5 | 752,3 |
| Андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо | 401,2 | 0,0 | 0 |
| Андоз бо услуби соддакардашуда | 589,1 | 209,1 | 669,4 |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 144,2 | 218,8 | 182,7 |
| Андоз аз фурӯши чакана | 215,2 | 0 | 0 |
| Боҷи давлатӣ | 169,6 | 249,2 | 203,4 |
| Андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт | 229,1 | 392,3 | 450,9 |
| Андоз аз амволи ғайриманқул | 147,7 | 564,1 | 637,6 |
| Андози ягона | 383 | 316,9 | 0 |
| Дигар даромадҳои ғайриандозӣ | 292,0 | 179,5 | 131,9 |
| Андози замин аз шахсони воқеӣ | 103,4 | 0 | 0 |
| Низоми махсуси андозбанди | 0 | 0 | 253,4 |
| Андози замин аз шахсони ҳуқуқӣ | 70 | 0 | 0 |

Аз диаграммаи овардашуда маълум мегардад, ки маблағ ба қисми даромади буҷет бештар аз ҳисоби андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андоз бо услуби соддакардашуда, андоз аз амволи ғайриманқул, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, боҷи давлатӣ, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, андоз аз амволи ғайриманқул ва дигар даромадҳои ғайриандозӣ ворид гардидааст. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки бо ҷорӣ гардидани амали Кодекси нави андози ҶТ аз 1 январи соли 2013, баъзе намудҳои андозҳо барҳам ё ба як намуд якҷоя карда шуданд ва вобаста ба он сохтори қисми даромади буҷет тағйир ёфт. Аз ҷумла андози замин бо андоз аз моликияти ғайриманқул якҷоя гардида боиси коҳиши пардохтҳо аз ин намуди андоз гашт.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки маблағҳои ҷудогардида аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ таи солҳои 2012-2014 беш 22400,3 ҳазор сомониро ташкил дода, аз ин 20331,7 ҳазор сомонӣ маблағҳои мақсаднок ва 2000,6 ҳазор сомонӣ ҳисоббаробаркуниҳо мебошад.

*Сохтори қисми даромади буҷети н. Муъминобод дар соли 2014 (ба ҳисоби фоиз)*




*Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ*
*аз рӯи гурӯҳбандии функсионалӣ дар соли 2014 (ба ҳисоби фоиз)*



Соли 2014 дар қиёс ба соли 2012 ҷамъи даромадҳо ба 1,5 маротиба, маблағҳои мақсаднок ба 1,8 маротиба, ҳисоббаробаркуниҳо ба 1,7 маротиба ва ҳамагӣ даромадҳо 1,7 маротиба афзоиш ёфтааст.

Буҷети ноҳияи Муъминобод хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷот ҳиссаи зиёдро соҳаҳои маориф ва тандурустӣ ташкил медиҳад. Дар соли 2014 ба ҳисоби миёна ҳиссаи соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) дар буҷети маҳаллӣ 89,3 %-ро ташкил медиҳад, ки аз ин хароҷот барои соҳаи маориф 62,5% ва соҳаи тандурустӣ мутаносибан 21,7%-ро ташкил дод.

Сабаби асосии афзудани хароҷоти соҳаи маориф дар солҳои охир ин ба меъёрҳои сарикасӣ гузаштани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ аст.

Сохтори хароҷотҳои буҷети ноҳияи Муъминобод аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ асосан аз категорияҳои музди маош ва суғуртаи давлатӣ, хароҷот барои коргузории молу хизматҳо, субсидияҳо ва хароҷоти асосӣ иборат мебошад. Хароҷоти асосӣ барои бунёди иншотҳои нав, таъмири биноҳо ва харидории таҷҳизот равона мешавад.

*Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ*
*аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ дар соли 2014 (ба ҳисоби фоиз)*




Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар соли 2014 беш аз 21872,6 ҳазор сомонӣ ва ё 85,6 фоизи хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ барои пардохти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокунии кордиҳандагон равона гардидааст. Маблағҳои барои нигоҳдорӣ ва таъмир равонкардашуда 1215,6 ҳаз. сомонӣ ва ё 3,8 фоиз ташкил медиҳад. Барои таъмини Барнома дар панҷ соли оянда фазои сармоягузориро дар ноҳия беҳтар намуда, ҷалби сармоягузорони хориҷию дохилиро ба роҳ мондан лозим аст.

# БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими низоми идоракунии татбиқи барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Муъминобод, низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад.

Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо қарори Раиси ноҳия таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии ноҳия). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро Раиси ноҳия ё яке аз муовинони он сарварӣ мекунад.

Бо қарори мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳия - сардори бахши рушди иқтисод ва савдо шахси масъул таъйин карда мешавад.

Раиси ноҳия фармоиши махсус мебарорад, ки нусхаи ҳисоботи семоҳаи ҳамаи лоиҳаҳои дар БРН дохилшуда барои ҳисобот ба бахши рушди иқтисод ва савдо пешниҳод шавад.

Муҳим аст, ки давра ба давра малака ва дониши аъзои гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ баланд бардошта шавад.

**Сохтори низоми мониторинг ва арзёбӣ.** Барои мониторинги Барномаи рушди ноҳия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур мебошад:

–то кадом андоза ҳадафҳои Барнома амалӣ шуда истодаанд;

–дар доираи Барнома, лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Ба ифодаи дигар, бояд мониторинги натиҷаҳои нақша (дар ин ҷо сухан дар бораи натиҷаҳои Барнома дар маҷмӯъ меравад, на натиҷаҳои лоиҳаҳои ҷудогонаи он) ва мониторинги ҷараёни татбиқи лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

***Мониторинги натиҷаҳои нақша*** бо роҳи ченкунии аҳамияти индикаторҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои нақшаро аз рӯи он мулоҳиза намудан мумкин аст, ки то кадом андоза мақсадҳои нишондиҳандаҳо ба даст омадаанд. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи маълумотҳои бахши омори ноҳия мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

***Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо*** дар доираи Барнома, тавассути параметрҳои зерин гузаронида мешавад: назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо барнома. Дар ин маврид ҷадвали электронӣ бо формати Excel таҳия мешавад ва бояд ҳар семоҳа ба таври синхронӣ ва бо ҳисоботнокии лоиҳаҳо тасҳеҳ карда шавад.

Азбаски сатҳи коркарди лоиҳаҳои БРН гуногун аст, он дар таҳияи низоми мониторинг ба назар гирифта шудааст. Лоиҳаи дар Барнома дохил кардашуда метавонад 5 ҷойгоҳ дошта бошад. Инчунин, он метавонад тамоман таҳия нашуда ва ҳоло дар марҳилаи таҳия қарор дошта бошад, лекин дар Барнома номи он зикр гардидааст. Лоиҳаҳое низ ҳастанд, ки пурра таҳия шудаанд, вале аз сабаби набудани маблағ ё дигар омилҳо татбиқи онҳо оғоз нагардидааст. Инчунин лоиҳаҳое ҳастанд, ки дар арафаи анҷомёбӣ қарор доранд ва лоиҳаҳое мавҷуданд, ки онҳо аллакай иҷро шудаанд. Шахсе, ки ҷадвали мониторингро пур мекунад, бояд рақамҳои 1 то 5-ро вобаста ба ҷойгоҳи воқеии лоиҳа гузорад.

Мониторинг ва арзёбӣ иҷрои лоиҳаҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо мекунад: «ҳамаш хуб»; «номувофиқатӣ дорад», «номувофиқатии ҷиддӣ дорад», «лоиҳа амалӣ нашудааст».

*Тартиби пур кардани ҷадвали мониторинги лоиҳаҳои барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Муъминобод*

| Ҷойгоҳи лоиҳа<br>(рақам аз 1 то 5) | Иҷрои лоиҳа<br>нишонгузории ҳарфӣ-рангӣ:<br>а-сабз в-сурх<br>б-кабуд г-хокистарранг |
|---|---|
| 1. Таҳия нашудааст<br>2. Мавриди таҳия қарор дорад<br>3. Таҳия шудааст<br>4. Амалӣ шуда истодааст<br>5. Амалӣ шудааст | (а)Ба нақша мувофиқ аст ё тамоили назаррас надорад.<br>(б)Тамоили назаррас ба нақша дорад.<br>(в)Тамоили қатъӣ ба нақша дорад.<br>(г)Лоиҳа амалӣ нашуда истодааст. |

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон/экспертҳо), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.

## Занҷири мантиқии блоки иқтисодӣ

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда/ Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Кишоварзӣ** | | | | | | | | | | | | |
| 1 | Беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори соҳаи кишоварзи | Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва беҳтар намудани дастрасии хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмиҳои хушсифат | Бунёди боғу токзори нав дар ҷамоатҳои деҳоти Деҳибаланд ва Н Назаров (дар 40 га). | 720,00 | | 720,00 | | | | КАРИТАС ва МИХД-и нохия | Сармояи хориҷи ва дохили | Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 30-35 фоиз |
| 2 | | | Сохтмони хати иловагии оби ирригатсиони дар масофаи 1 км барои заминҳои кишти оби табдил додани 101 га заминҳои лалмии деҳаи Тутқавул ҷ/д Боғгаӣ (тибқи қарори ҲҶТ №564 аз 5. 12 2013 ) | 400,00 | | 200,00 | 200,00 | | | Агентии беҳдошти замин ва обёри | Буҷети ҷумҳурияви | |
| 3 | | | Таъмин намудани кишоварзони маҳалли бо нуриҳои минерали ва тухмиҳои аълосифат (тибқи қарори ҲҶТ №564 аз 5. 12 2013 ) | 60,00 | 60 | | | | | Вазорати кишоварзи | Буҷети ҷумҳурияви | |
| 4 | | | Бунёди фермаи паррандапарвари дар деҳаи Деҳлоло | 150,00 | | | 60,00 | 90,00 | | МИХД-и ноҳия | Соҳибкорон | |
| 5 | | | Бунёди боғу токзор дар мавзеҳои обчамшав (40 га) | 80,00 | 80 | | | | | КАРИТАС | Сармояи хориҷи | |
| 6 | | | Барқароркуни хатти оби ирригатсиони дар деҳаи Қаълачаи ҷ/д Чилдухтарон | 1300,00 | | 700 | 600,00 | | | Шуъбаи кишоварзи | Сармояи хоричи ва дохили | |
| 7 | | | Барқароркуни хатти оби ирригатсиони дар деҳаи Навбахори ч/д Боғгай | 400,00 | | 200 | 200,00 | | | Шуъбаи кишоварзи | Сармояи хоричи ва дохили | |
| 8 | | | Тоза кардани дарёи Сурхак аз гилу шағал ба масофаи 15 км | 300,00 | | 70 | 100,00 | 130,00 | | Вазорати милиоратсия ва захираҳои об | Буҷети ҷумҳурияви | |
| 9 | | | Таъмири 1-адад пойгоҳи обкаши дар ҷ/д Деҳибаланд | 500 | | 200 | 300 | | | Вазорати милиоратсия ва захираҳои об | Бучети ҷумҳурияви | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда/ Масъулин | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 10 | | | *Бунёди гармхонаҳо дар ҷамоатҳои ноҳия* | *1000* | | *300* | *300* | *400* | | *Шуъбаи кишоварзи* | *Сармояи хориҷи ва дохили* | |
| 11 | | | *Сохтмони фермаи чорво* | *900* | | *400* | *500* | | | *Шуъбаи кишоварзи* | *Сохибкорон* | |
| 12 | | | *Сохтмони ҳавзи моҳигири* | *200* | *100* | *100* | | | | *Шуъбаи кишоварзи* | *Сохибкорон* | |
| 13 | | | *Тоза намудани 15,6 км заҳбуру заҳкашҳо бо мақсади беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишти обӣ д. Калолу ҷ\|д Н.Назаров* | *312* | | *150* | *162* | | | *Шуъбаи кишоварзи* | *Номуайян* | |
| 14 | | | *Барқарор намудани пойгоҳҳои обкашӣ ва 12-чоҳи амудӣ ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани 702 га замини обӣ* | *4000* | *300* | *600* | *700* | *1100* | *1300* | *Шуъбаи кишоварзи* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | |
| 15 | | | *Сохтмони барқарорсозии хатҳои фишори пойгоҳи об барории Муъминобод (2км), Маргак-1 (800м) ва Маргак-2 (1,4км)* | *3000* | *500* | *600* | *700* | *600* | *600* | *Шуъбаи кишоварзи* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | |
| 16 | | | *Барқарорсозии обанбор барои 2 млн м3 об дар мавзеи Ҳанатарош* | *2000* | | | | | | | *Номуайян* | |
| 17 | | | *Сохтмони хати иловагии оби ирригатсионӣ ба масофаи 1-км барои ба заминҳои кишти обӣ табдил додани 90 га заминҳои лалмии деҳаи Сиёхкафан ҷ\|д Н.Назаров* | *800* | | | | | | | *Номуайян* | |
| 18 | | | *Сохтмони хати иловагии оби ирригатсионӣ ба масофаи 800 м барои ба заминҳои кишти обӣ тадбил додани 60 га заминҳои мавзеи Хонтеппа ҷ\|д Н.Назаров* | *500* | | | | | | | *Номуайян* | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда/ Масъулин | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 19 | | | Сохтмони ҷойи забҳи чорво | 200 | | | | | | | Номуайян | |
| 20 | | | Таъсиси корхонаи коркарди меваву сабзавот дар д. Кулчашма ч\д Н Назаров | 610 | | | | | | | Номуайян | |
| 21 | | | Бунёди маркази мубориза бар зидди хашаротхои зараррасон | 170 | | | | | | | Номуайян | |
| 22 | | | Сохтмони бинои маъмурии хоҷагии ҷангали ноҳияи Муъминобод | 1100 | | | | | | | Номуайян | |
| | | | Хамагӣ дар бахши кишоварзӣ | 18702 | 1040 | 4240 | 3822 | 2320 | 1900 | | | |
| | | | Буҷети ҷумҳуриявӣ | 8260 | 860 | 1670 | 2000 | 1830 | 1900 | | | |
| | | | Маблағҳои худии соҳибкорон, аҳолӣ, х/д, ташкилоту муассисаҳо | 2250 | 100 | 800 | 860 | 490 | | | | |
| | | | Сармояи хориҷӣ | 2500 | 80 | 1620 | 800 | | | | | |
| | | | Номуайян | 5692 | | | | | | | | |
| **Саноат** | | | | | | | | | | | | |
| 23 | Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ | Пурра ба кор даровардани иқтидорҳои маҳаллии мавҷуда ва бунёди корхонаҳои нав дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ | Гузаронидани баходихи/асоснокkунии техникиву иқтисоди доир ба таъсиси минтақаи саноатии/технопарк н Муъминобод | 50 | 15 | 35 | | | | | Маблағҳои худи | |
| 24 | | | Гузаронидани корхои лоиҳакашии минтақаи саноатии/технопарк н. Муъминобод ва омода намудани сметаи харақоти | 200 | | 50 | 150 | | | | Номуайян | |
| 25 | | | Бунёди корхонаи истеҳсоли бетон ва маҳсулоти бетони 15 ҳаз.м3 (Муъмин-бетон) | 700 | | 300 | 200 | 200 | | | Номуайян | |
| 26 | | | Бунёди корхонаи истеҳсоли асфалт (Муъмин-асфалт) | 1000 | | | 200 | 300 | 500 | | Номуайян | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда/ Масъулин | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 27 | | | Бунёди корхонаи истеҳсоли хишт бо иқтидори 1 млн. дона дар як сол (Муъмин-крикет) | 500 | | | | 200 | 300 | | Сохибкорон | |
| 28 | | | Бунёди корхонаи истеҳсоли маҳсулоти сангу шағал | 600 | | | 300 | 300 | | | Сохибкорон | |
| 29 | | | Таъсиси кооперативи механикакунонишудаи сохтмонии иншоотҳои саноати ва маиши "Муъмин саноат сохтмон" дар н. Муъминобод | 2000 | | | 500 | 700 | 800 | | Номуайян | |
| 30 | | | Таҳия намудани стратегияи рушди соҳаи саноат ва ҷалби сармояҳо дар ин самт | 5 | 5 | | | | | | Буҷети маҳалли | |
| 31 | | | Гузаронидани баҳодиҳии захираҳои табии ва корҳои иктишофии геологи дар ноҳия ва омода намудани ҳисобот оиди захираҳо ва сарватҳои табии ва дастрасии онҳо | 60 | 60 | | | | | | Номуайян | |
| 32 | | | Гузаронидани корхои рекламави тавассути ВАО сатхи чумхурияви оиди чалби сармояи ватани ба нохияи Муминобод | 50 | | 50 | | | | | Буҷети маҳалли | |
| 33 | | | Таҳияи ва пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузори дар самти рушди соҳаи саноат тибқи Барномаи инвеститсионии давлати ва беҳтар намудани ҳамкориҳо бо вазоратҳои дахлдор (ВРИС, КДСИА, ВМ) оиди дастгирии онҳо | 5 | 2 | 3 | | | | | Буҷети маҳалли | |
| 34 | | | Сохтмони корхонаи истехсоли хуроки чорвои омехта (комбикорм) | 2000 | | | | 400 | 1600 | | Номуайян | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда/ Масъулин | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *Ҳамагӣ дар бахши саноат* | 7170 | 82 | 438 | 1350 | 2100 | 3200 | | | |
| | | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | | | | | | | | | |
| | | | *Бучети вилоятӣ* | | | | | | | | | |
| | | | *Буҷети маҳаллӣ* | 60 | 7 | 53 | | | | | | |
| | | | *Маблағҳои худии соҳибкорон, аҳолӣ, х/д, ташкилоту муассисаҳо* | 1150 | 15 | 35 | 300 | 500 | 300 | | | |
| | | | *Номуайян* | 5960 | 60 | 350 | 1050 | 1600 | 2900 | | | |
| | | | ***Соҳибкории хурд ва миёна*** | | | | | | | | | |
| 35 | Мусоидат намудан ба рушди соҳибкории хурду миёна | Ҷалб намудани бештари соҳибкорон ба рушди иқтисодиёти ноҳия | Сохтмон ва ташкили сехи дузандаги барои таъмини 60 нафар духтарони махалли бо чои кори нав (қарори ҲҶТ №564 аз 5 декабри соли 2013) | 500 | 500 | | | | | МИҲД н. Муъминобод | Бучети ҷумҳурияви | Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳибкории хурду миёна ба 12-17 % |
| 36 | | | Сохтмони нуқтаи қабули маҳсулоти кишоварзи | 100 | 100 | | | | | Зарипов М. | Соҳибкори маҳалли | |
| 37 | | | Сохтмони мағозаи тиҷорати дар ҷ/д Чилдухтарон | 130 | | 130 | | | | Намозов Темур | Соҳибкори маҳалли | |
| 38 | | | Бунёди НФС, ошхона ва мағозаи тиҷорати дар маркази шаҳрак | 600 | 300 | 300 | | | | Хасанов Одилхон | Соҳибкори маҳалли | |
| 39 | | | Бунёди нуктаи фуруши сузишвори | 400 | 200 | 200 | | | | Сатторов Чалол | Соҳибкори маҳалли | |
| 40 | | | Таъсиси сехи дусандаги иборат бо таъсиси 12 чойхои нави кори | 40 | 40 | | | | | ТҶ "Маркази дастгирии соҳибкории н. Муъминобод" | ТҶ "Маркази дастгирии соҳибкории н. Муъминобод" | |
| 41 | | | Ташкили коркарди сабзавот дар шароити хона ба чалби 10 нафар зан | 20 | 20 | | | | | ТҶ "Маркази дастгирии соҳибкории н. Муъминобод" | ТҶ "Маркази дастгирии соҳибкории н. Муъминобод" | |
| 42 | | | Ташкили дукони дузандаги дар шароити хона (5 нафар зан) | 10 | 5 | 5 | | | | ТҶ "Маркази дастгирии соҳибкории н. Муъминобод" | ТҶ "Маркази дастгирии соҳибкории н. Муъминобод" | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда/ Масъулин | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 43 | | | *Таъмини таҷҳизотҳои кори дар мағозаҳои хӯроквори (5 мағоза)* | *30* | *6* | *6* | *6* | *6* | *6* | *ТҶ "Маркази дастгирии соҳибкории н. Муъминобод"* | *ТҶ "Маркази дастгирии соҳибкории н. Муъминобод"* | |
| 44 | | | *Таъмини тачхизотхои коркарди чубу тахта (2 лоиха)* | *10* | *5* | *5* | | | | *ТҶ "Маркази дастгирии соҳибкории н. Муъминобод"* | *ТҶ "Маркази дастгирии соҳибкории н. Муъминобод"* | |
